Султони Ҳамад



# СУЛТОНИ ҚАЛБҲО

СУЛТОНИ ҲАМАД



# СУЛТОНИ ҚАЛБҲО

ДУШАНБЕ - 2012

НАШРИ ДУВВУМ

ББК 85. 313(3)+72.3+85.3
Ҳ - 31

**Султони Ҳамад**
**Султони қалбҳо**
**Душанбе:Бухоро, 2012. 353 саҳ.**

*Муҳаррир: Шаҳобуддини Шуҷоъ*

**Китоб бори аввал соли 2005 ба нашр расида буд. Инак бо хоҳиши алоқамандони садои ин хунёгари нотакрор нашри дуввуми он бо тағйироту иловаҳои зиёде ба чоп мерасад. Хонанда маълумоти тозаеро аз ин китоб дар бораи зиндагиномаи Аҳмад Зоҳир, пайвандон ва осори ӯ дастрас хоҳад кард. Муаллиф бо диди тоза ба суруду таронаҳои ӯ назар карда дар ин самт таҳлилҳои ҷолиберо бо дарназардошти корҳои дигар муҳаққиқони осори Аҳмад Зоҳир пешкаши хонанда месозад. Дар қисмати замимаи китоб низ тағйироту иловаҳои ҷиддӣ ворид карда шудаанд. Тақрибан тамоми аксҳои китоб бори аввал ба нашр мерасанд. Инъикоси мавзӯи маҳбубияти Аҳмад Зоҳир дар Тоҷикистон аз таваҷҷӯҳи муаллиф канор намондааст. Феҳристи таронаҳои Аҳмад Зоҳир ва шуарое, ки матни таронаҳояшро овозхон аз осори онҳо интихоб кардааст, то ҳадди имкон мукаммал гардонда шудааст.**

© *Султони Ҳамад, 2012*

# I. АЗ ХОНАДОН ТО ҶОВИДОН

## МАРО ЧУН ҚАТРАИ АШКЕ ЗИ ЧАШМ АНДОХТӢ РАФТӢ

Аҳмад Зоҳир дар қабулгоҳи раҳбари студияи телевизиони Кобул интизори дӯсташ Забеҳулло буд, ки кай аз назди раис мебарояду ӯро барои сӯҳбат ба он ҷо даъват мекунад. Забеҳулло бояд раисро аз ташриф овардани овозхони маъруф огаҳ мекард. Аҳмад Зоҳир дар хусуси сабти як консерташ дар телевизиони давлатӣ бо раис мулоқот карданӣ буд. Аз чӣ сабаб бошад, ки дӯсташ Забеҳулло таъхир кард. Ин боис гардид, ки кабӯтари хаёли Аҳмад Зоҳир ба парвоз дарояд…

Беш аз понздаҳ сол аст, ки овозхонӣ мекунад. Писанди алоқамандону мухлисони зиёде гардидааст. Дар ин байн ҳазорҳо консертҳояш аз тарафи мухлисону ҳаводоронаш, аз сӯи кормандони радиои Афғонистон, ширкатҳои наворбардорӣ сабт шудаанду ба миқдори миллионҳо коссети тайпиаш (магнитофонӣ) ба фурӯш бароварда шудааст. Аксҳояш қариб, ки дар ҳар дӯкону мағозаву хонаи мухлисонаш ба чашм мехӯранд. Вале як чизро ӯ надорад. Сабти наворҳои телевизиониро. Аслан барои набудани чунин сабтҳо бештар худи ӯ сабабгор буд. Намехост, ки теъдоди мухлисони консертҳои ба истилоҳ "зиндааш"- ро коҳиш диҳад. Ӯ дар ҳамин ақида буд, ки телевизион барои рушду камоли овозхон чандон мусоидат намекунад. Вале вақтҳои

охир аз чи сабаб бошад, ки мухлисону алоқамандонаш, дӯстони наздикаш аз ӯ бисёр хоҳиш мекарданд, ки суруду оҳангҳои худро дар телевизион низ сабт намояд. Ба ин талабу дархостҳо шояд ин дафъа ҳам мисли пештара муносибат мекард, агар рӯйдоде хотири ӯро мушавваш намесохт. Соли 1976 ҳангоми сафараш ба Эрон ходимони телевизиони Теҳрон ӯ ва дӯстонаш овозхонҳои ҷавон Аҳмад Валӣ ва хонум Маҳвашро ба студия даъват карда, як консерти муштараки онҳоро ба навор гирифта буданд. Баъдҳо аз бисёр касон шунида буд, ки он консерт такрор ба такрор аз телевизиони Теҳрон ба маърази намоиш гузошта мешудааст. Вале чанде пеш ба гуфтаи бархе аз шиносҳояш ҳукуматдорони нави Эрон намоиши консертҳои тафреҳиро аз тариқи телевизион манъ кардаанд. Имкон дорад, ки наворҳои ӯро, аниқтараш консерти телевизионии ӯро аз байн бурда бошанд. Охир, ҳар кор шуданаш мумкин ҳаст. Барои ҳамин  ҳам бар хилофи одати дерина розӣ шуд, ки имрӯз ба инҷо биёяду сурудҳои ба тозагӣ эҷодкардаашро сабт намояд.

Садои нимроғ шудани дари утоқи раис мурғи хаёли Аҳмад Зоҳирро ба гӯшаи боми ҳастӣ фаровард.

Раис соҳиб, барномаи "Зан ва ҷомеа" - ро агар имрӯз сабт карда натавонистем, боке нест. Ба ҷои он метавонем барномаи "Сарбози Ватан"- ро такроран намоиш диҳем. Аҳмад Зоҳирро мо ҳар рӯз ба ин ҷо даъват карда наметавонем. Ӯ имрӯз худ лутф намудаву ба ин ҷо омадааст. Аз сӯи дигар, охир қаблан худи шумо ин чизро мехостед - ку?

- Не, намешавад, гуфтам - ку, намешавад. Охир, ӯ як ашрофзода аст. Агар дар боло фаҳманд, ки барои як ашрофзода мо сабти барномаи "Зан ва ҷомеа" - ро манъ кар-

дем, бовар кунед, аҳволамон хароб мешавад.

Аҳмад Зоҳир, ки ин лаҳзаи сӯҳбати Забеҳуллоро бо раиси телевизион баръало мешунид, бе он ки ба утоқи раис ворид шавад, Забеҳуллоро ба назди худ чеғ зад:

- У бача, як лаҳза ин ҷо биё! Бубахш, Забеҳуллоҷон, як кори оҷил пайдо шуд. Ман бояд он ҷо бошам.

Аҳмад Зоҳир инро гуфту баъди худоҳофизӣ аз ҳавлии телевизион бошиддат хориҷ шуд.

Ин қиссаро ман аз забони худи Забеҳуллои Амонёр дар ҳамон утоқе, ки ин ҳодиса рух дода буд, шунидам. Бо Забеҳулло, журналист ва овозхони афғонӣ, яке аз шогирдони Аҳмад Зоҳир, дар долони утоқи раиси телевизиони Кобул тасодуфан вохӯрдам. Ман интизори мусоҳиба бо раис будам. Ӯ бошад барои ҳалли масоили шахсиаш мунтазири мулоқот бо раис буд.

- Раисе, ки дари студияро ба рӯи Аҳмад Зоҳир баста буд, феълан дар Афғонистон нест. Ӯ дар ким кадом давлати хориҷа умр бар сар мебарад. Ӯ кирои онро надорад, ки ба бадӣ ҳам бошад, номашро бигирем. Вале..., - гӯён Забеҳулло каме сукут карду сипас суханашро боз идома дод:

- Вале имрӯз аз фарозу баландии айём мебинем, ки он рӯз он ноҷавонмард дари студияро ба рӯи Аҳмад Зоҳир не, балки дари санъату ҳунари асилро ба рӯи мо ва насли баъдинаи натанҳо Афғонистон, балки тамоми форсизабонони дунё ва умуман мардуми ҳунарпарвари олам баста будааст. Оҳ, кошкӣ он рӯз ман дар назди он раҳбари кӯрдили лаънаткардаи халқ ба зону мезадаму бо зораву тавалло ӯро розӣ мекардам, ки студияро ба ихтиёри Аҳмад Зоҳир вогузорад. Оҳ, кошкӣ бо оҳу нолаам Аҳмад Зоҳирро аз аспи ғурур поин мефаровардам, то саросемавор аз дафта-

ри телевизион хориҷ нашаваду илоҷи масъаларо якҷо меёфтем. Оҳ, Худоҷон, забонам намегардад… Як ҳафта пас аз вуқӯъи ин ҳодисаи ногувор дар телевизион фоҷиае дар Соланг рух дод… Аҳмад Зоҳирро ба шаҳодат расониданд…

Ба назарам чунон намуд, ки китфони Забеҳулло меларзанд. Ба симояш дурустар назар андохтам. Ашкеро, ки ба рухсорааш чакида буд, бо кафи дасташ пок мекард.

## КИСТ ДАР ШАҲР, КИ АЗ ДАСТИ ҒАМАТ ДОД НАДОШТ?

Кист Аҳмад Зоҳир, ки бо гузашти беш аз 25 сол аз маргаш бо овардани танҳо ёде аз ӯ қалбҳо ба дард меоянду ашкҳо аз чашмҳои дӯстонаш чун қатраҳои борон ҷорӣ мешаванд? Ӯ чӣ гуна инсон буд? Ӯ чӣ ҳунаре дошт? Чӣ афсуне кардааст онҳоро, ки наметавонанд фаромӯшаш кунанд? Ба тарзи умум имрӯз дар рӯи замин ягон тоҷик ё худ форсизабони каму беш аз фарҳанг бохабаре ёфт намешавад, ки надонад, ки Аҳмад Зоҳир кист ва ё суруду оҳангҳои ӯро нашунида бошад. На танҳо форсизабонон, балки намояндагони дигар ақвому миллатҳо, ки дӯстдори санъати овозхонии ҳақиқатан асилу воло ҳастанд, имрӯз Аҳмад Зоҳирро хуб мешиносанд. Сурудҳояшро замзама мекунанд. Оё сурудхонии русдухтараки шашсола дар барномаи хеле ҳам маъруфи "Поле чудес" - и телевизиони ҷамъиятии Русия, ки суруди машҳури Аҳмад Зоҳир "Бевафо ёрам" - ро бо забони тоҷикӣ ва лаҳни кӯдакона то ба охир дар таҳти мавҷи кафкӯбиҳои мухлисони дохили толори студиё сароид, далели он шуда наметавонад, ки оҳангу таронаҳои ин хунёгари нотакрор ҳатто қалби кӯчаки тифлонро низ тасхир намудааст?

Сароядаи ҷавони ӯзбек Сайёра Қозиева бо истифода

аз ҳамин суруди Аҳмад Зоҳир таронаеро дар консертҳояш месарояд, ки вирди забони ҷавонҳои ин кишвар гаштааст.

Овозхони маъруфи туркман Бобомурод Ҳамдамов дар ҳар як консерти "зинда" -аш бо хондани таронае аз Аҳмад Зоҳир рӯҳи поки ӯро шод менамояд…

Бале, номашро медонанд, суруду оҳангҳояшро низ дӯст медоранду месароянд. Вале боз ҳам мебинем, ки дар баъзе аз навиштаҳо дар бораащ суханҳое гуфта мешавад, ки натанҳо аз ҳақиқат дуранд, балки таҳқиромез низ ҳастанд. Баъзе аз чунин андешаронҳо дар нисбати ин фарзонаи ҳунари мусиқии Машриқзамин ҳатто дур аз одобу ахлоқи ҳамидаанд. Умуман, дар бораи Аҳмад Зоҳир чи дар зодгоҳаш Афғонистон ва чи дар кишварҳои ҳамзабонаш ба он тарзе, ки мебоистӣ мақолаву рисолаҳо ва китобҳо навишта нашудаанд ва нашр ҳам нагардидаанд. Ба ҳар ҳол то соли 2005 барои мо танҳо ду китобе маълум буд, ки яке соли 1992 дар Тоҷикистон ва дигаре соли 1995 дар Пешовари Покистон ба нашр расидаанд. Китоби аввал "Боз омадам" ном дошта, мураттибони он Ваҳҳоб Одина ва марҳум Абдуқаҳҳори Маҳмадалӣ мебошанд. Дар китоб дар баробари овардани матни 100 суруди Аҳмад Зоҳир инчунин чанде аз мақолаҳои муаллифони афғонӣ Азиз (Осуда Таҳмосӣ), Бабрак Эҳсос, Муҳиб Бориш ва журналистони тоҷик Салими Аюбзод, Амонбеки Шоҳзода низ дарҷ ёфтаанд. Кори дигари савоби мураттибони ин китоб он аст, ки дар маҷмӯа шеърҳои дар бораи ин овозхони беҳамто навиштаи баъзе аз шоирони тоҷик низ гирд оварда шудаанд.

Китобе, ки дар Покистон бо ҳуруфи арабӣ нашр гар-

дидааст, "Танҳо садост, ки мемонад" ном дорад ва аз як муқаддимаи хеле кӯтоҳ ва асосан, матни 184 суруди ӯ иборат аст. Муаллифи муқаддима ва гирдоварандаи матнҳои сурудҳои Аҳмад Зоҳир Асадуллоҳи Софӣ мебошад. Ҳоло ман намехоҳам дар ин ҷо дар бораи ҳусну қубҳи ин китобҳо ҳарф бизанам. Дар ин бора ва китобҳои дигаре, ки баъди соли 2005 дар бораи Аҳмад Зоҳир чоп шудаанд, дар бобҳои оянда дар мавридаш сухан хоҳем гуфт. Дар ин ҷо мехоҳам дар хусуси баъзе аз мақолаҳое, ки дар матбуоти Тоҷикистон дар бораи ин овозхони маъруф навишта шудаанд, ёдовар шавам. Зеро дар Афғонистон чи дар замони дар қайди ҳаёт буданаш ва чи баъди маргаш ба ӯ ва эҷодиёти ӯ матбуоти даврагӣ он қадар таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намекард. Чунки васоити ахбори умум дар замоне, ки ӯ маҳбубият касб карда буд, асосан дар таҳти контроли ҳизби халқӣ - демократӣ қарор дошт. Дар ин ҳизб дар он замон мисли солҳои бистуми Давлати Шӯравӣ, ақидае вуҷуд дошт, ки ашрофзодагон ё худ намояндагони қишри дар гузашта (замони феодалӣ) болоии ҷомеа дар замони нави сотсиалистӣ набояд таблиғу ташвиқ шаванд. Аз ҳамин сабаб кам рӯзноманигор ё худ нависандае дар он замон ҷуръат мекард, ки дар бораи Аҳмад Зоҳир муфассал чизе бинависад. Ҳарчанд буданд нафарони шуҷоъ ва баъзе чизҳо ҳам навиштанд. Ин навиштаҳо, асосан, дар даврони баъди маргаш дар рӯзҳои ёдбуди солгарди вафоташ одатан ба нашр мерасиданд ва ёдномае беш нестанд.

Аҷибаш дар ҳамин буд, ки садои Аҳмад Зоҳирро чи ҳизбӣ ва чи ғайриҳизбӣ, чи бой, чи камбағал чун оби чашмаи пок баробар дӯст медоштанд, ӯро ба тӯйҳои худ даъват мекарданд, кассетаҳояшро мехариданду ба дӯстони худ

тӯҳфа мекарданд, ҳар як суруди навашро интизор мешуданд.

Дар замони ҳукумати муҷоҳиддин ҳам аҳвол аз ин беҳтар нашуд. Ҳарчанд китоби дар боло зикршуда дар ҳамин давра ба нашр расидаву дар ҳама ҷо озодона ба фурӯш бароварда шуда бошад ҳам, вале ба таҳқиқу таҳлили эҷодиёт, мактаби ҳунарии Аҳмад Зоҳир касе аҳамият намедод. Замоне, ки толибон дар Кобул ба сари қудрат омаданд, аҳвол боз бадтар шуд. Толибон баъди вуруд ба Кобул аввалин кореро, ки карданд, ин хароб кардани мақбараи ин Борбади асри мо буд. Баъд аз ин кӯшиш ба харҷ доданд, ки кассетаҳои таронаҳояшро аз байн бубаранд. Таи панҷ соли ҳукумати толибон касе ҳуқуқ надошт, ки дар манотиқи таҳти контроли онҳо мусиқӣ гӯш кунад, филм тамошо намояд. Барои ин кор ҷазо таъин карда буданд. Маъмулан толибон барои гӯш кардани кассетаҳои созу суруд ҷазои 15 рӯз маҳрум аз озодӣ таъин мекарданд. Вале агар кассетаҳои Аҳмад Зоҳир ва хонум Нағма ба дасташон меафтод, ба соҳибони онҳо ҷазои шадидтаре медоданд, яъне якмоҳӣ аз озодӣ маҳрум мекарданд. Маҳз дар ҳамин давра бисёр аз кассетаҳои Аҳмад Зоҳир ва овозхонҳои дигар низ аз байн бурда шуданд.

Баъди аз сари қудрат дур шудани толибон ва рӯи кор омадани ҳукумати муваққатӣ масъала як каме ранги дигар гирифт. Пеш аз ҳама мусиқӣ низ ба Кобул баргашт. Тамоми дӯконҳои фитафурӯшӣ дубора ба кор оғоз карданд. Дубора садои Аҳмад Зоҳир дар тамоми гӯшаву канори Афғонистон танинандоз шуд.

Бояд аз рӯи адолат бигӯем, ки берун аз Афғонистон, дар ҳиҷрат ҳам баъзе аз фарҳангдӯстони ин кишвар кӯшишҳо ба харҷ додаанд, ки Аҳмад Зоҳири шодравон аз ёдҳо

фаромӯш нашавад. Чунончи, яке аз ҳунармандони синамои Афғонистон, ки бо Болливуд ҳам ҳамкориҳо дошт, шодравон оқои Ҳашматхон дар Покистон дар асоси якчанд суруди Аҳмад Зоҳир бо иштироки гурӯҳи раққосаҳо видеофилме таҳия намудааст. Ҳашматхон дар ҳавои фонограммаи сурудҳои Аҳмад Зоҳир ҳар як таронаи ӯро ба истилоҳи имрӯза "видеоклип" намуда, дар он худ нақши ӯро бозидааст. Чизе, ки дар ин кори хайри Ҳашматхон баҳсбарангез аст, ин ворид кардани тағйиротҳо ба оҳангҳои таронаҳои Аҳмад Зоҳир, яъне "оранжировка"-и иловагӣ мебошад. Ба назар мерасад, ки ин кор ба хотири "рақсӣ" кунондани таронаҳо иҷро шудааст. Ба ҳар ҳол дар таҷрибаи мусиқии ҷаҳонӣ ин навъ муносибат ба таронаҳои ситораҳои осмони ҳунари овозхонӣ мушоҳида мешавад ва онро "ремикс" мегӯянд. Вале дар мисоли мо Ҳашматхон то кадом ҳад дар ин кор комёб шудааст, фикр мекунам, мутахассисини ин соҳа дар оянда баҳои сазовор хоҳанд дод. Ба ҳар ҳол дар умум Ҳашматхон кори савоберо анҷом додааст.

## ТАНИДА ЁДИ ТУ ДАР ТОРУ ПУДАМ МЕҲАН, ЭЙ МЕҲАН

Моҳи июни соли 2002 дар Кобул Луи Ҷиргаи изтирорӣ даъват карда шуд. Аз тамоми кунҷу акнофи Афғонистон ба он вакилон даъват шуда буданд. Мардуми заҳматкаши афғонро дар ин айём рӯҳияи баланди сиёсӣ фаро гирифта буд. Бори аввал дар бист соли ахир намояндагони ақшори мухталифи ҷомеаи азияткашидаи Афғонистон дар як хаймаи мӯҳташаме даври ҳам омада, масоили дохилии кишвари худро бо роҳи мусолиҳатомез дар вазъи ором ҳаллу

фасл мекарданд. Радиои кишвар аз субҳ то шом барномаҳоеро пахш менамуд, ки мардумро ба ваҳдату ягонагӣ, дӯстиву ҳамбастагӣ даъват мекарданд. Ман мушоҳида кардам, ки ҳамон шабу рӯз аз ҳама бештар сурудҳои Аҳмад Зоҳирро аз тариқи радио пахш мекарданд. Махсусан сурудҳои "Танида ёди ту дар тору пудам, меҳан, эй меҳан" ва "Ай ҳамватан, ай нерӯи боландаи ҷовид" ҳатто дар тӯли як рӯз борҳо такрор ба такрор шунавонида мешуданд.

Вале бо вуҷуди ин боз ҳам эҳсос мешуд, ки ба эҷодиёт ва шахсияти Аҳмад Зоҳир дар Афғонистони навин ҳам ҳанӯз ба таври бояду шояд аҳамият дода намешавад. Масалан, рӯзи 14 - июн ё худ 23 - уми ҷавзо рӯзи таваллуд ва ҳамзамон рӯзи ба шаҳодат расидани Аҳмад Зоҳир буд. Аз он ки сурудҳояшро дар радиоҳо истифода мекарданд, мантиқан дуруст мебуд, ки дар ин рӯз дар маҳфиле ё ақаллан дар нишасти ҳунармандон ёде аз ӯ мекарданд. Вале мутаассифона, ин кор сурат нагирифт. Ҳатто касе аз масъулин сари қабраш қадам ранҷа накард ва дастагулеро ҳам болои оромгоҳи вайронааш нагузошт. Дар он шабу рӯз дар Кобул беш аз 100 нашрияи ҳаррӯзаву ҳафтаномаи хусусиву давлатӣ интишор мегардид. Мутаассифона, танҳо дар ҳафтаномаи "Кобул" ва рӯзномаи "Анис" дар бораи рӯзи мавлуд ва марги  Аҳмад Зоҳир мақолаҳое дарҷ гардиданду халос. Вақте, ки сабаби чунин бетаваҷҷӯҳиро аз баъзе кормандони фарҳангии ин кишвари ба мо дӯст пурсон мешудам, ҷавоб ҳамин буд, ки "ҳама имрӯз ба маъракаи хеле муҳимтар, ташкилу баргузории Луи Ҷиргаи изтирорӣ машғуланд. Бинобар ин  ин масъала то андозае дар гӯшаи фаромӯшӣ мондааст. Худо хоҳад, дар оянда ба ин масъала низ бармегардем".

Вале медидам, ки мардуми оддӣ Аҳмад Зоҳирро фаромӯш накардааст. Ман дар рӯзи таваллуди Аҳмад Зоҳир дар яке аз кӯчаҳои шаҳри Кобул, субҳи барвақт аз як полиси раҳ суол кардам, ки имрӯз чӣ рӯз аст? Ӯ бадеҳатан ҷавоб гуфт, ки имрӯз рӯзи мавлуд ва марги овозхони беҳамтои мо Аҳмад Зоҳир аст. Ман шоме дар гирди оромгоҳи вайронаву ба харобазор табдилёфтаи Аҳмад Зоҳир духтаракеро дидам, ки бо рӯбучини атрофи қабр машғул буд. Ман дар дохили қариб ҳар як таксии Кобул садои Аҳмад Зоҳирро мешунидам… Ман дар пироҳани баъзе аз ҷавонон дар баробари акси сипаҳсолори бемисл Аҳмадшоҳи Масъуд акси зебои Аҳмад Зоҳирро низ медидам.

## "ЛАЙЛӢ, ЛАЙЛӢ, ЛАЙЛИҶОН, ДИЛИМА КАРДӢ ВАЙРОН"

Таҳлилу таҳқиқи маводе, ки дар Тоҷикистону Афғонистон оиди ин ромишгари бузурги Шарқ ба нашр расидаанд, нишон медиҳад, ки рӯзноманигорону нависандагони тоҷик бештар аз ҳамтоёни афғонии худ ба мавзӯи эҷодиёту шахсияти Аҳмад Зоҳир даст задаанд. Шодравон Муҳиддини Олимпур яке аз аввалин журналистони тоҷик буд, ки дар Телевизиони Тоҷик дар намоиши "Ситораҳои Шарқ" дар бораи Аҳмад Зоҳир барномаи вижае таҳия кард. Баъдтар ӯ ба ҳайси хабарнигори бахши форсии радиои Би-Би-Си ба Амрико сафар карда, дар он ҷо бо зану духтар, язна ва апаи Аҳмад Зоҳир мусоҳиба орост. Ин мусоҳиба ҳамон солҳо аз тариқи бахши форсии радиои Би-Би-Си пахш шуда буд. Махсусан, баъди касби истиқлолият ба ин мавзӯъ рӯ овардани журналистону алоқамандони Аҳмад Зоҳир дар Тоҷикистон набояд тааҷҷубангез

бошад. Акнун бе биму ибо ӯро дар Тоҷикистон ҳам узви фарҳанги муштараки миллати дар байнаш марзи сунъи-уфтода медонистанд. Нашри китоби "Боз омадам" дар соли 1992 - ум, як сол баъди касби истиқлолият ифодагари ҳамин нуқтаи назар аст. Баъди нашри ин китоб мақолаҳои зиёде низ рӯи чопро диданд. Муҳимтарини онҳо навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессор Худойназар Асозода, "Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлиҷон" мебошад, ки баъдан дар маҷмӯаи "Чеҳраҳо" (Душанбе, "Адиб", соли 1996) ба табъ расид. Дар ин мақола профессор Худойназар Асозода аввалин маротиба дар матбуоти тоҷик дар бораи баъзе аз паҳлӯҳои норӯшани зиндагонии Аҳмади Зоҳир маълумоти муфассал медиҳад. Масалан, дар бораи сабабҳои марги Аҳмад Зоҳир иттилооти ӯ бештар ба ҳақиқат наздиканд. Ӯ инчунин дар бораи ҳусну қубҳи китоби "Боз омадам" то андозае ибрози ақида намудааст. Вале ба назари мо муҳим он аст, ки устод Худойназар Асозода дар мақолаи худ боз ҳам яке аз аввалинҳо шуда зарурати омӯзиши "мактаби эҷодии Аҳмад Зоҳирро" ба миён гузоштааст.

Мақолаҳои дигари пурмӯҳтаво ва пурмазмун дар бораи Аҳмад Зоҳир низ ба нашр расидаанд. Махсусан, мақолаҳои Зафар Мирзоев, Муҳаммади Эгамзод, Парвиз Пулодиро низ ном бурдан мумкин аст. Мусоҳибаи Пури Ҷаҳонгир дар рӯзномаи "Садои мардум" бо олим ва ҳофизи шинохта, дӯсти Аҳмад Зоҳир Ҷӯрабек Назриев хеле пураҳамият аст. Дар ин мусоҳиба низ маълумоти барои хонандаи тоҷик нав хеле зиёд аст. Махсусан, дар бораи муносибати Аҳмад Зоҳир бо Тоҷикистон ва ҳамзабононаш аввалин бор сухан дар ҳамин мусоҳиба меравад. Дар мусоҳибаҳои родиёӣ ва телевизионии худ

баъзе аз дӯстони тоҷики Аҳмад Зоҳир ҳам дар ин бора ишораҳо кардаанд.

Баъд аз шодравон Муҳиддини Олимпур ҳар сол ҳамчун анъана корманди дигари бахши форсии Би-Би-Си Зарринаи Хушвахт ва Зеваршоҳ барномаҳои вижаеро бахшида ба ёдбуди Аҳмад Зоҳир дар рӯзи таваллуд ва марги ӯ таҳия ва пахш менамоянд, ки хеле муассир ва боаҳамиятанд.

Чизи дигаре, ки хеле муҳим ба назар мерасад, ин аст, ки аз соли 1997 сар карда, дар Тоҷикистон бо ибтикори як гурӯҳ овозхонҳои ҷавони тоҷик ва бархе аз дӯстони афғонӣ, ки муқими Тоҷикистон ҳастанд, рӯзҳои ёдбуди Аҳмад Зоҳир ташкил ва гузаронида мешаванд. Нахустин чунин ёдбуд ба муносибати 50 - уми солгарди ин овозхони машҳури Шарқ 14 - июни соли 1997 бо ташаббуси овозхонҳои ҷавони тоҷик Фурқати Саид, Парвизи Пӯлодӣ ва журналисти шинохта Муҳаммад Эгамзод баргузор гардид. Он дар кохи "Ваҳдат"-и Душанбешаҳр хеле бошукӯҳ гузашт. Дар он шоирону овозхонҳои тоҷик, пайравони мактаби Аҳмад Зоҳир фаъолона ширкат варзиданд. Акнун ин чорабинӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Ҳар сол дар рӯзи таваллуд ва марги Аҳмад Зоҳир дар кишвари мо дӯстдорону алоқамандони Аҳмад Зоҳир ҳатман дар чунин як маҳфиле эҳтиромона ёде аз ӯ мекунанд.

## ОҲАНГИ ЗИНДАГӢ ХОНАД БА ГӮШИ МАН

Моҳи июни соли 2005 дар Кобул бо Ҷавоншери Ҳайдарӣ, коргардон ва ҳунарпешаи филми "Аҳмад Зоҳир - алмоси Шарқ" (номи қаблиаш "Офтоби беғуруб") сӯҳбате

доштам, ки баъдан онро дар саҳифаҳои ҳафтаномаи "Зиндагӣ (28.07.2005) ба нашр расондам. Дар ҳамон мусоҳиба Ҷавоншери Ҳайдарӣ гуфт, ки сенарияи филмро худи ӯ дар асоси навиштаҳои нависандаи маъруфи афғон, Акрам Усмон ҳангоми дар муҳоҷират, дар Тоҷикистон буданаш эҷод кардааст. Сипас бо кӯмаки баъзе аз сармоягузорони афғонӣ аз Амрико ва равшанфикрони афғонии муқими Русия доктор Гӯё ва Шамси Ибодӣ соли 2000 наворгирии филмро дар Тоҷикистон шурӯъ намуд. Ҷавоншери Ҳайдарӣ мегӯяд, ки 60 фисади филмро дар Тоҷикистон гирифтааст. Аз муҳаббат ва самимияти ҳайати раҳбарии "Тоҷикфилм" , махсусан Сайидҷон Пиров, ки дар он солҳо симмати муовинияти раёсати "Тоҷикфилм"-ро ба ӯҳда доштанд ва хонум Гуландом, ки он вақт раис буданд, арзи сипос мекунам, ки маро бисёр дастгирӣ карданд. Воқеан Сайидҷон Пиров дар ин филм нақшеро низ бозидааст, нақши раиси раёсати Саноии вазорати маорифи давлати шоҳии Афғонистонро. Бояд бигӯям, ки ҳунармандони тоҷикӣ аксари нақшҳои ин филмро бозидаанд. Масалан, шоира Меҳриниссо нақши модари шоирро бозидааст. Духтари ӯ Парвинаҷон низ дар ин филм нақше дорад. Ҳамин тариқ Мунираи Раҳим, Маҳинаҷон, Диломҷон, Раҷабалӣ Пиров аз ҳунармандони дигари тоҷиканд, ки дар ин филми Аҳмад Зоҳир нақше бозидаанд, - мегӯяд Ҷавоншери Ҳайдарӣ. Филм ду соату шаш дақиқаро дарбар мегирад ва омодаи нашр аст. Орзуманд ҳастам, ки вақте филм омодаи намоиш шавад, яке аз корҳои муҳиме, ки мехоҳам бикунам, як гурӯҳи синамогарон меравем ба Душанбе ва филмро дар ҳамон ҷо ифтитоҳ мекунем".

Ҷавоншери Ҳайдарӣ ба қавли худ вафо кард. Нахуст-

намоиши филми бадеии "Аҳмад Зоҳир-алмоси Шарқ" соли 2006 дар Душанбе баргузор гардид.

Баъди 27-соли ба шаҳодат расидан ин аввалин филми ҳунарие буд, ки дар бораи ин овозхони беназир рӯи пардаи синамо баромад ва танҳо ҳамин иқдом боиси таҳсин аст. Ситораҳое ҳамчун Аҳмад Зоҳир сазовори онанд, ки дар бораашон ҳазорҳо мақолаҳову садҳо китобҳо навишта ва даҳҳо филмҳои ҳунариву мустанад ба навор гирифта шавад ва ҳамаи ин мебоист дар даврони дар қайди ҳаёт буданашон сурат бигирад. Чуноне, ки ин кор нисбати Гугуш, Алла Пугачева, Майкл Ҷексон ва ғайра ба вуқӯъ пайвастааст.

Азбаски филми "Аҳмад Зоҳир-алмоси Шарқ" аввалин иқдом дар ин самт аст, табиист, ки аз камбудиҳо холӣ нест. Чунин норасогиҳоро дар хоста гирифтани ҳунармандон барои иҷрои нақшҳои асосӣ, дар бозии ин ҳунармандон, дар таҳияи сенария, дар режиссураи ин филм эҳсос менамоем. Ҳарчанд таронаҳои Аҳмад Зоҳир, ки лобалои ин филм бо садои шевои худи овозхон пахш мегарданд, садди роҳи хасташавии тамошочиён мешаванд, вале тарзи истифода аз ин таронаҳо натавонистааст ба ин филм ҷазобият бубахшад. Вале дар бораи ин норасогиҳои ҷузъӣ имрӯз чизе гуфтанӣ нестем. Чизи муҳимтаре моро ба ташвиш овардааст.

Дар нахустнамоиши ин филм чеҳраҳои шинохтаи олами мусиқӣ, театр ва синамои Тоҷикистон ширкат варзиданд ва бархе аз онҳо дар сӯҳбат бо мо изҳор доштанд, ки аз он саҳнаҳои сершумори шаробхӯриву айшу нӯши зиёд дар маҳфили занҳои сабукпой чунин бардошт шуданаш мумкин аст, ки овозхон як умр бо ин кор машғул будааст

ва сабаби дар ҷавонӣ аз байн рафтанаш низ дар ҳамин будааст. Шояд коргардони филм айнан ҳамин чизро мехостааст ба тамошобин талқин намояд ва бигӯяд, ки шароб модари бадиҳост ва касе дилдодаи он аст, оқибаташ ҳамин аст. Аммо мутаассифона, дар ин самт чандон комёб набудааст. Ва ин саҳнаҳои зиёди арақхӯрӣ ба назар ҳамчун як навъ ташвиқи ин амал мерасанд. Тибқи маълумоти дӯстони наздики Аҳмад Зоҳир овозхон баъди издивоҷ кардан бо зани саввумаш Фахрия аз рафтан ба чунин маҳфилу маъракаҳо худдорӣ менамуд. Ва умуман дар замони пеш аз издивоҷ бо Фахрия низ ба ин корҳо чандон дилбастагие надошт. Аз ин рӯ ин лаҳзаи ҳаёти Аҳмад Зоҳирро дар навор муҳим арзёбӣ кардан чандон аз рӯи адолат нест. Ба ҷои ин агар коргардони филм аз даъватҳои Аҳмад Зоҳир барои нигоҳ доштани сулҳу субот дар кишвар ва таҳким бахшидан ба ваҳдати миллии афғонҳо сухан мегуфт, ҳам ба ҳақиқат наздик ва ҳам аз манфиат холӣ намебуд.

Номи филм "Аҳмад Зохир-алмоси Шарқ" моро умедвор месохт, ки дар он лаҳзаҳоеро хоҳем дид, ки аз маҳбубияти ин хунёгари бузург дар мамолики Шарқ қиссаҳо хоҳанд кард. Вале, мутаассифона, ҳатто Маланге, ки яке аз образҳои муваффақи ин филм ба шумор меравад (алалхусус лаҳзаи зери таъсири садои Аҳмад Зоҳир ба самоъ рафтанаш), вақте ки ин ибораро ба забон овард, шарҳ надод, ки алмоси Шарқ, - яъне чӣ?

Таҳиягарони филм метавонанд даъво пеш оваранд, ки лаҳзаи рақси духтарони куртаичаканпӯш, ки асосан хоси тоҷикон ҳаст, ба ҳамин мақсад буд. Вале бояд гуфт, ки дар бораи маҳбубияти Аҳмад Зоҳир дар Тоҷикистон имкон

буд аз нисфи зиёди филмро ба навор гирифт ва бахшид. Ба ёд биёред дӯстии Аҳмад Зоҳирро бо овозхонҳои маъруфи тоҷик устодон Ҷӯрабек Назриев (соли 1976), Ҷӯрабек Муродов (соли 1979). Бо истифода аз ин воқеият мешуд, ки як лаҳзаи ҷолибе дар филм пайдо шавад. Ё худ ворид кардан ба филм таърихчаи ба оҳанг даровардани таронаи "Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист"-и устод Мирзо Турсунзода ё ду таронаи устод Абдуллоҳ Қодирӣ аз сӯи Аҳмад Зоҳир кофӣ буд, ки саҳми ин филм ва худи Аҳмад Зоҳирро дар инкишофи робитаҳои фарҳангии ин ду кишвар боз бештар ҷилвагар созад. Вале мо ноумед нестем. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки ин иқдоми нахустин дар ин самт ибтикору ташаббусҳои зиёдеро аз ин ба баъд дар пай хоҳад дошт. Филми "Аҳмад Зоҳир-алмоси Шарқ"-ро мо ҳамчун нигоҳи як таҳиягари синамоии афғон ба кору зиндагии ин нобиғаи ҳунари мусиқӣ арзёбӣ мекунем. Нигоҳи дигаре низ дар ин робита ҳатман рӯзе арзи вуҷуд хоҳад кард. Зеро Аҳмад Зоҳир аз ҷумлаи шахсиятҳоест, ки дар бораи осору зиндагонияш ихтилофи назарҳо вуҷуд доранд ва дар оянда низ ба вуҷуд хоҳанд омад. Чанде пеш яке аз дӯстони наздики Аҳмад Зоҳир, шоир ва оҳангсоз Сафиуллоҳи Субот дар сӯҳбат бо мо гуфт, ки ба наворгирии филми сесоатаеро дар бораи Аҳмад Зоҳир ба анҷом расонда истодааст. Филм "Созҳову розҳо" ном дошта, мустанад мебошад. Дар он ӯ бори нахуст розҳоеро аз ҳаёти ин хунёгари беназир ифшо хоҳад кард.

## ҶАМЪЕ БА ТУ МАШҒУЛУ ТУ ҒОИБ ЗИ МИЁНА

Дар Тоҷикистони мо, махсусан дар шаҳри Душанбе, солҳост, ки як маҳфили ғайрирасмии дӯстдорони садои Аҳмад Зоҳир фаъолият мекунад. Дар дигар кишварҳо чунин маҳфилҳоро маъмулан "Фанклуб" меноманд, яъне "Клуби дӯстодорон". Шарти асосии ширкат дар ин маҳфил танҳо ёд кардан аз Аҳмад Зоҳиру осори ӯ бидуни дахолат намудан ба мавзӯъҳои сиёсиву иҷтимоии рӯзгори имрӯза мебошад. Дар ин маҳфил ҳар як шахс новобаста аз мансубияти милливу мазҳабиву ҷойгоҳи иҷтимоӣ метавонад ширкат дошта бошад ва фикру андешаи худро нисбати Аҳмад Зоҳир ва осори ӯ бигӯяд. Фикру андешаҳо бояд ба гунае бошанд ва ба тарзе гуфта шаванд, ки онҳо ба тарғибу таблиғи Аҳмад Зоҳир ва осори ӯ ва равнақи донишҳои фарҳангии ҳар як иштироккунандаи ин маҳфил, камолоти шахсии он мусоидат кунанд. Муҳимтар аз ҳама ба иззати нафси касе нарасанд. Маҳфилҳо асосан дар рӯзи таваллуд ва марги Аҳмад Зоҳир ва рӯзҳое, ки дар хонаҳои яке аз ширкаткунандагони ин маҳфил маъракаҳои хурсандӣ баргузор мегарданд ва он шахс довталабона хоҳиши сарҷамъ кардани аъзоёни маҳфилро дар ин рӯз дорад, барпо мешаванд. Аъзои ин маҳфил метавонанд пиру ҷавон, марду зан, аз бесаводи ноогоҳ то профессори донишгоҳ буда бошанд ва ҳамин гуна низ ҳастанд. Аз ҷиҳати касбу кор аз аробакаши бозор шурӯъ карда то узви вобастаи Академияи Илмҳо, аз ҷиҳати синну сол аз хонандаи

мактаби миёна сар карда то пири ҳаштодсолаи бознишаста ифтихори будани узви ин маҳфилро доранд. Ба монанди маҳфиле, ки Аҳмад Зоҳир дар як сурудаш орзу мекард:

*Бинозам ба базми муҳаббат, ки ин ҷо,*
*Гадоеву шоҳе муқобил нишинад.*

Соли 2003 буд. Ҳамон шабу рӯзҳо силсиламақолаҳои банда бо номи "Садое, ки пайки муҳаббат аст" дар ҳафтаномаи "Чархи гардун" (№№1-18, 2003) дар бораи Аҳмад Зоҳир ба табъ мерасид. Боре ба наздам, ба хона як гурӯҳе омада худро ҳаводорони садои Аҳмад Зоҳир муаррифӣ намуда аз ман хоҳиш карданд, ки дар як маҳфили онҳо ширкат намоям ва дар бораи Аҳмад Зоҳир бо онҳо сӯҳбат кунам. Розӣ шудам. Рӯзи 12-уми март дар хонаи Асадуллоҳ ном муаллими фанни мусиқӣ ҷамъ шудем. Иттифоқан ҳамон рӯз рӯзи таваллуди Асадуллоҳ, яке аз мухлисони ашаддии Аҳмад Зоҳир будааст. Дӯстони навам дар баробари он, ки аз ман саволҳои сершумор мекарданд, худ низ сухан мегуфтанд ва нуктаҳои ҷолиберо дар бораи Аҳмад Зоҳир ироа менамуданд. Маро огоҳии Мираливу Бозоралии хайёт, Ҷумъаву Нурмуҳаммади ронандаҳои таксӣ, Абдураҳмони ошпаз, Ҳоҷӣ домулло Ҷамолиддин, олими шаръӣ ва ҳам сохтмончӣ, Баҳрому Абдукарими соҳибкор, Додихудои корманди соҳаи алоқа, Ҳасани устоди Донишкадаи санъати ба номи устод Мирзо Турсунзода аз эҷодиёти Аҳмад Зоҳир хеле муттаҳайир сохта буд. Тақрибан ҳар яки онҳо сурудҳои Аҳмад Зоҳирро қариб, ки азёд медонистанд. Ба осонӣ гуфта метавонистанд, ки кадом суруд дар кадом албоми Аҳмад

Зоҳир ҷойгир шудааст. Ҳар кадоме ба гунае архиви шахсии худро дошт, ки дар он аксҳои Аҳмад Зоҳир, кассетаҳои нодири ӯро ҳифз мекарданд. Зиндагиномаи Аҳмад Зоҳирро низ хуб медонистанд. Хулоса, ман низ аз онҳо меомӯхтам. Чандин таронаҳоеро, ки ман дар бойгонии худ надоштам, тавассути онҳо ба даст овардам. Асадуллоҳ дар он маҳфили нахустин чанд суруди Аҳмад Зоҳирро бо як лаҳни ба худ хос ва дилчасп пешкаши ҳозирин кард. Дар охир тасмим гирифта шуд, ки чунин вохӯриҳо пайваста сурат бигиранд ва ба онҳо шахсиятҳоеро, ки Аҳмад Зоҳирро аз наздик мешинохтанд ва бо ӯ сӯҳбатҳое доштанд, даъват намоянд. Маҳфили навбатӣ бо ибтикори бародарон Абдураҳмон ва Баҳром Саъдуллоевҳо дар хонаи онҳо баргузор гардид ва дар он устоди гиромӣ Шаҳбоз Кабиров бо хонумашон, шоираи ширинсухан, Меҳриниссо, ки Аҳмад Зоҳирро аз наздик мешинохтанд, ширкат карда бо қиссаҳои гуҳарбори хеш ба он нуру сафо бахшиданд. Ҳамин тариқ ба тадриҷ дар маҳфилҳои дигар дӯсти Аҳмад Зоҳир, устод Ҷӯрабек Назриев, овозхонҳои шинохта шодравон Зулфиқори Азиз, Фурқати Саид, нависанда ва мунаққид Раҷабалии Худоёрзода, ки дар бораи ин хунёгар мақолаҳои зиёде навиштааст, ширкат намуда баҳсу мунозираҳои муфидеро ба роҳ мемонданд.

Як нуктаи ҷолиби ин маҳфилҳо ҳамин буд, ки дар онҳо ширкати овозхонҳое, ки бо услуби Аҳмад Зоҳир мехонанду танҳо сурудҳои ӯро мехонанд, аз як ҳамоиш то ҳамоиши дигар бештар мешуд. Ба ғайр аз Асадуллоҳи Шамсзод дар ин маҳфилҳо боз Абдухолиқи Сӯфизода, Аслиддини Бадал, Алӣ Сабурӣ, Оқили Фозил, Анвари Эҳсон, Карими Дарвозӣ, Юсуфшоҳи Шуғнонӣ, Шералӣ Ашӯров, Ҳақна-

зари Давлат, Эмомиддини Салоҳиддин ва ахиран Нурму-ҳаммади Муҳаммадазим барин аҳмадзоҳирхонҳо ширкат карда ҳам хотири дигаронро шод мекарданд ва ҳам сатҳи донишу маҳорати худро дар хондани сурудҳои Аҳмад Зоҳир боло мебурданд. Барои мисол дар ин даҳ соле, ки ин маҳфил вуҷуд дорад, Асадуллоҳ қариб тамоми суруду таронаҳои Аҳмад Зоҳирро, ки бо вариантҳои гуногунашон тақрибан теъдоди шашсад таронаро ташкил медиҳанд, азхуд кардааст. Маҳорати аккордеоннавозии худро сайқал додааст. Ҳоло ба эътирофи бародарони афғонии муқими Душанбе Асадуллоҳ яке аз беҳтарин аҳмадзоҳирхонҳои минтақа ба шумор меравад. Ӯ дар навохтани мусиқӣ ва беғалат хондани матни таронаҳои Аҳмад Зоҳир аз ҳамтоёни дигари худ фарқ мекунад. Дар ин байн ҳамин гуна пешравиро дар таронахонии аҳмадзоҳирхонҳои дигар Аслиддини Бадал, Алии Сабурӣ ва Оқили Фозил дидан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки дар ин маҳфилҳо ба ғайр аз аҳмадзоҳирхонҳо боз гоҳҳо овозхонҳои маъруфу машҳури кишвар ба мисли устод Ҷӯрабек Муродов, Артисти халқии СССР, устод Ҷӯрабек Назриев, ҳунарманд ва олими шинохтаи тоҷик, Қурбоналӣ Раҳмон, раҳбари бадеии ансамбли давлатии "Сомон", Фурқати Саид, раҳбари бадеии ансамбли давлатии "Шашмақом", Қурбоналӣ Абдуллоев, солисти ансамбли давлатии "Дарё", Ҷамшед Исмоилов, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон, Дона Баҳромов, Ҳунарпешаи Шоистаи Тоҷикистон, Соҳиба Давлатшоева, Ҳунарманди Мардумии Тоҷикистон, Мастона Эргашева, Ҳунарманди Мардумии Тоҷикистон, Баҳодури Неъмат, Ҳунарманди Мардумии Тоҷикистон, Бунафша Шокирова, Ҳунарпешаи

Шоистаи Тоҷикистон, Аҳмадҷон Муҳаммадиев, Ҳунарпешаи Шоистаи Тоҷикистон, Ҳотами Равшан, ҳунарманди Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов, Гулмурод Тағоев, собиқ раҳбари бадеии ансамбли суруд ва таронаи Вазорати Мудофиаи Тоҷикистон, Луҳира Мӯминова, солисти ансамбли давлатии "Шашмақом", Сафаралии Қурбоналӣ, Ҳунарпешаи Шоистаи Тоҷикистон ширкат мекарданд, фикру андешаҳои худро иброз медоштанд ва суруду таронаҳои ба тозагӣ эҷоднамудаи худро дар васфи Аҳмад Зоҳир ва ё аз эҷодиёти Аҳмад Зоҳир пешкаши ҳозирин мекарданд. Махсусан Қурбоналӣ Абдуллоев ҳар сол бо дастовези тару тозае ба маҳфили рӯзи таваллуди  Аҳмад Зоҳир меояд. Ҳатман суруди тозаеро ё дар бораи Аҳмад Зоҳир ва ё аз эҷодиёти ӯ ба армуғон меоварад. Ҳамин чизро дар бораи Фурқати Саид ва Луҳира Мӯминова гуфтан мумкин аст. Ахиран овозхонҳои ҷавон, вале маъруфи кишвар аз қабили Садриддини Наҷмиддин, Сӯҳроби Маҳмуд, Шаҳроми Абӯбакр, Иззат Шарифӣ, Пенҷӣ Аннаев, Қувваталӣ Раҳмонов, Парвизи Пӯлодӣ бо писараш Ромиз, Зайнураи Пӯлодӣ, Сӯфӣ Зафар, Қайси Азиз, Шамсиддини Азиз, Беҳрӯзи Қиём, Муслиҳиддини Қиём низ дар консертҳои бахшида ба солрӯзи таваллуди Аҳмад Зоҳир барпогардида ширкат мекарданд. Ширкати ду хонандаи ҷавони кишвар Парвини Маҳмадёр ва Суҳайлои Сайидаҳмад, ки дар назди устодони мусиқии Ҳинд дар хориҷ аз кишвар таълиму тадрис дидаанд ва сабки хоси сарояндагии худро доранд, инчунин овозхонҳо ва мутрибони афғонии муқими Тоҷикистон Муҳаммадзоҳири Кобулӣ, Азим Расо, Муҳаммадшарифи Кобулӣ, Салими Бохтарӣ, Шермуҳаммади Ҳиравӣ ба шукӯҳи маҳ-

филҳо шукӯҳу ҳашамати хоса мебахшиданд. Шоирони шинохтаи кишвар Назри Яздонӣ, Мӯҳтарами Ҳотам, Меҳриниссо Бобобекова, Шаҳрияи Аҳтамзод, Ҷамшеди Раҳимзод, шоири эронии муқими Тоҷикистон Муҳаммадризои Тоҷиддинӣ, шоирони афғон Ҳоруни Роъун, Шамсулҳақи Ориёнфар низ аз гулҳои сари сабади маҳфилҳои Аҳмад Зоҳир мебуданд ва ҳастанд.

Лозим ба ёдоварист, ки солҳои 2005 ва 2006 бо ибтикори Маркази тадқиқотҳои журналистии Тоҷикистон, ки роҳбарии онро журналист Хуршеди Атоуллоҳ ба ӯҳда дорад, дар рӯзи мавлуди Аҳмад Зоҳир консерти ҳунармандони маъруфи кишварро дар толори Сирки давлатӣ баргузор карданд, ки барномаи он асосан аз хондани таронаҳои Аҳмад Зоҳир дар иҷрои овозхонҳои саршиноси тоҷик иборат буд. Дар яке аз ин консертҳо шоири ширинсухани кишвар Озарахши Хуҷандӣ ровӣ буд ва он хеле хотирмон гузашт. Соли 2007 чунин консерт бо ибтикори коргардони маъруфи телевизиони тоҷик Ҳалим Сангинов 27-уми ноябр дар Кохи Ҷомӣ баргузор шуд ва як қисмати он аз тариқи Шабакаи аввал Телевизиони тоҷик пахш гардид. Консерте, ки ба муносибати рӯзи таваллуди Аҳмад Зоҳир дар саҳнаи "Амфитеатр" гузашт, аз сабаби кам иртибот доштанаш бо ҳаёту осори ин овозхони нотакрор чандон мавриди писанди алоқамандони садои Аҳмад Зоҳир қарор нагирифт. Аз ин рӯ соли 2009 аъзои маҳфили Аҳмад Зоҳир ибтикори амалро ба дасти худ гирифтанд. Чун сол соли бузургдошти яке аз аввалин овозхонҳои эстрадаи тоҷик Алиҷон Солеҳов ба ҳисоб мерафт, тасмим гирифта шуд, ки ин ду ҷашни мавлуд якҷо таҷлил шаванд. Зеро шодравон Алиҷон Солеҳов инчунин яке аз аввалин

хонандаҳои попи тоҷик буд, ки ҳанӯз солҳои ҳафтодум дар Тоҷикистон сурудҳои Аҳмад Зоҳирро мехонд. Бо кӯмаки хонум ва фарзандони мӯҳтарами Алиҷон Солеҳов ин чорабинӣ дар ҳавлии онҳо баргузор карда шуд. Дар ин маҳфил аксаран сухан дар бораи таъсири мутақобилаи мусиқии тоҷикиву афғонӣ ва накши Аҳмад Зоҳир дар ин самт рафт. Симои мустақили Тоҷикистон ин маҳфилро пурра сабт намуда борҳо аз тариқи телевизион ба намоиш гузошт. Ҳамин тариқ, асосан бо ибтикори аъзои ҳамин маҳфил солҳои 2010, 2012 дар толори маҷлисҳои Кумитаи Марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи ҶТ ва соли 2011 дар зали консертии Филармонияи Давлатии Тоҷикистон консертҳои ҳунармандони Тоҷикистон бахшида ба зодрӯзи Аҳмад Зоҳир баргузор шуданд. Дар баргузории ин консертҳо аъзоёни фаъоли маҳфил шоир ва файласуф Назри Яздонӣ, Ҳоҷӣ Хайриддин, Бадриддини соҳибкор, Абдукарими тоҷир, Ҳотами Равшан, бародарон Абдураҳмону Баҳром Саъдуллоевҳо, Исматуллоҳи Саиди файласуф бо писараш Шаҳром, бародарон Ҷаҳонгиру Аҳмадшоҳи Султон, Додихудо, шоира Меҳриниссо, Амрихудои соҳиби дӯкони дискфурӯшӣ ва махсусан Ғаниҷони Мӯъмин, саҳми арзанда гузоштанд. Дар бораи ин марди ҳимматбаланд, хонандаи азиз, каме поёнтар маълумоти муфассалтар хоҳед гирифт. Яке аз хусусиятҳои асосии консертҳои аз соли 2009 ба ин тараф дар рӯзи мавлуди Аҳмад Зоҳир баргузоршуда аз он иборат буд, ки ҳамаи онҳо ройгон барпо карда мешуданд. Ҳамаи хоҳишмандон метавонистанд, ки дар онҳо ширкат биварзанд. Ҳамаи ин консертҳо ба наворҳои видеоӣ сабт шуда дастраси ҳаводорони таронаҳои Аҳмад Зоҳир карда мешуданд. Беҳта-

рин таронаҳои ин маҳфилҳо ва консертҳо аз тариқ сайти интернетии **www.ruzgor.tj** тавассути бародарон Ҷаҳонгир ва Аҳмадшоҳи Султон ба маърази тамошои муштариёни шабакаи ҷаҳонӣ гузошта мешуд. Ва аммо консерте, ки ба муносибати 65-солагии зодрӯзи Аҳмад Зоҳир дар толори консертии Филармонияи давлатӣ баргузор гардид ва онро беш аз ҳазор нафар дар зарфи қариб чаҳор соат тамошо карданд, як қисмати он аз тариқи телевизиони "Сафина" ба тамоми ҷаҳон пахш гардид. Бояд гуфт, ки дар ҷашнгирии 65-солагии зодрӯзи Аҳмад Зоҳир ба аъзоёни маҳфил ҳам вазорати фарҳанги Тоҷикистон (вазир Мирзошоҳрух Асрорӣ) ва ҳам телевизиони "Сафина" (роҳбараш Лутфуллоҳ Давлатов) дасти кӯмак дароз карданд. Аниқтараш хостаҳои аъзои ин маҳфилро дар бораи ройгон фароҳам кардани толори консертӣ ва аз тариқи телевизион нишон додани консерти мазкур бароварда сохтанд. Аз ин рӯ бараяшон самимона арзи сипос мегӯем.

## МАН ДАР ИН ВАЙРОНАМАНЗИЛ ГАНҶҲО ГУМ КАРДААМ

Банда низ яке аз дӯстдорону алоқамандони ҳунари ҷаззоби  Аҳмад Зоҳир мебошам. Аввалин бор садои волои ин сароядаи нотакрорро солҳои донишҷӯиям - охири солҳои шастум ва ибтидои солҳои ҳафтодуми асри гузашта шунидааму ҳамчун ҳамсолони худ як умр мафтуни он гаштаам. Мо он солҳо ҳар як суруди нави ин сароядаи мумтозро бесаброна интизорӣ мекашидем. Аз радиои Афғонистон онҳоро ба наворҳои магнитофонӣ сабт мекардему байни якдигар паҳн менамудем. Баъдҳо тақдир маро ба муддати чандин сол муқими Афғонистон кард. Ин давро-

ни ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд. Аҳмад Зоҳир дар қайди ҳаёт набуд. Ӯро ҷисман маҳв карда бошанд ҳам, дар он замон мо муҳоҷирини тоҷик ҳис мекардем, ки рӯҳи ӯ ҳамчун садояш зинда ва ҳамеша дар парвоз аст. Дар он солҳо ман бо даҳҳо тан аз мухлисону наздиконаш, ки ӯро хеле хуб дар ёд доштанд, мулоқотҳо кардаам. Дар бораи ҳаёти ӯ қиссаҳои рангине низ шунидаам. Мақбараи ӯро дар даврони ободиаш низ зиёрат кардам. Баъди бозгашт аз муҳоҷират ба Ватан боз ҳам ба Афғонистон сафарҳо доштам. Ин дафъаҳо ба ҳайси хабарнигор. Маҳз дар ҳамин давра дар дилам хоҳише пайдо шуд, ки чизе дар бораи ин овозхони дӯстдоштаам бинависам. Ҳамчун нишонаи эҳтиром ба ҳунари волои ӯ. Охир чизҳои мегуфтанӣ низ хеле зиёд аст. Ман дар ин сафарҳо бо бисёр аз дӯстону шогирдони Аҳмад Зоҳир, оҳангсозону шоироне, ки барояш оҳангу шеър эҷод мекарданд, сӯҳбату мулоқотҳо доштам. Онҳо чизҳоеро ба ман нақл мекарданд, ки баъзеи онҳоро аввалин бор мешунидам ва дар матбуоти худамон аз ин пеш нахонда будам. Фикр мекунам, ки барои хонандаи тоҷик ин маълумотҳо шавқбарангезанд. Аз сӯи дигар кӯшиш ба харҷ додам, ки суруду таронаҳои Аҳмад Зоҳирро аз дидгоҳу тавони як журналист ва як мухлисаш каме ҳам бошад баррасӣ намоям. Репертуари Аҳмад Зоҳир аз чанд суруду тарона иборат аст? Кадом мавзӯъҳоро дар бар гирифтааст? Ӯ чӣ гуна тавонистааст, ки мусиқии Ғарбу Шарқро оштӣ диҳад? Киҳо аз сарояндагони тоҷик сурудҳои Аҳмад Зоҳирро мехонанд ва чӣ гуна мехонанд? Аҳмад Зоҳир матнҳоро чӣ гуна барои сурудҳояш интихоб мекард? Киҳо аз шоирони форсизабон бештар мавриди таваҷҷӯҳи Аҳмад Зоҳир қарор гирифтанд? Дар он китобҳову мақолаҳое, ки

зикрашон рафт, чӣ чиз ҳақиқатасту чӣ чиз не? Аҳмад Зоҳирро кӣ кушт?

Аслан, ана ҳамин аст номгӯи саволҳое, ки ман мехоҳам дар ин навиштаи худ ба онҳо ҷавоб гӯям. То чӣ андоза ба он муваффақ хоҳам шуд, хонандаи азиз, дар хотима худи Шумо қазоват хоҳед кард.

## ЭЙ БУЛБУЛИ ШӮРАНГЕЗ, ШӮРИ ТУ ШАРАРБОР АСТ

Аҳмад Зоҳир рӯзи панҷшанбеи 23 ҷавзои 1325 ҳиҷрии шамсӣ мутобиқ ба 14 - уми июни соли 1946 дар шаҳри Кобул дар оилаи як корманди давлатӣ таваллуд ёфтааст. Падараш доктор Абдузоҳир (1910-1980) аз вилояти Лағмон буд ва хеле барвақт ба Кобул омадааст. Миллати ӯро бархе тоҷик, иддае пашту ва баъзе ҳатто араб мегӯянд. Ва аммо аксарият ба ин назаранд, ки аз паштуҳое мебошад, ки дар хона тақрибан ҳама вақт ба забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ ҳарф мезананд. Модари Аҳмад Зоҳир хонум Қурайшаро аксаран аз форсигӯёни шаҳри Кобул, аз хонаводаи ашрофзодаҳо гӯянд. Абдузоҳир маълумоти олиро дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар риштаи сиҳати омма гирифтааст. Баъди хатми Донишгоҳи тиббӣ ӯ ба ватанаш баргашта аз рӯи тахассуси хеш ба кор оғоз мекунад. Баъди як муддати муайяне шоҳи вақт Муҳаммад Зоҳиршоҳ ӯро ба ҳайси духтури хусусии хеш ба кор даъват менамояд. Ва дар ин самт то ба вазифаи вазирии сиҳати омма мерасад. Сипас раиси Парлумони кишвар интихоб мешавад. Баъдан чанд муддат ба ҳайси Садри Аъзами Афғони-

стон ифои вазифа намудааст. Солҳои 70-уми асри гузашта чанд муддат сафири Афғонистон дар Ҳиндустон низ будааст. Аз издивоҷ бо хонум Қурайша соҳиби чор фарзанд: Осиф (1932-2000), Зоҳира, Аҳмад ва Билқис мешавад. Доктор Абдузоҳир, ки марди соҳибмаълумот ва аз адабиёту фарҳанги ниёгон бохабар буд, таълиму тарбияи фарзандонашро хеле хуб ба роҳ мемонад. Шояд ҳамин таваҷҷӯҳи зиёди падар ба тарбияи фарзандон буд, ки Аҳмад Зоҳир аз хурдсолӣ ба шеъру адаб, ҳунари мусиқӣ меҳр баста буд. Муҳити хонаводагӣ ба ин чиз мусоидат мекард. Аҳмад Зоҳир аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ҳеҷ гуна маҳрумиятеро эҳсос намекард. Тибқи ақидаи баъзеҳо ин муҳит ӯро бояд фориғболу маишатпараст тарбия менамуд. Чунки аксаран фарзандони намояндагони қишри дорои ҷомеъа ба ҳамин дарди ичтимоӣ гирифторанд. Вале Аҳмад Зоҳир дар ин байн аз зумраи истисноҳо ба назар мерасид. Ӯ бо завқу рағбати Худодод аз овони хурдсолӣ ба омӯзиши илму ҳунар пардохт.

Тибқи иттилои баъзе аз касоне, ки хонаводаи Аҳмад Зоҳирро аз наздик мешинохтанд, ӯ аз синни хурдӣ ба навохтани асбобҳои мусиқӣ ва овозхонӣ рағбат дошт. Аҳмад Зоҳир, махсусан навохтани ҳармонияро дӯст медошт. Дар ҷашнҳои хонаводагӣ ӯ бо ҳамин асбоб бештар овозхонӣ мекард. Мандалин ва аккордеонро низ хеле хуб менавохт.

Дар матбуоти мо мақолаҳое ба нашр расидаанд, ки гӯё падари Аҳмад Зоҳир зидди ба мусиқӣ ва овозхонӣ сару кор гирифтани писараш будааст. Ҳатто дар ин замина гӯё байни падару писар ихтилофи шадиде рух дода бошад. Албатта ин дур аз ҳақиқат аст. Гап дар дигар ҷо ҳаст. Дар он замонҳо намояндагони қишри болоии ҷомеъаи афғонӣ

ор мекарданд, ки фарзандони онҳо ба ҳунари мусиқӣ машғул шаванд. Овозхониро онҳо шуғли намояндагони табақаи поёнтар медонистанд. Аҳмад Зоҳир ин анъанаро якумин шуда шикаст. Дар ин самт ӯ инқилоб кард. Бузургӣ ва дурандешии падари Аҳмад Зоҳир доктор Абдузоҳир дар он буд, ки садди роҳи писараш нагардид. Падари Аҳмад Зоҳир ҳамеша мекӯшид, ки фарзандонаш чӣ аз ҷиҳати маънавӣ ва чи аз ҷиҳати ҷисмонӣ рушду нумӯ кунанд, ҳам аз илмҳои гуманитарӣ бохабар бошанду ҳам аз фанҳои техникӣ. Ин нуктаро мусоҳибонам ва муаллифони афғонӣ низ борҳо таъкид кардаанд. Барои мисол навиштаи овозхон ва оҳангсози маъруфи афғон Абдулваҳҳоби Мададиро манзуратон месозем. Ӯ дар китоби худ "Саргузашти мусиқии муосири Афғонистон", ки соли 1996 дар Теҳрон ба табъ расидааст, дар бораи Аҳмад Зоҳир аз ҷумла менависад: "Аҳмад Зоҳир дар 24 ҷавзои соли 1325 ҳиҷрии хуршедӣ дар Кобул мутаваллид шуд. Падараш доктор Абдузоҳир, ки замоне Садри Аъзами кишвар ва замоне ҳам Раиси Вулси Ҷирга (Шӯрои миллӣ)-и Афғонистон буд, нахустин мушаввиқи ӯ дар роҳи мусиқӣ ба шумор мерафт". Дар тарбияи Аҳмад Зоҳир дар хонаводаашон аз ҳама бештар модараш, ки зани бофарҳанг будааст, саҳми калон доштааст.Дар муҳити хонадон Аҳмад Зоҳирро навозишкорона "Турҷон" мегуфтанд.

Овозаи хуб суруд хондани Аҳмад Зоҳир зуд паҳн мешавад. Дар синни 12 - 13 солагиаш ӯ аллакай яке аз овозхонҳои маъруфи литсеи "Ҳабибия" ба шумор мерафт. Лисаи "Ҳабибия", ки дар замони ҳукумати Ҳомид Карзай ба номи Оишаи Дурронӣ номгузорӣ шуд, дар ғарби шаҳри Кобул мавқеъият дорад. "Ҳабибия" соли 1902 таъсис ёфта-

аст ва аз қадимтарин мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии Афғонистон ба шумор меравад. Дар тӯли мавҷудияташ ин лисаро шахсиятҳои бузурги сиёсиву фарҳангии Афғонистон аз қабил собиқ сарвазири Афғонистон Ҳошими Майвандвол, собиқ раҳбари ҳукумати коммунистии Афғонистон доктор Наҷибуллоҳ, роҳбари давлати феълии Афғонистон Ҳомид Карзай, олими шинохтаи соҳаи риёзиёту фалсафа доктор Муҳаммадсиддиқи Афғон ва ғайра хатм кардаанд. Нависандаи ин сатрҳо соли 2004 дар Кобул, дар ин лиса бо чанде аз муаллимону мураббиёни ин даргоҳи илму маърифат сӯҳбат доштам. Ҳамаи онҳо ибрози ифтихор мекарданд, ки мактаби онҳоро чунин одамони бузург хатм кардаанд. Ба хусус дар бораи Аҳмад Зоҳир бо як меҳру муҳаббати бепоён ҳарф мезананд. Муаллими фанни таъриху адабиёт Саидисмоили Саидҳабиб, ки ба Аҳмад Зоҳир дарс гуфтааст, ӯро ҳамчун хонандаи боодоб ва болаёқат тавсиф намуд. Дар ёди ман  нест, ки Аҳмад Зоҳир рӯзе ба мактаб бе тайёрӣ омада бошад, мегӯяд Саидисмоил. Мудири умумии лиса Саидносири Аскарзода қайд намуд, ки Аҳмад Зоҳир бо вуҷуди фарзанди нахуствазири кишвар будан аз ҳаммактабиёни худ дар муомила ва муносибат ба устодон ва шогирдон фарқ намекард. Соли 2004 аввалин маротиба дар лисаи Ҳабибия зодрӯзи Аҳмад Зоҳир таҷлил гардид. Ба ин муносибат дар мактаб ҷашни пуршукӯҳе барпо шуд, ки дар он ҳамсинфон, устодон, ҳаводорони Аҳмад Зоҳир аз ҳисоби мардони сиёсиву фарҳангии кишвар ширкат карданд. Ба номи Аҳмад Зоҳир китоби ёддоштҳо тартиб дода шуд, ки бо хоҳиши маъмурияти мактаб банда низ дар он китоб дар бораи ҳунари волои ин нобиғаи мусиқӣ ибрози назар намудам. Мудири мак-

таб ҷаноби Аскарзода инчунин саҳнаеро нишон дод, ки Аҳмад Зоҳир аввалин маротиба аз он ҷо суруди нахустини худ "Ай булбули шӯрида шӯр аз ту фиғон аз ман"-ро хондааст. Дар ҳамон вақт дастаи ҳунарии лисаи "Ҳабибия"-ро як тан аз донишандӯзони ҳамин лиса Масҳур Ҷамол, ки баъдан ҳамчун оҳангсоз ва овозхони варзидаи кишвар эътироф мешавад, роҳбарӣ мекардааст. Баъд аз он ки Аҳмад Зоҳир ин таронаро соли 1961, дар 15 - солагӣ бори нахуст аз саҳнаи театри "Кобул Нандорӣ" бузургтарин саҳнаи ҳунарии кишвар мехонад, ҳама ӯро "Булбули Ҳабибия", "Ситораи Ҳабибия" мегуфтагӣ шуданд.

Соли 1964 дар синни 18 - солагӣ Аҳмад Зоҳир нахустин консерташро доир намуд. Тӯли беш аз ду соат ӯ дар ин консерт ба танҳоӣ ҳунарнамоӣ кард. Баъди ин консерт мусиқишиносону оҳангсозон аз хусуси дар осмони ҳунари Афғонистон тулӯъ кардани ситораи нав хабар доданд. Овозхони ҷавон тамоми он хусусиятҳоеро, ки як ситораи ҳунар бояд дошта бошад, яъне овози хуб, маҳорату малакаи интихоби хуби матну оҳанг ва тарзи иҷрои хуби сурудро, доро буд. Услуби сарояндагии Аҳмад Зоҳир аз услуби овозхонҳои ҳамзамонаш хеле фарқ мекард. Ӯ дар баробари асбобҳои суннатӣ, аз қабили рубобу наю тамбӯру сетор асбобҳои мусиқии аврупоӣ аз қабили аккардеон, пионино, мандолин ва гиторро хеле васеъ истифода мекард.Нахустин ҳунарманди Афғонистон ҳаст, ки асбобҳои мусиқии барқиро истифода кардааст. Оҳангҳои эҷодкардаву интихобнамудааш низ навоварие дар ҳунари мусиқӣ ба ҳисоб мерафтанд.

# МУБОРАК, МУБОРАК, ҶУМҲУРИИ МО МУБОРАК!

Аҳмад Зоҳир баъди хатми литсеи "Ҳабибия" таҳсилашро дар дорулмуаллимини Кобул идома медиҳад. Сипас бо тавсияи падараш, ки дар он замон сафири Афғонистон дар Ҳиндустон буд, ба ин кишвари афсонавӣ меравад ва чанд муддат дар риштаи таълиму тарбия дар он ҷо низ таҳсили илм мекунад. Ҳангоми дар Ҳиндустон буданаш вақти зиёди худро ба омӯзиши мустақилонаи санъати мусиқии ҳиндӣ сарф месозад. Ӯ асосан мусиқии суннатӣ ва замонавии ҳиндиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ҳамнишинону муқаррабонаш ба хотир меоранд, ки баъдҳо Аҳмад Зоҳир чӣ гуна баробари шурӯи ягон оҳанги ҳиндӣ муайян месохт, ки он молӣ кадом оҳангсоз ҳасту овозхонаш кӣ ҳаст. Овозхонҳои машҳури ҳиндӣ аз қабили Муҳаммад Рафӣ, Мукеш, Лата Мангешкар, Аша Бҳосле, Кишор Кумар ва махсусан Сайгалро хеле дӯст медошт. Наворҳои онҳоро бо шавқ такрор ба такрор гӯш мекард. Баъди бозгашт ба Афғонистон Аҳмад Зоҳир чанд муддат дар рӯзномаи англисизабони "Кобул таймс" ба ҳайси хабарнигор ифои вазифа мекунад. Аз он ҷо ба раёсати Афғонфилм ба кор мегузарад. Ҳарчанд дар мансабҳои зикргардида низ пешравиҳое дошт, вале ҳушу ёдаш ҳамеша ба ҳунари овозхонӣ банд буд. Билохира, ин вазифаҳоро тарк гуфту пурра ба кори овозхонӣ гузашт. Дар муддати кӯтоҳ як гурӯҳи ҳунарие созмон дод, ки он ба зудӣ тавонист маҳбубияти мардумро сазовор шавад.

Соли 1972 Аҳмад Зоҳир аввалин бор унвони фахрии "Хонандаи беҳтарини сол" - ро дар Афғонистон соҳиб шуд. Аз ҳамон дам шурӯъ карда то рӯзи маргаш ин унвони ифтихории хеле бонуфузи санъати овозхонии Афғонистонро мутахассисони ин соҳа ҳар сол танҳо ба ӯ лоиқ медонистанду халос. Баъди марги Аҳмад Зоҳир ин унвон дигар ба касе аз овозхонҳои афғонӣ дода нашудааст. Шояд дар ин маънӣ ҳикмате нуҳуфта бошад. Баъди Аҳмад Зоҳир дигар фарде дар Афғонистон натавонистааст ҳунари овозхониро ба пояи Аҳмад Зоҳир бирасонад. Воқеан, ҷои ӯ холист, холӣ.

Дар атрофи ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмад Зоҳир ҳақиқату овозахои зиёде паҳну мунташир гардидаанд. Умуман, агар ҷиддӣ бигирем, паҳлӯҳои зиёди зиндагии Аҳмад Зоҳир барои хонандаи имрӯзаи тоҷик ҳанӯз ҳам норӯшан мондааст. Аз дидгоҳи мо ин паҳлӯҳои торики ҳаёти шахсии Аҳмад Зоҳирро ба се мавзӯъ ҷудо кардан мумкин аст. Якум, оё Аҳмад Зоҳир ҳамчун овозхони шинохта ба сиёсат сару кор дошт ё на? Дуввум, ба чӣ сабабҳо Аҳмад Зоҳир зиндонӣ шуд ва оқибати он чӣ гуна анҷомид? Ва саввум, омилони ҳақиқии куштори Аҳмад Зоҳир киҳо буданд ва ӯ чаро кушта шуд?

Барои чӣ маҳз ҳамин паҳлӯҳои зиндагии Аҳмад Зоҳирро рӯшан кардан лозим аст? Барои он ки маҳз дар ҳамин мавзӯъҳо ихтилофи назарҳо хеле зиёданд.

Бояд кушоду равшан гуфт, ки Аҳмад Зоҳир дар зиндагиаш узви ягон ҳизбу ҳаракати сиёсӣ набуд, барои қудрат ҳам мубориза набурдааст. Вале ҳамчун фарзанди айёми худаш ҳамеша бо замон баробар қадам мегузошт. Ӯ тарафдори озодиву таъмини адолати иҷтимоӣ будани худ-

ро ҳеҷ гоҳ пинҳон намедошт. Ӯ ҳамчун як шаҳрванди оддии кишвараш мехост, ки Ватанаш рушду тараққӣ кунад, озоду ободу зебо гардад, мардум зиндагии бофароғате дошта бошанд. Барои ҳамин ҳам вақте 17 июли соли 1973 дар Афғонистон табадуллоти давлатӣ ба вуқӯъ пайвасту ба сари қудрат Муҳаммад Довудхон омада, сохти давлатдории ҷумҳуриро эълон кард, Аҳмад Зоҳир онро бо як умедвории хеле зиёде пазируфт. Дар ёдам ҳаст, ҳамон шабу рӯзи табадуллоти давлатӣ дар Афғонистон мо як гурӯҳ донишҷӯёни Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон дар ҳайати отрядҳои сохтмончиёни донишҷӯ дар даштҳои ҷумҳурии бародарии Қазоқистон машғули ободкардани биёбонҳои нообод будем. Хабари табоддулоти давлатӣ дар Афғонистон моро бештар барои он мушаввашхотир сохта буд, ки намедонистем тақдири овозхони маҳбуби мо Аҳмад Зоҳир дар оянда, дар ҷараёни ин табоддулот чӣ мешуда бошад. Хабарҳои тозаро аз вазъи Афғонистон ҳар рӯз бевосита аз радиои ин кишвар мегирифтем. Боре дар ҳамон рӯзҳо радиои Афғонистон бо садои Аҳмад Зоҳир сурудеро пахш намуд, ки матни он чунин буд:

**НАҚОРОТ**

Муборак, Муборак,
Ҷумҳурии мо, муборак!
Ҷавонон каф занед,
Бихонед, биболед, бигӯед:
Ҷумҳурии мо, муборак!
Ҷумҳурии мо, муборак!

Субҳи ҷумҳурӣ дамид,
Шоми сияҳ саррасид.
Шишаи зулмат шикаст,
Пардаи ғамҳо дарид.

**НАҚОРОТ**

Биё чу абри баҳор,
Ашк зи шодӣ бибор.
Ки решакан мешавад,
Фақр зи афғондиёр!

**НАҚОРОТ**

Ин таронаро Аҳмад Зоҳир бо як ҳиссиёти баланду таъсирбахш месароид. Мо бо шунидани ин суруд шод шудем, ки ӯ зиндаву саломат буда, таҳаввулоти ҷадидро ба хурсандӣ пазируфтааст. Он айём ин сурудро қариб ҳар рӯз аз тариқи радиои Афғонистон мешунавонидand. Баъдтар вақте Аҳмад Зоҳир соли 1975 зиндонӣ шуд, ин сурудро ҳам дар қатори дигар суруду оҳангҳои Аҳмад Зоҳир аз нашр дар радиои Афғонистон боздоштанд. Баъди суқути ҳукумати Муҳаммад Довуд агарчӣ сурудҳои Аҳмад Зоҳирро боз ҳам аз тариқи радиои Афғонистон пахш мекардагӣ шуда бошанд ҳам, вале он суруди "Муборак" -ро дигар аз радиои Афғонистон мо нашунидем. Зеро ҳукумати дигаре, ки ба сари қудрат омада буд, намехост суруде, ки сохти давлатдории пешинро тараннум мекард, аз радиои давлатӣ танинандоз бошад. Баъдҳо дар як мақолаам дар бораи Аҳмад Зоҳир ман изҳори таассуф кардам, ки шояд ин су-

руди "Муборак" аз байн рафта бошад. Чунки дар ягон навор ё албомҳои Аҳмад Зоҳир онро дигар пайдо накардам, агарчанде барои ёфтанаш кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода бошам ҳам. Вале хушбахтона, баъди чопи он мақола ду нафар аз мухлисони Аҳмад Зоҳир, яке хабарнигори рӯзномаи "Чархи гардун", бонуи бофарҳангу донишманд Тӯҳфа Аҳмадова ва дигаре корманди бозори "Корвон", ҷавони санъатдӯст Миралӣ ба ман хабари хуш доданд, ки ин сурудро онҳо чандин сол ҳаст, ки дар бойгонии худ маҳфуз медоранд. Суруд бевосита аз радиои Афғонистон дар замони салтанати Муҳаммад Довуд сабт шудааст. Бовар кунед, ки кори онҳо на камтар аз амали фарде ҳаст, ки як ёдгории нодири таърихиеро ҳифз карда бошад. Охир, агар "биноҳои обод зи борону барфу тобиши офтоб хароб" шаванд аз байнбарандаи қасрҳои маънавии бузургони фарҳангу ҳунар маҳз ҳаводиси рӯзгор аст. Ин мисол заруратӣ ҳарҷӣ зудтар гирдовардану ба як низому тартиб даровардан ва интишор кардани осори Аҳмад Зоҳир ва дигар бузургони фарҳангу ҳунарро таъкид менамояд.

## БӮИ ТУ ХЕЗАД ҲАНӮЗ, БӮИ ТУ АЗ БИСТАРАМ!

Агар дар бораи Аҳмад Зоҳир ҳарф бизанему аз оиладории ӯ, аз муносибати ӯ ба занҳо чизе нагӯем, пас ин монанди он аст, ки дар бораи нони гарм гуфтаему аз танӯр фаромӯш кардаем.

Дар бораи ҳаёти оилавии Аҳмад Зоҳир маълумотҳо хеле кам ва зидду нақизанд. Баъзеҳо бар онанд, ки Аҳмад Зоҳир дар тӯли умри кӯтаҳи худ се бор издивоҷ намудааст. Чунончи оқои Абдулваҳҳоби Мададӣ дар китоби дар

боло ишорашуда дар ин бора маълумот додааст. Тибқи навиштаи ӯ "Аҳмад Зоҳир аз се издивоҷ соҳиби ду фарзанд гардидааст. Аз зани якумаш писар ва аз завҷаи саввумаш духтар, ки он ҳам як рӯз баъди марги ӯ ба дунё омадааст". Оқои Мададӣ дар ин бора ягон иттилооти дигаре надодааст.

Мувофиқи иттилои аксари манбаъҳои дигар Аҳмад Зоҳир ҳамагӣ ду бор издивоҷ намудааст. Дар ин робита ҳини сафарам ба Кобул, ки моҳи сентябр ва октябри соли 2004 ба вуқӯъ пайваст, аз дӯстони наздики Аҳмад Зоҳир Самади Дор-Дор ва Сафиуллоҳи Субот хоҳиш кардам ба ин масъала рӯшанӣ андозанд. Дар бораи ҳаёти оилавии Аҳмад Зоҳир, хонандаи азиз, бештар бо такя ба гуфтаҳои Самади Дор-Дор ва Сафиуллоҳи Субот, ки бо ӯ робитаи наздики хонаводагӣ доштаанд,ба шумо маълумот медиҳем. Ҳамин тариқ Аҳмад Зоҳир нахустин бор охири солҳои шастуми милодии асри гузашта ба Ноҷия ном ҳамсоядухтаре, ки падарашро Замонхон мегуфтанд ва марди баобрӯ буд, хонадор мешавад. Аз ин издивоҷ соли 1970 дар шаҳраки Сиэтли ИМА писаре ба дунё меояд, ки номашро Рашод мегузоранд. Ин замоне буд, ки Аҳмад Зоҳир ба қуллаи баландтарини шӯҳрату обрӯ расида буд. Ӯро ҳамасола овозхони беҳтарин эълон мекарданд. Теъдоди мухлисонаш рӯз ба рӯз меафзуд. Махсусан, занҳо таронаҳои ӯро хеле зиёд дӯст медоштанд ва ӯро на танҳо дар консертҳояш, балки дар кӯчаву бозор ва хатто дар хонааш ба хотири соядаст гирифтану сӯҳбате доштан ором намегузоштанд. Рӯзноманигори тоҷик Салима Ваҳҳобзода дар сӯҳбат ба муаллифи ин сатрҳо ҳикоя намуд, ки ӯ рӯзи 27-уми апрели соли 1979 дар консерти Аҳмад Зоҳир, ки дар

вазорати молияи Афғонистон ба муносибати ҷашни нахустин солгарди Инқилоби Савр барпо гардида буд, ҳузур дошт ва худ шоҳиди зиндаи ҳунарнамоии ин хунёгари бемисл шуд. Ба гуфтаи Салима Ваҳҳобзода баъди консерт, ки аз соати 10 шаб то 3 субҳ идома доштааст, духтарони зиёди ҳамкораш Аҳмад Зоҳирро иҳота намуда аз ӯ соядаст мегирифтанд. Он духтароне, ки бо худ дафтарча ё коғазе надоштанд, хоҳиш мекарданд, ки соядастро дар кафи дасти онҳо нависад. Аҳмад Зоҳир илтимоси онҳоро рад намекард. Салима Ваҳҳобзода ба ёд меорад, ки он духтарҳо ҳафтаҳо он дасти соядасти Аҳмад Зоҳир доштаи худро намешустанд то он соядаст аз кафи дасти онҳо зудуда нашавад. Ба ҳамин монанд даҳҳо қиссаҳои зиёде аз муносибати занҳо ба Аҳмад Зоҳир мавҷуд  аст.

Табиист, ки  Ноҷия аз ин хабару қиссаҳо беиттилоъ намемонд. Онҳо ҳатман ба гӯши ӯ низ мерасиданд. Баъзе рақибон ва онҳое, ки аз шӯҳрати рӯзафзуни ӯ, аз ҳунари волои ӯ, аз овози нотакрори ӯ, билохира аз зиндагонии ӯ ҳасад мебурданд, барои расонидани зарбаҳои рӯҳӣ ба Аҳмад Зоҳиру хонаводаи ӯ чи корҳоеро анҷом намедоданд, чи овозаҳоеро паҳн намекарданд!

Мутаассифона, Ноҷия - ҳамсари Аҳмад Зоҳир натавонист ба ҳамаи он санҷишҳои рӯзгори фӯлодчангол тоб биёрад, тоқат кунад. Тавсани рашку ғурурро мутеъ бисозад. Натавонист, ки ниҳоли умедашро аз чашмаи шикебоӣ обёрӣ кунад ва аз тафбодҳои сӯзони рашк наҷоташ бидиҳад.

Билохира, соли 1973  ӯ  Аҳмад Зоҳирро тарк кард ва Рашоди сесоларо низ бо худ бурд. Аҳмад Зоҳир, баъди рафтани Ноҷияву Рашод эҳсос кард, ки ба чи мушкилоте

рӯ ба рӯ шудааст. Ӯ агарчӣ дар саҳна ҳамон Аҳмад Зоҳири зебо буд, ҳамон Аҳмад Зоҳири дилҳо буд, вале акнун ӯ дар хона Аҳмад Зоҳири танҳо шуд. Ёди завҷаи номеҳрубонаш, ёди он тифлаки дӯстрӯяш ӯро азият медоданд. Ӯ сӯзи ниҳонии худро ба панҷа задан ба рӯи тугмачаҳои ҳармония, ки ба дунбол навои ҳазину ҷигарсӯзе доштанд, таскин мебахшид:

**Аввалин ишқам ту будӣ,**
**Охирин ишқам ту будӣ.**
**Рафтӣ аз ман дил гирифтӣ,**
**Бо гапи мардум намудӣ.**
**Дарду андӯҳам фузудӣ,**
**Дар сукути нимашабҳо,**
**Бо худам танҳо нишастам.**
**Нағмаи маргам сурудам,**
**Кош ҳаргиз ман набудам.**
**Кош ҳаргиз ман набудам.**

Сурудхонӣ лаҳзае бошад ҳам ба ӯ оромӣ мебахшид. Вале боз вақте, ки худро миёни хонаи холӣ танҳо медид, боз ба ёди ёри сангиндилаш мегуфт:

**Бӯи ту хезад ҳанӯз бӯи ту аз бистарам,**
**Ай лаби нӯшин, бимонд доғи ту дар пайкарам.**

Дар ин давра Аҳмад Зоҳир бисёр кӯшиш кард, ки завҷаи дилозорашро ба хона баргардонаду оилаи худро аз шикаст, аз фурӯпошӣ наҷот бидиҳад. Таронаҳои "Бевафо ёрам", "Аввалин ишқам ту будӣ", "Бӯи ту хезад ҳанӯз, бӯи

ту аз бистарам", "Ёр аз дили ман хабар надорад", "Имшаб ба қиссаи дили ман гӯш мекунӣ"маҳсули ана ҳамин рӯзҳои ҷудоӣ аз ҳамсари нахустинаш аст. Аз он ки таронаҳо аз умқи қалби овозхон берун шудаанд ва эҳсосоти ҳамон шабурӯзии Аҳмад Зоҳирро инъикос кардаанд, мо метавонем дарк бикунем, ки чи бори мушкилеро он замон ин хунёгари бузург ба дӯш доштааст. Албатта падару модари меҳрубонаш, дӯстону наздиконаш кӯшишҳо ба харҷ доданд, ки Ноҷия ба оғӯши оила баргардад. Вале мутаассифона, ҳама кӯшишҳо баръабас буданд. Аммо Аҳмад Зоҳир он замон гумон мекард, ки "ёр аз дили ӯ хабар надорад":

**Ёр аз дили ман хабар надорад,**
**Ё оҳи дилам асар надорад.**
**Ё домани раҳми ту тилисм аст,**
**Ё нолаи ман шарар надорад.**

Бинобар ин ӯ худ ба назди Ноҷия меравад ва бо нолаву зора ӯро ба хона баргардониданӣ мешавад. Вале он "духти мағрур" аз аспи ҷафо поин намешавад ва Аҳмад Зоҳир барояш мегӯяд:

**Бозӣ ту кардӣ бо сарнавиштам,**
**Раҳме накардӣ, ман ноумедам.**
**Ҳаргиз дубора сӯят наоям,**
**Кардӣ ту помол ин сарнавиштам.**
**Рафтам зи кӯят бо чашми гирён,**
**Дигар наоям бо оҳу афғон.**

Дар ҳақиқат, баъд аз ин Аҳмад Зоҳир таронаҳоеро эҷод

кард, ки онҳоро барои худ ба ҳайси як навъ қасам медонист, қасами буридан аз ҳамсари аввали худ, тарки оиладорӣ кардан бо ӯ. Сурудҳои "Намехоҳам туро, ай духти мағрур", "Бурида бод пои ман агар равад ба хонаат", дар ҳамин рӯзҳо эҷод шудаанд:

**Бурида бод пои ман, агар равад ба хонааш,**
**Шикаста гардад он саре, ки хам шавад ба шонааш.**
**Қарор буд то абад вафо кунад ба ишқи ман,**
**Надонам, ай Худо, чӣ шуд қарори ҷовидонааш?**
**Агар биёяд ӯ фитад ба пои ман, ки раҳм кун,**
**Намениҳам дубора сар ба хоки остонааш.**

Ҷудоӣ аз завҷаи нахустину фарзанди дилбандаш Рашод барои Аҳмад Зоҳир он замон бори гарон буд. Ва ин бори гарон оқибат дар ҳаёти минбаъдаи ӯ таъсири манфӣ гузошт. Ба ҳар ҳол маҳз дар ҳамин давра Аҳмад Зоҳир ба мушкилоти боз бештаре дучор мегардад.

## НА ДИЛ МАФТУНИ ДИЛБАНДЕ, НА ҶОН МАДҲУШИ ДИЛХОҲЕ

Холида аз ҷумлаи он духтароне буд, ки на танҳо мафтуни садову таронаҳои Аҳмад Зоҳир, балки дар дил меҳру муҳаббати ӯро низ дер боз самимона мепарварид. Бо вуҷуди он, ки медонист овозхон зану фарзанд дорад ва онҳоро ҳам хеле дӯст медорад, орзуи ҳамсари Аҳмад Зоҳир шудан дар қалби ӯ сахт маскан гузида буд. Барои ба ин ҳадаф расидан Холида ба ҳар гуна корҳо қодир буд. Падараш Паргул Мангал (ба қавле шавҳари модараш) на танҳо соҳибмансаб, балки соҳиби обрӯву эътибори баланд низ

дар ҷомеъа буд. Ин ҳолат шанси Холидаро барои амалӣ гардидани орзуяш бештар мекард. Аҳмад Зоҳир Холидаро дар аввал ҳамчун яке аз мухлисони таронаҳояш қабул кард. Дар ҷамъомадҳое, ки бо ибтикори Холида баргузор мешуданд, ширкат мекард ва овозхонӣ менамуд. Ин гуна ҷамъомадҳову шабнишиниҳо, махсусан баъд аз Аҳмад Зоҳир хатти талоқ гирифтани ҳамсари нахустинаш Ноҷия бештар мешаванд. Дар яке аз чунин маҳфилҳо Холида аз Аҳмад Зоҳир талаб мекунад, ки расман ба ӯ хонадор шавад. Аҳмад Зоҳир, ки дар бораи Холида ҳар гуна овозаҳои дигарро шунида буд, ин хоҳиши ӯро рад мекунад. Самади Дор-Дор мегӯяд, ки бар асари ин моҷаро Аҳмад Зоҳир бори нахуст ба ҳабс кашида мешавад ва чанд муддати кӯтоҳ дар он ҷо мемонад. Холида, ба қавли дӯстӣ наздики Аҳмад Зоҳир Самади Дор-Дор,бо истифода аз обрӯи падар тавассути мақомоти полис ба Аҳмад Зоҳир фишор меорад ва овозхонро маҷбур мекунад, ки ӯро расман ба никоҳи худ дарорад. Волидайн ва наздикони Аҳмад Зоҳир зидди ин никоҳ буданд. Аҳмад Зоҳир Холидаро чанд муддат дар хонае, ки иҷорапулиашро оҳангсози маъруф Фазлаҳмади Найнавоз медодааст, нигоҳ медорад. Аҳмад Зоҳир чун Холидаро аз таҳти дил дӯст намедошт, аз ӯ дурӣ меҷӯяд. Холида, ки бо кӯмаки дӯстони падараш иҷборан хатти никоҳи Аҳмад Зоҳирро соҳиб шуда буд, ҳеҷ наметавонад, ки чизи на камтар аз никоҳ муҳимтар барои як зан дар зиндагӣ -меҳру муҳаббати шавҳарашро ба даст биёрад. Ӯ ҳатто дигар наметавонист дар байни дугонаҳояш ба ифтихор бигӯяд, ки ӯ завҷаи ромишгари бузург Аҳмад Зоҳир аст. Зеро онҳо ҳама медонистанд, ки Аҳмад Зоҳир бо Холида чи гуна муомила дорад. Ба ҳар ҳол Холида ба-

умед буд, ки баъди таваллуди фарзанд шояд муносибати овозхон ба ӯ тағйир меёбад. Дар ин байн Аҳмад Зоҳир пинҳонӣ аз Холида ба як хонуме, ки дар ҳақиқат дӯсташ медошт, иҷдивоҷ мекунад. Фахрия қабл аз ба Аҳмад Зоҳир хонадор шудан як бори дигар иҷдивоҷ карда буд. Сабаби аз шавҳари аввалааш ҷудо шудани Фахрия маълум нест. Вале ҳаминаш маълум аст, ки Аҳмад Зоҳир баъди бо Фахрия дучор шудан нисбатан оромии рӯҳӣ ва як беҳбудии нисбиеро дар ҳаёти худ дарк мекунад ва Фахрияро на танҳо ҳамчун маҳбубае медонад, балки ӯро яке аз маслиҳатгар ва машваратчиёни худ дар ҷодаи овозхонӣ мепазирад. Воқеан, навори синамоие, ки Аҳмад Зоҳирро дар табиат, дар лаби дарё дар ҳоли ҳаракат нишон медиҳад, тавассути ҳамин Фахрия шоме дар Қарға ном мавзеи наздики Кобул сабт шудааст, мегӯяд Самади Дор-Дор.

## ДИЛ НЕСТ КАБӮТАР, КИ ЧУ БАРХОСТ НИШИНАД

Оғози фоҷиаи Аҳмад Зоҳирро бисёриҳо рӯзе медонанд, ки ҷасади Холидаи нокомро наздиконаш аз аз доманаи кӯтали хайрхонаи наздики Кобул пайдо мекунанд. Табиист, ки бо он муносибате, ки Аҳмад Зоҳир бо Холида дошт, дар ин лаҳза ангушти иттиҳом дар қатли Холида пеш аз ҳама ба сӯи ӯ ва ёронаш нигаронида мешавад. Худи ҳамон рӯз Аҳмад Зоҳирро дар хонаи Фахрия боздошт намуда ҳамроҳ бо ӯ дигар дӯстони наздикаш -Самади Дор-Дор, зани ӯ Шукрия, Довуд ва боз чанд нафари дигар, аз ҷумла овозхони маъруф хонум Парастуро низ бо гуноҳи даст доштан дар куштори Холида ба зиндон мепартоянд. Тафтишоти ин ҷиноят беш аз шаш моҳ идома меёбад. Билохи-

ра, даст надоштани Аҳмад Зоҳир ва ёронаш дар ин қатл исбот мешавад. Баъдан маълум мешавад, ки Холидаро нафаре бо исми Ҳашматхон, шавҳари Хубон ном як дугонааш ба қатл расонда будааст. Бо гуфтаи бархе аз муҳаққиқони ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмад Зоҳир гӯё Ҳашматхон Холидаро барои ба хиёнати оилавӣ даст задани завҷааш муқассир дониста ба қатл мерасонад. Дар бораи аз Холида фарзанд доштан ва ё надоштани Аҳмад Зоҳир ҳам фикрҳо мухталифанд. Бархе ба ин ақидаанд, ки Аҳмад Зоҳир аз Холида фарзанд надошт. Сари ин ақида, махсусан собиқ ҳамсарони Аҳмад Зоҳир Ноҷия ва Фахрия пофишорӣ мекунанд. Табиист, ки фарзандони онҳо Ришод ва Шабнам низ дар чунин фикранд. Сафиуллоҳ Субот, шоир, оҳангсоз ва дӯсти Аҳмад Зоҳир низ тарафдори он аст, ки овозхон аз Холида фарзанд надошт. Вале соли 2003 дар Кобул Самади Дор-Дор ҷавонеро бо номи Аҳмад Ёсир Баҳор фарзанди Аҳмад Зоҳир аз Холида эълон мекунад. Чеҳраи Аҳмад Ёсир Баҳор дар ҳақиқат шабеҳи симои Аҳмад Зоҳир аст. Ӯ низ овозхонӣ мекунад ва бештар сурудҳои Аҳмад Зоҳирро ба репертуари худ дохил кардааст. Соли 2004 Аҳмад Ёсир Баҳорро дар Хуҷанд ва Душанбе ҳамчун овозхон ва фарзанди Аҳмад Зоҳир гарм истиқбол намуданд. Ӯ дар ин шаҳрҳо чанд консерт намоиш дод. Устод Ҷӯрабек Муродов, овозхони машҳури Тоҷикистон дар консерти дар Хуҷанд намоиш додаи Ёсир Баҳор ӯро таблиғу ташвиқ кард ва ҳамчун фарзанди Аҳмад Зоҳир муаррифӣ намуд.

Ҳангоми сафари навбатиам ба Кобул соли 2004 ман аз дӯстону наздикони Аҳмад Зоҳир дар бораи Ёсир Баҳор пурсон шудам. Дӯсти наздиктарини Аҳмад Зоҳир Самади Дор-Дор тасдиқ намуд, ки Ёсир Баҳор фарзанди Аҳмад

Зоҳир аст аз занаш Холида. Бо қавли Самади Дор-Дор Аҳмад Зоҳир аз Холида боз як духтари дигар низ доштааст, ки вафот кардааст. Ба саволи он ки чаро аз Холида фарзанд доштани Аҳмад Зоҳирро наздикон ва ҳатто муҳаққиқон мекӯшанд нодида бигиранд, Самад посух дод, ки чун никоҳ иҷборӣ буд ва волидайни Аҳмад Зоҳир ҳам ба ин издивоҷ чандон розӣ набуданд, Аҳмад Зоҳир ва дӯстонаш тарҷеҳ медоданд дар ин бора камтар ҳарф бизананд. Вале Ёсир Баҳор дар ҳақиқат фарзанди Аҳмад Зоҳир аст. Аз ин холи бари чашм ва тарҳи рӯяш гувоҳӣ медиҳанд. Аҳмад Зоҳир ҳам чунин нишонаҳоро дошт, - мегӯяд Самади Дор-Дор.

Суханони Самади Дор-Дорро Муҳаммадрафиқи Хушнуд - раиси раёсати омӯзиши мусиқии Вазорати фарҳангу иттилооти Афғонистон, Раззоқи Момун, нависанда ва Шоҳмаҳмуди Наврӯзӣ, яке аз оҳангсозони муосири афғон тасдиқ намуданд.

Вале ҳамсӯҳбатони ман аз посухи як савол, пас Ёсир Баҳор дар тарбияи кӣ ба воя расидааст, ҳамагӣ худдорӣ намуданд ва гуфтанд баъдан ин масъала низ худ ба худ рӯшан хоҳад шуд. Пеш аз он, ки дар бораи завҷаи сеюми Аҳмад Зоҳир Фахрия ҳарф бизанем, хонандаи гиромӣ, мехостам шуморо аз мавҷудияти як нуқтаи назари дигаре дар барои сабабҳои зиндонӣ шудани Аҳмад Зоҳир огоҳ созам. Бале, аксари наздикони овозхон ва пажӯҳишгарон бар ин ақидаанд, ки сабаби ба маҳбас кашида шудани Аҳмад Зоҳир танҳо ҳамин куштори Холида аст. Вале иддаи дигаре бар онанд, ки дар зиндонӣ шудани Аҳмад Зоҳир дар ин даврони ҳукумати Муҳаммад Довуд омилҳои дигаре низ вуҷуд доштанд.

# МАН НАГӮЯМ, КИ МАРО АЗ ҚАФАС ОЗОД КУНЕД

Агарчӣ табодулоти давлатии Муҳаммад Довудро ӯ бо рӯҳбаландӣ пазируфта бошад ҳам, вале баъдҳо аз чӣ сабаб бошад, ки дилаш аз сиёсати Довуд хунук мешавад ва дар баъзе консертҳои маҳфилии худ ӯро мазаммат ва ҳатто масхара мекунад. Ин чизҳо дар баъзе кассетаҳои консертҳои маҳфилиаш то ба замони мо низ омада расидаанд. Масалан, дар як маҳфиле бо овози баланд "Довуди хар" мегӯяд. Вақте ба ӯ мегӯянд, ки чаро ин тур мегӯӣ? Посух медиҳад, ки ман дӯсти худамро мегӯям ва ба сӯи дӯсти қаринаш Довуд ишора мекунад. Дар ҷои дигар овози худро ба тарзи гапзании Муҳаммад Довуд монанд карда, яъне ба ӯ тақлид карда, суханҳое мегӯяд, ки боиси хандаву истеҳзои маҳфилин мешаванд. Албатта мазмуни ин гуна маҳфилҳо наметавонист аз назари ҷосусони Муҳаммад Довуд дур бимонад. Чӣ боис шудааст, ки Аҳмад Зоҳир бо Муҳаммад Довуд чунин муносибат дошта бошад?

Баъзеҳо баронанд, ки чунин рафтори Аҳмад Зоҳир аз шеваи муносибати Муҳаммад Довуд бо падари овозхон доктор Абдузоҳир маншаъ мегирад. Доктор Абдузоҳир дақиқан аз моҳи июни соли 1971 то охирҳои соли 1972 Садри Аъзами Афғонистон буд. Чанд моҳ қабл аз табодуллоти давлатии Муҳаммад Довуд ӯ ба истеъфо рафта буд. Тибқи ақидае марҳум доктор Абдузоҳир интизор буд, ки Муҳаммад Довуд ӯро ба сиёсати бузург бармегардонад. Вале ин тавр нашуд ва шояд яке аз сабабҳои дилху-

нукӣ ва ҳатто норизогии минбаъдаи Аҳмад Зоҳир аз ҳукумати Муҳаммад Довуд дар ҳамин бошад. Чунин тахминҳо ва фарзияҳо вуҷуд доранд. Вале ҳатман сабабҳои дигаре низ вуҷуд доштанд. Таҳкиқи амиқи онҳо ба вақт эҳтиёҷ дорад. Ҳарчи кӣ набуд маҳз дар замони салтанати Муҳаммад Довуд, соли 1975 Аҳмад Зоҳир зиндонӣ мешавад. Тибқи маълумоти расмӣ Аҳмад Зоҳир ба куштори занаш Холида муттаҳам мешуд.

Радиои "Овози дӯст" - и Покистон бошад дар барномаи "Сӯҳбати Кокоҷон" Аҳмад Зоҳирро он давра маҳбуси сиёсӣ эълон кард. Профессор Худойназар Асозода дар мақолаи ба Аҳмад Зоҳир бахшидаи худ ба масъалаи зиндонӣ шудани овозхон дахолат карда, ақидаи муаллифони китоби "Боз омадам" - ро дар бораи он ки сабабҳои маҳбасӣ шудани Аҳмад Зоҳир гӯё сурудҳои инқилобии ӯ будаанд, рад мекунад. Худойназар Асозода ва олими дигари шинохтаи тоҷик, овозхони маъруф, дӯсти Аҳмад Зоҳир Ҷӯрабек Назриев ҳамон вақтҳо дар Афғонистон ифои вазифа мекарданд, дар сӯҳбат бо муаллифи ин сатрҳо сабаби зиндонӣ шудани Аҳмад Зоҳирро дар муттаҳам донистани ӯ ба куштори ҳамон Холида маънидод кардаанд.

Бино ба гуфтаи Ҷӯрабек Назриев бо дарназардошти он хислату хулқе, ки Аҳмад Зоҳир дошт, ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист ҳатто мӯреро озор бидиҳад, куштани зан он тараф истад.

Бино ба гуфтаи дӯстони наздики Аҳмад Зоҳир, махсусан Самади Дор-Дор, овозхон дар тӯли умри кӯтоҳи худ камаш се бор ба маҳбас кашида мешавад. Чи тавре ки қаблан зикр кардем, бори нахуст барои рад кардани пешниҳоди издивоҷ бо Холида ба моҷаро кашида мешавад ва



Алмоси Шарқ



Хонаи Аҳмад Зоҳир дар чорраҳаи Ансорӣ



Бинозам қалби покат, модари ман...



Аҳмад Зоҳир бо
писараш Ришод



Нигоҳ кун, ки нарезад
диҳӣ чу бода ба дастам



Намедонам барои кӣ
бигирям...



Дар лаби обе




Аҳмад Зоҳир дар вақти истироҳат



Биё бурем дашт...



Аҳмад Зоҳир
дар домани саҳро



Аҳмад Зоҳир бо мутаре, ки гӯё тасодум кардааст.



Муаллиф дар назди мақбараи Аҳмад Зоҳир,
16 июни соли 2002



Таҷлили солгарди мавлуди Аҳмад Зоҳир дар сари қабраш 14.06 2005.




Саид Махдуми Раҳин-вазири фарҳанг ва иттилооти Афғонистон дар сари қабри Ахмад Зохир ӯро шаҳид гуфт. 14 июни соли 2005



Устод Ҳамоҳанг дар сари мақбараи Ахмад Зохир
14 июни соли 2005



Ришод, писари Аҳмад Зоҳир




Шодравон Фазлаҳмади Найнавоз



Марҳум Ҳашматхон, ҳунарпешаи синамо, дӯсти Аҳмад Зоҳир ва муаллиф.



Хонум Жило бо Аҳмад Зоҳир сурудҳои дугона хондааст



Шоҳвалӣ Валии Таронасоз ва Муҳаммад Осифи Чиштӣ



Хафизуллоҳ Хаёл ва Абдуҷалил Залонд.


Устод Маҳваш ва Халил Роғиб ҳунармандони Афғонистон


Сафиуллоҳ Субот, шоир ва оҳангсози афғон ва муаллиф



Умар Султон ва Халил Роғиб дар гузашта мутрибони Аҳмад Зоҳир, ҳоло шахсиятҳои маъруфи Афғонистон



Муҳаммад Осифи Чиштӣ дар Душанбе аз Аҳмад Зоҳир қисса мекунад




Фарҳоди Дарё ва муаллиф




Абдуллоҳи Эътимодӣ бо писараш, Аҳмад Валид бо писараш ва Воҳид Қосимӣ



Симини Беҳбаҳонӣ ва Лӯъбати Воло. Акси соли 2012



Ҷӯрабек Муродов, Ҳунарманди мардумии СССР




Расми бо мӯқалам кашидашудаи се хунёгари нотакрор-Мухаммад Рафӣ, Аҳмад Зоҳир ва Кароматуллоҳи Қурбон



Акси якҷояи алоқамандони садои Аҳмад Зоҳир



Садриддин Наҷмиддин,
овозхони тоҷик



Абдухолиқ Суфиев, овозхони нобино, ки таронаҳои
Аҳмад Зоҳирро месарояд

бар асари он моҷаро ӯро ба ҳабс мегиранд. Дафъаи дуввум бо иттиҳоми даст доштан дар куштори Холида 6-моҳ ба маҳбас кашида мешавад. Вале баъдан бегуноҳии ӯ исбот мегардад ва ӯро дар рӯзи марги модараш озод мекунанд. Маротибаи сеюм тахминан моҳи феврали соли 1979 бо баҳонаи "Такмили парвандаи Холида", вале дар асл бо мақсадҳои сиёсӣ ӯ ба зиндон андохта мешавад.

Баъзе муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки мазоқ кардан-ҳову луқмапартоиҳо дар ростои Муҳаммад Довудхон ва Нурмуҳаммади Тараки дар ҷараёни консертҳои маҳфилиаш дар борҳо зиндонӣ шудани ӯ низ бетаъсир набудаанд.

Сурудҳои "Аз тангнои маҳбаси торикӣ", "Аз пеши ман бирав, ки дилозорам", "Вақте, ки дилтанг аст, фойдаш чӣ озодӣ?", "Тарсам озод насозад зи қафас сайёдам", маҳсули эҷоди давраи бори дуввум зиндонӣ шудани овозхон мебошанд. Умуман, ҳамин давраи зиндагонии Аҳмад Зоҳир, яъне даврони баъд аз ҷудоӣ бо Ноҷия мушкилтарин даврони ҳаёташ аст. Дар ҳамин давраи маҳбусиаш модари ҳанӯз ҳам ҷавону вафодораш, дигар ба ин ранҷу дарду ғам ва зиндаҷудоӣ аз фарзанди дӯстдоштааш тоб наоварда вафот мекунад. Аҳмад Зоҳирро аз маҳбас рост ба болои тобути модар меоранд. Дидори рӯи модари фавтида Аҳмад Зоҳирро ба ҳолати шок меорад ва ӯ дар ин лаҳза дар ҷамъи мардум ба тани худ чанд корд мезанад. Танҳо дахолати оҷили духтурон ва амалиёти ҷарроҳӣ Аҳмад Зоҳирро аз марги ногузир наҷот медиҳад.

Воқеан, сурудҳои "Ай Худо, модари ман боз ба ман деҳ" ва "Бинозам қалби покат, модари ман" - ро Аҳмад Зоҳир дар ҳамин рӯзҳои азодорӣ бар марги модараш гуфтааст. Матни таронаҳо моли худи Аҳмад Зоҳир мебошанд.

# МАБОДО НОЗАНИНИ МАН ЗИ МАН ТУ САРГАРОН БОШӢ

Баъди мушкилоти пай дар паи охир Аҳмад Зоҳир шадидан хаставу шикастарӯҳ ба назар мерасид. Падар, аппааш Зоҳира, бародараш Осиф, хоҳараш Билқис ва дигар наздикону дӯстонаш саъй мекарданд, то овозхони маҳбубро аз вартаи мусибатҳои эҳтимолии дигар наҷот бидиҳанд. Бо вуҷуди мушкилотҳои зиёде, ки болои сари ӯ яке паси дигаре буруз мекарданд, Аҳмад Зоҳир лаҳзае аз эҷод кардани тарона бознамондааст, мухлисони сершуморашро аз шунидани овози пурэъҷозаш бенасиб нагузоштааст. Дарду андӯҳи дарунӣ, сӯзиши қалби зебопарасташ гӯё муҳаррикони саманди илҳомаш буданд. Бино ба шоҳидии устод Ҷӯрабек Назриев, ки ба Аҳмад Зоҳир моҳи феврали соли 1976 робитаи дӯстӣ барқарор кардааст, он айём овозхони маҳбуб ҳаёти муҷаррадонаеро ба сар мебурдааст. Вале ҳамон вақт Аҳмад Зоҳир аз мавҷудияти зане дар ҳаёташ ҳарф мезадааст, ки ӯро хеле дӯст медоштааст ва ҳатто боре ба Ҷӯрабек Назриев аксашро нишон додааст. Ин тақрибан се сол пеш аз марги нобаҳангомаш будааст.

Фахрия зани сеюми Аҳмад Зоҳир дар сӯҳбат бо журналист Муҳиддини Олимпур аз Аҳмад Зоҳир ёд карда аз ҷумла мегӯяд: "Аҳмад Зоҳир зиндагиро хуш дошт. Ҳамон тур, ки худаш лаззат мебурд, мехост, ки нафари дигаре, ки ҳамроҳаш ҳаст, лаззат бибарад. Ва ма аз Аҳмад Зоҳир як чизе, ки ҳамеш ба пеши ма ҳаст, ин аст, ки ӯ як инсоне буд, ки беандоза дили калон дошт, бисёр меҳрубон буд. Аҳмад

Зоҳир ба ма ба ҳайси як шавҳар не, бари ма бисёр як рафиқи хубе буд. Се солера, ки ма қати Аҳмад Зоҳир тер кадум, беҳтарин вақти зиндагии ма буд. Бари ма ёд дод, ки зиндагӣ чист!".

Фахрия дар ҳамин сӯҳбати худ иқрор кардааст, ки эҳсосоти ӯ низ олудаи рашк будааст. Вале насиҳатҳои худи Аҳмад Зоҳир, падари ӯ, доктор Абдузоҳир ба ӯ таъсири мусбате гузоштаанд: "Вақте ки Аҳмад Зоҳир гирифтум, як чиз худи Аҳмад Зоҳир барои ма гуфт ва худим пеши худ тасмим гирифтум. Ва падараш дар и раҳ кати ма бисёр кӯмак кард, ки Аҳмад Зоҳир бари берун вақте, ки сари стеҷ (саҳна) мебошад, ӯ аз мардум аст, ӯ унҷа аз хотири ҳунари худ, аз хотири маҳбубияти худ бояд дили мардума ба дасти худ бигирад. Магар вақте, ки дар хона буд, Аҳмад Зоҳир аз фомили худ буд, аз ма буд".

Аҳмад Зоҳир бо Фахрия зиндагии осудаҳолонае дошт. Фахрия Аҳмад Зоҳирро хуб дарк карда буд ва мекӯшид то монеае дар шоҳроҳи эҷодаш набошад. Фахрия борҳо эътироф кардааст, ки лашкари рашк атрофи сипоҳи ғурури ӯро низ на як бору ду бор печонда будааст, вале қалъаи сабри ӯ ҳамеша фатҳнашаванда мондааст. Кореро, ки рашк натавонист бикунад, яъне Аҳмад Зоҳирашро аз ӯ ҷудо созад, мутаассифона, марги бераҳм кард.

# МАРГИ МАН РӮЗЕ ФАРО ХОҲАД РАСИД

Фахрия аз суханони даҳшатноки он марди ношинос, ки худро ҳатто муаррифӣ кардан нахост, хеле ҳам ба хавотир афтод. Охир чӣ гуна ба хавотир наафтад? Он шахси номаълум ӯро ба берун хонда аз ӯ хоҳиш кард, ки "шавҳарашро эҳтиёт кунад ва нагузорад, ки дар ин рӯзҳои наздик аз шаҳр берун равад. Зеро дар доираҳои хеле боло нақшаи аз байн бурдани ӯро кашидаанд ва он нақшаи шум шояд дар рӯзҳои наздик амалӣ шавад. Ин амал бо кӯмаки дӯсти наздикаш ва боз ду нафар зан сурат мегирад, ки онҳоро Аҳмад Зоҳир худаш хуб мешиносад". Бо шунидани ин ҳушдор Фахрия хост фарёд занаду аз гиребони он мард бигирад ва бипурсад, ки ӯ кист, ки чунин хабари шумро мегӯяд. Мард магар ҳолати рӯҳии Фахрияро эҳсос кард, ки ба зудӣ худро ба миёни анбӯҳи одамони кӯча зад ва ҳамчун санге, ки ба дарё меафтад, аз назарҳо нопадид шуд.

Бегоҳӣ ин ҳама ҳодисаро Фахрия ба Аҳмад Зоҳир ҳикоя кард ва аз ӯ илтимос намуд, ки то равшан шудани чашмаш ба ҳеҷ куҷое наравад ва ҳамеша дар паҳлӯяш бошад. Дар хона будани шавҳарашро Фахрия барои худ дар ин рӯзҳое, ки таваллуди фарзандро интизор буд, як қуввату дармони иловагӣ медонист. Аҳмад Зоҳир суханони завҷаашро имрӯз аз чи сабаб бошад, ки мисли ҳардафъаина ҳосили дарахти рашк надонист. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки дар садову оҳанги гуфтори занаш тарсу воҳимаи ӯро амиқ дарк кард.

Дар бораи сӯиқасд ба ҷонаш дӯстон ва наздиконаш Аҳмад Зоҳирро низ огоҳ карда буданд. Вале ӯ намефаҳмид, ки барои кадом гуноҳ ӯро мехоҳанд ба қатл бирасонанд. Ӯ ҳеҷ ба ёд оварда наметавонист, ки ба касе чӣ бадӣ карда бошад. Ба ҳар ҳол он рӯз ӯ аз Фахрия талаб кард, ки дигар дари хонаро ба рӯи Маҳбубуллоҳ, хусурбачаи Осиф, яъне бародари Аҳмад Зоҳир, накушояд. Маҳбубуллоҳ аз ҷумлаи он касоне буд, ки Аҳмад Зоҳирро дар консертҳову шабнишиниҳояш қариб ҳамеша ҳамроҳӣ мекард ва метавон гуфт, ки аз розу ниёзи ҳунарманд ӯ хуб огаҳӣ дошт. Аҳмад Зоҳир низ Маҳбубуллоҳро ҳамчун шахси қарини хеш пазируфта буд. Бо ӯ ҳазлу шухӣ мекард. Ба маврид аст бигӯем, ки Аҳмад Зоҳир ҳамчун як шахси зиндадил, шӯхтабъ боз як хусусияти ба худ хосе низ дошт. Ӯ соҳиби қобилият ва истеъдоди худододи тақлидкорӣ низ буд. Тибқи нақли апааш Зоҳира ӯ дар хона ва ҳалқаи дӯстон ҳамеша ҳазлу шӯхӣ ва ҳозирҷавобӣ мекард. Хандондан ва хушҳол кардани ҳамсӯҳбатонро бисёр дӯст медошт. Ин корҳоро ӯ асосан тавассутии тақлидкорӣ амалӣ мекард, яъне ӯ маъмулан тарзи сухангӯӣ, овозхонии нафареро аз чеҳраҳои маъруфи сиёсӣ ва ҳунарӣ тақлид мекард.Феълан наворҳое мавҷуданд, ки дар онҳо Аҳмад Зоҳир ба тарзи гапзании собиқ Садри Аъзами Афғонистон Муҳаммад Довуд ва таронахонии оҳангсозону овозхонҳои маъруф устод  Найнавоз, Абдураҳим Сорбон тақлид намудааст ва ин тақлидкориҳо хеле зарифонаанд. Ана ҳамин Маҳбубуллоҳро низ ӯ борҳо мавриди ҳазлу шӯхиҳои худ қарор медод. Боре ҳатто ӯро бо тамасхур "устоди" худ хондааст. Наход барои як шӯхӣ… Э не-е е, ин ҷо чи гапи дигаре  ҳаст…

Акнун Аҳмад Зоҳир дар андешааст, ки чаро Маҳбуллоҳ ба қасди ҷони ӯ мегардад ва ё бо бадхоҳонаш забон як кардааст. Охир, Аҳмад Зоҳир бо Маҳбубуллоҳ ба ҷуз некӣ дигар коре накардааст. Ба ҳар ҳол эҳтиёт бояд кард. Бо ҳамин хотир ӯ ба завҷааш мефармояд, ки дарвозаи хонаро ба рӯи Маҳбубуллоҳ аз ин ба баъд дигар накушояд.

Чанд рӯз Фахрия ин фармоиши Аҳмад Зоҳирро ба ҷо меорад.Чанд бор Маҳбубуллоҳро аз паси дар ҷавоб медиҳад.Вале ҳамон рӯзи фоҷиъа ӯ ин корро карда наметавонад. Зеро дар паси дарвоза Маҳбубуллоҳ не, балки хоҳарони ӯро мебинад ва дарро мекушояд. Чун дарвоза кушода мешавад, Маҳбубуллоҳ низ дар баробари хоҳаронаш худро аз кунҷе дохили ҳавлии Аҳмад Зоҳир мекунад. Баъди сӯҳбати кӯтоҳе Аҳмад Зоҳир ва Маҳбубуллоҳ ба берун мебароянд. Дар ин ҷо онҳоро Шаҳноз ва Шакило ном ду духтаре дар мошини Аҳмад Зоҳир, ки онро як рӯз пеш Маҳбубуллоҳ гирифта буд, интизор буданд.

Шаҳноз ва Шакило, хоҳарон, духтари Хонмуҳаммади пурзафурӯши (қисмҳои эҳтиётии мошинҳо) панҷшерӣ буданд. Хонмуҳаммад чанде қабл ба яке аз зиндонҳои сиёсии Кобул кашида шуда буд. Шаҳноз 17-сол дошт. Шакило бошад 15-сола буд. Ҳарду дар лисаи Зарғунаи Кобул таҳсил мекарданд. Яке дар синфи 11 ва дигаре дар синфи 7. Бино ба навиштаи Раззоқи Момун дар мақолаи "Аҳмад Зоҳир чӣ гуна террор шуд?" овозхон Шаҳноз ва хоҳари ӯ -Шакилоро хуб мешинохтааст. Ҳатто Шаҳноз интизор доштааст, ки Аҳмад Зоҳир дар оянда бо ӯ издивоҷ хоҳад кард. Самади Дор-Дор ба нависандаи ин сатрҳо дар таҷлили зодрӯзи Аҳмад Зоҳир дар ҳутали Интерконтинентал соли 2005 бо ишора ба як гӯшаи ин ҳутал гуфт, ки айнан

дар ҳамин ҷо 26-сол қабл як моҳ пеш аз маргаш Аҳмад Зоҳир Шаҳнозро нишон дода ба Самади Дор-Дор гуфтааст, ки дилаш гувоҳӣ медиҳад, ки аз дасти ҳамин духтар ба қатл хоҳад расид…

Ҳар чор ҷавон роҳи дараи Салангро пеш мегиранд. Соат тахминан нӯҳи субҳ буд. Мошинро Маҳбубуллоҳ идора мекард. Дар паҳлӯи Маҳбубуллоҳ Шакило, Аҳмад Зоҳир ва Шаҳноза дар курсии қафо нишаста буданд. Ҳамин, ки наздики пули Чипроқ, ки якуним километр дуртар аз алоқадории Саланг ҷойгир шудааст, расиданд, сари роҳи онҳоро як мошини сабукрави рангаш чун мутари онҳо сурх гирифт. Аз он шахсе поин шуда назди мошини Аҳмад Зоҳир меояд ва ӯро ба берун даъват мекунад. Аҳмад Зоҳир бехабар аз қасди бади ҳамсӯҳбаташ аз мошин мефарояд ва ба дунболи вай меравад. Он шахс ба нохост аз ҷайбаш туфангчаро мебарораду Аҳмад Зоҳирро ба нишон мегирад. Аҳмад Зоҳир чун ин ҳолатро мебинад, ба ӯ ҳамлакунон фарёд мезанад, ки "у номард, Маҳбубуллоҳ и туфанг дорад, мара мепарронa, ту чӣ кор кардӣ?" Дар ҳамин лаҳза садои туфанг баланд мешавад. Маҳбубуллоҳ саросемавор аз мошин баромада ба сӯи Аҳмад Зоҳир медавад. Вале Аҳмад Зоҳирро рӯи роҳ афтида мебинад ва худро бо доду фарёд ба болои ӯ ҳаво медиҳад. Бо нолаву зорӣ хоҳиш мекунад, ки Аҳмад Зоҳир аз ҷояш бархезад. Вале ҳайҳот. Чашми Маҳбубуллоҳ ба сурохии пешонаи Аҳмад Зоҳир вармехӯрад, ҳамзамон мебинад, ки аз таги сари Аҳмад Зоҳир хун ҷорӣ мешавад. Ӯ аз ҷояш мехезаду ба сӯи ҳамон шахсе, ки Аҳмад Зоҳирро парронда буд, медавад. Ӯро аз гиребонаш мегираду мегӯяд:

- Ориф, чаро ту ӯро куштӣ?

Вале Ориф, ки инчунин бо лақаби Олимёри Ҷиду (яъне дзюдочӣ) дар олами ҷиноӣ машҳур буд, ӯро дашномҳои қабеҳ дода лату кӯб менамояд ва сипас ба мошини худ савор шуда аз ҷои ҷиноят ғайб мезанад.

Ин ҳодисаи мудҳиш соати даҳуними қабл аз зӯҳри рӯзи чоршанбеи 23 ҷавзои соли 1358 ҳиҷрии хуршедӣ баробар ба 14 июни соли 1979 мелодӣ ба вуқӯъ пайваст.

## МЕРАСАНД АЗ РАҲ, КИ ДАР ХОКАМ НИҲАНД

Ҷасади Аҳмад Зоҳирро аввал ба шифохонаи Чоряккор мебаранд. Бо навиштаи Раззоқи Момун сардухтури шифохонаи вилоятии Парвон марҳум Шариф Усмонӣ баъди муоинаи ҷасади Аҳмад Зоҳир, аниқтараш, сари ӯ, дар баёноти худ ба мақомоти тафтишотӣ менависад, ки марги овозхон на ба иллати тирпарронӣ, балки ба сабаби ба даруни сари ӯ ба андозаи 5-6 сантиметр ворид шудани оҳани борике фаро расидааст. Ба гуфтаи Усмонӣ агар тир ба сари Аҳмад Зоҳир асобат мекард, ҳатман аз паси кала берун мешуду захме бар ҷой мегузошт. Вале паси каллаи Аҳмад Зоҳир,ба гуфти ӯ, осебе надидааст. Ҷасади Аҳмад Зоҳирро тақрибан соатҳои 5-и баъд аз зӯҳр ба Кобул мебаранд.

Маҳбубуллоҳ дар баёноти нахустинаш ба мақомоти ҳифзи қонун воқеаро тавре, ки дида буд, қисса мекунад. Вале баъди чанде худи ҳамон рӯз Маҳбубуллоҳ мазмуни баёноташро тағйир медиҳад. Ӯ акнун менависад, ки мутари онҳо ба садама дучор шуд ва ҳангоми бархурди мошин ба кӯҳсанге сими шишаи ақибнамо пешонии Аҳмад Зоҳирро сӯрох кард, ки мунҷар ба марги ӯ гардид. Мақомоти

расмии ҳукумати Афғонистон низ аз тариқи радио ва телевизион ва дигар расонаҳои хабарӣ ба мардум эълон карданд, ки "Овозхони маҳбуб Аҳмад Зоҳир бар асари як ҳодисаи трофикӣ (автомобилӣ) ба ҳалокат расид".

Ҳамин гуна баёнотро Шаҳноз ва Шакило, ки шоҳидони аслии воқеа буданд, низ медиҳанд. Бо гуфтаи Самади Дор-Дор ин духтарон зери фишори мақомоти амниятӣ бо хотири озод кардани падари худ аз зиндон дар ин ҷиноят шарик шуданд. Тахминан баъди 10-15 рӯзи воқеа Маҳбубуллоҳ ва он духтарон аз Кобул ғайб мезананд. Хонмуҳаммади пурзафурӯш аз зиндон озод мешавад. Моликияти мусодиранамудаашро ҳукумат пас мегардонад. Ба қавли шоир ва оҳангсоз Сафиуллоҳи Субот, як дӯсти дигари Аҳмад Зоҳир, Маҳбубуллоҳ ва он духтаронро мақомоти амниятӣ аз Афғонистон мегурезонанд, то мардум аз асли воқеа хабардор нашаванд.

Ва аммо мардуми Афғонистон худи ҳамон рӯз хабар ёфт, ки Аҳмад Зоҳир хонандаи беҳтарини кишвар ба қатл расидааст. Вале касе ҷуръат намекард, ки инро ошкоро бигӯяд. Самади Дор-Дор ба ёд меорад: "вақте ман ҷасади Аҳмад Зоҳирро дидам, фарёд задам, ки чаро дурӯғ мегӯед, охир ӯро куштаанд! Бубинед, дар пешониаш захми тир аст ва ана бинед, он аз паси каллаш баромадааст. Ӯро паррондаанд. Худи ҳамон замон маро аз назди ҷасади Аҳмад Зоҳир дур карданд ва гуфтанд, ки агар ором нашавам, маро ба полис хоҳанд дод". Сафиуллоҳ Субот низ шоҳидӣ медиҳад, ки паси сари Аҳмад Зоҳир сӯрох шуда буд. Ӯро ҳатман парронда буданд, - мегӯяд ӯ. Қариб, ки ҳама медонистанд, ки Аҳмад Зоҳирро куштаанд, вале касе, ҳатто аз наздиконаш, ҷасорати онро надошт, ки инро ошкоро эълон

кунад. Шаби чоршанбе ба панҷшанбеи 24 ҷавзо мардуми зиёде атрофи хонаи Аҳмад Зоҳирро дар чорраҳаи Ансории Кобул печонда буданд. Садои гиряву нола на танҳо аз дохили ҳавлии Аҳмад Зоҳир ба гӯш мерасид, балки дар кӯчаву растаҳои Кобул низ мардум марги Аҳмад Зоҳирро нола мекарданд. Ман бо садҳо нафар шоҳидони ҷанозаи Аҳмад Зоҳир дар бораи ҷузъиёти ин маросим сӯҳбат кардам. Қариб ҳамаи онҳо таъкид мекарданд, ки маросими ҷанозаи Аҳмад Зоҳир ба куллӣ аз маросимҳои дафни дигар шахсони шинохтаи Афғонистон фарқ мекард. Профессор Худойназар Асозода, дар китобаш "Чеҳраҳо" ин манзараро чунин тасвир мекунад: "Ҷасади марҳум дохили мошини зебои хориҷӣ қарор дошт, ки он ба тикаҳои ранга оро ёфта буд. Мошин аз қасри шоҳӣ гузашта, ба ҷониби майдони Паштунистон ва он тарафтар сӯи масҷиди зеботарину калонтарини шаҳри Кобул - Пули хиштӣ равона буд. Дар тӯли ду-се километр ду тарафи роҳро ҷавонон бо дастҳои занҷиршакл, ҷасади Аҳмад Зоҳирро раҳнамоӣ мекарданд. Банда низ дар ин маърака иштирок доштам ва мушоҳида мекардам, ки ҷавонон бо эҳсосот омада буданд ва ҳеҷ хел суханро қабул надоштанд. Дар ин маърака органҳои ҳифзи қонун ширкат надоштанд. Шояд ҳукумати Амин хуб дарк карда буд, ки ин фоҷиаи миллат аст ва ба эҳсоси мухлисони чандмиллионии Аҳмад Зоҳир бозӣ кардан лозим нест. Ба ҳамин тартиб, дарёи одамон овозхони ҷигаргӯшаашонро то қабристони "Шуҳадои Солеҳин", ки наздики Боло Ҳисор қарор дорад, гуселониданд".

Қабл аз он, ки ҷасади ӯро ба қабристони "Шуҳадои Солеҳин" бубаранд, садҳо ҳазор нафар ҳаводоронаш ҷанозаи ӯро дар масҷиди Пули Хиштӣ хонданд. Ба қавли Са-

фиуллоҳи Субот, дӯсти Аҳмад Зоҳир аввалин маротиба дар таърихи Афғонистон занҳо низ дар маросими ҷаноза ширкат карданд.

Бори нахуст занони афғонӣ дар баробари мардон то қабристони "Шуҳадои солеҳин" аз қафои тобути овозхони нотакрор роҳпаймоӣ намуданд. Касе онҳоро аз ин амал боз надошт. Аввалин маротиба пеш аз ба хок супоридани майит дар қабристон садои савту мусиқӣ танинандоз мегардад. Аҳмад Зоҳир аз магнитафоне суруди "Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид"-ро мехонад. Гиряву шӯре дар байни издиҳом барпо мешавад. Гиряву нолаи мардуми ба "манзили хамӯшон" омода гиряи абри баҳоронро болои гули пажмурдае дар биёбон ба ёд меовард. Бале, ҳамчуноне, ки абри баҳорон наметавонад ба гули хазонгашта равон бубахшад, борони ашки мардум низ дигар қодир ба дубора ҷон бахшидан ба ин гули боғи ҳунар набуд. Намози шом ҳамоно фаро мерасид, вале касе ҷуръат намекард, ки тани зебои Аҳмад Зоҳирро ба хоки сияҳ гузорад. Сафиуллоҳи Субот он лаҳзаҳоро чунин ба ёд меорад: "Дар назди қабр устод Найнавоз дар тори сари Аҳмад Зоҳир буд. Падараш дар пеши пойи майит истода фақат ба тарафи кафан нигоҳ мекард. Найнавоз садо кард, ки Аҳмад Зоҳир чун аз ҷумлаи хар610ботиҳост, бачаи харобот аст, ба расми хароботиҳо дафнаш кунем. Ӯ гуфт, ки "ма устоди Аҳмад Зоҳир астум ва устод Ҳошим устоди ма ҳаст". Аввалин бели хоки гӯра устод Ҳошими табланавоз болои саруш андохт. Дуввумашро Найнавоз андохт. Саввумашро як бачаи 8-сола".

Марги Аҳмад Зоҳир мардуми оддӣ, ба хусус зиёиёнро сахт такон дода буд. Марги Аҳмад Зоҳир - маҳбубтарин

овозхони мардуми Афғонистон аз оғози даврони пуртаҳлукае дар таърихи Афғонистон гувоҳӣ медод. Аҳмад Наими Пупал яке аз пайравони Аҳмад Зоҳир, овозхони хеле хушсалиқа ба нишонаи эътироз ба куштори бараҳмонаи дӯст ва устодаш Афғонистонро аввалин шуда аз байни ҳунармандон тарк гуфт. "Дар кишваре, ки бузургтарин ва дӯстдоштатарин ҳунарманди мардумашро ба қатл мерасонанд ва онро натиҷаи як садамаи автомобилӣ эълон мекунанд, ҷойгоҳи шоистае дар оянда барои ҳунармандони оддияш нахоҳад дошт". Тарки диёр кардани Аҳмад Наим ва ҳунармандони дигар мантиқан ҳамин маъноро дошт.

## БАРОЯМ ГИРЯ КУН ИМШАБ, КИ ТАНҲО ИМШАБАМ БО ТУ

Фахрия он рӯз ба сабаби дарди таваллуди фарзанд ва рӯзҳои дигар ба сабабҳои маълум - марги шавҳараш натавонист кассетаи шаби пеш аз марг тӯҳфакардаи Аҳмад Зоҳирро гӯш кунад. Рӯзҳо мегузаштанду ӯ ин корро намекард. Зеро намехост бовар кунад, ки Аҳмад Зоҳири зебояш дунёву ӯро барои ҳамеша падруд гуфтааст. Вале чӣ кунад, ки ин ҳақиқат буд, ҳақиқати талх. Ва рӯзе кассетаро ба магнитофон гузошту онро чолон кард: Садои ширину гуворое баланд шуд. Баробари садои Аҳмад Зоҳир ашк аз чашмони ӯ ҳамчу боронҳо, равон гардид. Аҳмад Зоҳир суруди навакак сабт намудаашро мехонд:

**Бароям гиря кун имшаб, ки танҳо имшабам бо ту,**
**Бароям гиря кун фардо ба ҷуз ёде нахоҳад буд.**
**Ба рӯям бӯса зан имшаб, ки танҳо имшабам бо ту,**
**Ба ҷуз аз имшабам ин ҷо шаби дигар нахоҳам буд.**

Оҳ, Худоҷон, наход, ки ӯ медонист, ки фардо кушта мешавад? Бале, ӯ чизеро медонист, эҳсос карда буд! Вагарна чунин шеъреро намегуфту намесуруд.

Фахрия вақте, ки охирин суруди ин кассетаро мешунид, аз ҳуш рафт. Зеро дар вақти иҷрои ин тарона Аҳмад Зоҳир бо ӯ ҳарф мезад, сухан мекард, алвидоъ мегуфт. Фахрия медонист, ки суруди "Охирин шоми ошноии мо ин нахустин шаби ҷудоӣ буд" - ро Аҳмад Зоҳир хеле пеш сурудааст, ҳатто пеш аз хонадоршавии онҳо. Вале дар он, ки ин сурудро ба охири маҳз ҳамин кассета оварда буд, ҳикмати дигареро дарк намуд. Аҳмад Зоҳир бе истифода аз ташбеҳу истиора, бе тамсилу ба парда ба завҷаи меҳрубонаш мегуфт:

"Дигар пои ман нерӯ нахоҳад дошт, ки маро соявор ба дунболи ту кашонанд. Вале рӯҳи ман, рӯҳи ман ҳамчун парвона дар пиромуни шамъи ҷамолат хоҳад гашт ва парпарзанон ҳама ҷо ба ҳамроҳи ту хоҳад буд. Азизи ман, меҳрубони ман, қашанги ман, фаромӯшам макун".

Аз ҳамон рӯзе, ки Фахрия суруди "Бароям гиря кун имшаб, ки танҳо имшабам бо ту" - ро бори аввал шунида буд инак 26 - сол гузашт. Ҳоло ҳам ҳар боре, ки ин сурудро аз сари нав мешунавад, барои Аҳмад Зоҳири зебояш гиря мекунад… Имсол Шабнами ба гули орзуҳои Аҳмад Зоҳири ҷавонмаргаш норасида ва чеҳраи меҳрбори падари ноком надидаро ба сад орзуву ҳавас ба шавҳар дод. Ҳатто дар ҳамин рӯзи тӯи арусии духтараш Фахрия лаҳзае худро танҳо ёфту ҳамон кассетаро ба магнитафон гузошт. Ҳамин ки овози гирои Аҳмад Зоҳири зебояшро шунид, фарёд заду талх гирист… Бале, ин ҳақиқат аст Фардо ҳам барои ӯ гиря хоҳад кард, пасфардо ҳам… Ва ӯ та-

нҳо нест дар ин гирякарданҳо. Миллионҳо ҳаводорони мусиқии асил барои Аҳмад Зоҳир то дер гиря хоҳанд кард…

## ГӮРИ МАН ГУМНОМ МЕМОНАД БА РОҲ

Аҳмад Зоҳир вақте "Баъдҳо" ("Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид") ном шеъри шоираи тавонои иронӣ шодравон Фурӯғи Фаррухзодро барои ба оҳанг даровардан ва сурудан омода месохт, ҳаддиақал се пешбинии паёмбарона карда буд.

Якум, ӯ пешбинӣ карда буд, ки марги ӯ "дар баҳоре равшан аз амвоҷи нур" фаро мерасад. Бубинед, Фурӯғ чӣ мегӯяд:

**Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид,**
**Дар баҳоре равшан аз амвоҷи нур.**
**Дар замистони ғуборолуду дур,**
**Ё хазоне холӣ аз фарёду шӯр.**

Вале Аҳмад Зоҳир аз ин банди шеър танҳо ду мисраи аввалро ба суруди худ ворид мекунад ва бо ин гуфтанӣ мешавад, ки аниқ медонад, ки марги ӯ дар баҳоре мерасад, на дар зимистон ва ё на дар хазон.

Дуввум, ӯ пешгӯӣ кардааст, ки баъди маргаш ошиқони савту сурудаш шояд нимашабҳо сари қабраш биёянду "гул ба рӯи гӯри ғамнокаш" ниҳанд.

**Хок мехонад маро ҳардам ба хеш,**
**Мерасанд аз раҳ, ки дар хокам ниҳанд.**
**Оҳ, шояд ошиқонам нимашаб,**
**Гул ба рӯи гӯри ғамнокам ниҳанд.**

Мегӯянд, ки баъди марги Аҳмад Зоҳир моҳҳо шабҳо сари қабраш аз одам холӣ набудааст. Намедонам то кадом дараҷа ин рост аст, вале 23 сол баъд аз марги ин хунёгари бемисл мо як гурӯҳи мухлисони садояш шомгоҳе ба зиёрати оромгоҳаш рафтем ва дар он ҷо ҳақиқатан ҳам ошиқони таронаҳояшро бо чашми худ дидем.

Пешгӯии саввуми Аҳмад Зоҳир ин буд, ки баъдҳо номи ӯ аз рухсори санги мазораш "шуста" мешавад: Аҳмад Зоҳир дар сурудаш мегӯяд:

**Баъдҳо номи маро борону бод,**
**Нарм мешӯянд аз рухсори санг.**
**Гӯри ман гумном мемонад ба роҳ,**
**Фориғ аз афсонаҳои ному нанг.**

"Дар ҳақиқат, имрӯз на танҳо мақбараи Аҳмад Зоҳирро толибон ба кулли хароб кардаанд, балки санги мармари сари қабри ӯро, ки дар он номи овозхон, санаи таваллуду маргаш ва порчаҳои шеърие дар бораи ӯ ҳаккокӣ шуда буданд, канда бурдаанд". Ин сатрҳоро ман тобистони соли 2002 баъди зиёрати мазори ин овозхони беназир мукаррараран дар чандин рӯзнома ва сайтҳои интернетӣ навишта будам.

Таъсири даврони ҳукумати Толибон ба рӯҳияи мардум, махсусан ба зиёиёни афғон, чунон сахт будааст, ки ҳатто баъди раҳоӣ аз ин режим чанд муддат онҳо ҷуръат намекарданд, ки ба тармими мақбараи ин хунёгари бузург шурӯъ намоянд. Албатта сабабҳои дигар низ буданд. Вале хушбахтона, ин ҳолат дер давом накард. Як гурӯҳи рӯзно-

манигорони Афғонистон бо роҳбарии корманди радиои "Озодӣ" Раззоқи Момун аз ҳисоби маблағҳои шахсии худ ба тармиму ободкунии оромгоҳи Аҳмад Зоҳир пардохтанд. Дар ин кор бо Раззоқи Момун Сафия Ҳассос, Шукуфа Анварӣ, Ромин Анварӣ, Брешно Назарӣ, Аҳмади Беҳзод, Фаришта Ҷалолӣ, Ҳамида Усмон ва дигар кормандони ин радио, ки алоқаманди овози гирои ин абармарди олами мусиқӣ ҳастанд, ҳамдастӣ намуданд.

Агарчанде, ки оромгоҳи Аҳмад Зоҳирро соли 2004 то андозае дар шакли қаблиаш шабеҳ ба мақбараи шоири бузурги Эрон Раҳии Муъайирӣ барқарор карда бошанд ҳам, вале дигар на ҳамаи катибаҳои пештараро болои санги гӯраш ҳаккокӣ карданд. Вақте сабаб пурсидам бархе аз дӯстони Аҳмад Зоҳир гуфтанд, ки муттаасифона, матни пурраи катибаҳоро дар даст надоштем ва бинобар ин матни дигареро ҳаккокӣ намудем. Дар ин навишта дар тафовут аз катибаи қаблӣ аз ба шаҳодат расидани Аҳмад Зоҳир ошкоро ёд шудааст. Матни катибаи санги гӯри Аҳмад Зоҳир баъди барқароршавӣ чунин аст:

"Ҷовидонёд Аҳмад Зоҳир овозхони номаввали Афғонистон дар ин макон хобидааст. Вай дар 24 ҷавзои соли 1325 ҳиҷрии хуршедӣ чашм ба гетӣ кушуд. 15 сол дошт, ки ба олами мусиқӣ қадам гузошт ва дар соли 1343 нахустин оҳанги худро дар ҷамъи шогирдони литсеи Ҳабибия иҷро кард. Вай баъд аз фароғат аз мактаб дар Ҳиндустон ба шеваҳои муосири мусиқии шарқӣ ошноӣ пайдо кард. Аҳмад Зоҳир нахустин омотуре (ҳаваскор С.Ҳ.) буд, ки ишқу фалсафаи ирфониро ба мусиқии Афғонистон даромехт ва ҷойгоҳе шоистаеро дар шеъру фарҳанги ҷомеаи мо ба худ касб кард. Ҳангоме, ки тоуни ваҳшат ва бедод-

гарӣ дар кишвари мо доман зад, Аҳмад Зоҳир дар ҷамъи ҳазорон фарзандони ин Ватан аз ҷумлаи қурбониёни набаҳангом гашт ва ба умри 33 солагӣ бар асари як тавтеаи номардона дар дараи Соланг ба шаҳодат расид. Алоқамандони ҳунари волояш дар соли 1382 ба тармими дубораи оромгоҳи ӯ ёрои ҳиммат гумоштанд.

Рӯҳат шод ва осуда бод".

Ба маврид мебуд агар дар ин ҷо мо аз он порчаҳои назмие, ки рӯи санги мазори гӯри Аҳмад Зоҳир қабл аз ҷонибй гурӯҳи толибон хароб шуданаш ҳаккокӣ шуда буданд, ёдовар шавем. Мо онҳоро аз гуфтаҳои мухлисони Аҳмад Зоҳир ва мақолаҳои муаллифоне, ки дар бораи ӯ навиштаанд, гирд овардаем:

**Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим**

**Худо бувад ёрет,**
**Қуръон нигаҳдорет,**
**Сахӣ мададгорет.**
*Аҳмад Зоҳир.*
*Таваллуд 24 ҷавзои 1325ҳ.ш.*
*Вафот 24 ҷавзои 1358 ҳ.ш.*

xxx

**Ҳаргиз касе ба рӯзи ман нотавон мабод,**
**Монанди ман фусурдадиле дар ҷаҳон мабод.**
**Ҳар кас, ки нолаҳои диламро шунид, гуфт:**
**Мурғе шикастаболу ҷудо з - ошён мабод.**

xxx

**Шодӣ кунед, эй дӯстон, ман шодаму осудаам,**
**Бӯи ҷавонӣ бишнавед аз пайкари фарсудаам.**

**xxx**

**Лола хуни дил нӯшад, настаран кафан пӯшад,**
**Сахт мотамангез аст, сайри бӯстон бе ту.**
**Шишаҳо ҳама холӣ, созҳо ҳама хомӯш,**
**Бенамак бувад имшаб, базми ошиқон бе ту.**

Чи тавре, ки мебинем порчаҳои назмии болоӣ аз дохили сурудҳои Аҳмад Зоҳир интихоб шудаанд. Вале қитъаи шеърии зеринро бошад журналисти хушсалиқа Салими Аюбзод, ки мақбараи Аҳмад Зоҳирро солҳои 80-уми асри гузашта зиёрат кардааст, моли худи Аҳмад Зоҳир медонад:

**Дар ин равоқ суруду тарона мемонад,**
**Садои ошиқи ман ошиқона мемонад.**
**Ҷаҳон пур аст зи оҳанги ошиқонаи ман,**
**Фақат садост, ки андар замона мемонад.**

## БАНДАГӢ ГАР ШАРТ БОШАД, ЗИНДАГӢ ДАРКОР НЕСТ

Агарчи кушандаи Аҳмад Зоҳир маълум шуда бошад ҳам, вале саволи асосӣ кӣ аз қотил дархости куштани Аҳмад Зоҳирро карда буд ва барои чӣ Аҳмад Зоҳирро ба қатл расонданд, ҳанӯз ҳам ноҷавоб мондааст. Таври маълум ҳукумати вақти Афғонистон, ки дар раъси он Нурмуҳаммади Тараки буд ва Ҳафизуллоҳ Амин муовини аввали ӯ ба ҳисоб мерафт, марги Аҳмад Зоҳирро ҳодисаи фоҷиавӣ эълон карданд. Табиист, ки бо ин баҳона ҳукумат масъулияти тафтишоти ин ҳодисаро ҳамчун як куштор аз гардани худ соқит карда буд. Воқеан, то ба имрӯз дар робита бо қатли Аҳмад Зоҳир парвандаи ҷиноие боз нашудааст. Албатта ин бесабаб нест. Қабл аз ҳама чи тавре, ки

дидем, ҳукуматҳои баъдӣ асосан бо мушкилоти дар сари қудрати мондан рӯ ба рӯ буданд ва ба гӯшаи хотири онҳо ва мақомоти амниятии онҳо тафтишоти куштори Аҳмад Зоҳир ҳам намеомад. Дар замони ҳукумати Толибон бошад, ин гурӯҳ ҳатто мақбараи ӯро хароб карданд. Шояд ҳукуматӣ феълӣ, яъне ҳукумати Ҳомид Карзай ба ин кор ҷиддӣ машғул шавад? Ба ҳар ҳол нишонаҳое аз фаъолияти ин ҳукумат моро умедвор месозанд, ки дар оянда шояд ин ҳукумат ба торикиҳои муаммои марги Аҳмад Зоҳир рӯшанӣ бияндозад. Шаҳноз дар Олмон ва Шакило дар Пешовари Покистон ба сар мебаранд. Мегӯянд, онҳо ки тез-тез ҷои истиқомати хешро иваз мекунанд. Касе аз мақомоти тафтишотии Афғонистон то лаҳзаи навиштани ин сатрҳо онҳоро ташвиш надодааст. Онҳо аз шиддат гирифтани нафрати атрофиён нисбати худ дар талвоса меафтодаанд. Атрофиён чун огоҳ мешаванд, ки онҳо дар куштани Аҳмад Зоҳир даст доранд нафрати худро нисбаташон пинҳон намедоштаанд…

Дар ҳоли ҳозир бошад мо дар асоси иттилооти мавҷуда фарзияҳоеро рӯи коғаз меорем, ки барои чӣ Орифи "Ҷиду" даст ба қатли инсоне зад, ки 33 - сол баъди сипарӣ шудан аз маргаш ҳам дар ҷаҳони форсигӯён ӯро аз ёд набурдаанд.

Аввалан бояд бигӯем, ки Орифи "Ҷиду" феълан дар куҷо ҳаст ва оё дар қайди ҳаёт ҳаст ё не, ба касе аниқ маълум нест. Дуввум Маҳбубуллоҳ, додарарӯси бародари Аҳмад Зоҳир ҳарчанд ба Кобул баргашта, бошад ҳам, вале феълан мӯҳри хомӯшӣ бар лаб задааст. Ӯ намехоҳад бо касе дар робита бо қатли Аҳмад Зоҳир сӯҳбат дошта бошад.

Вале фарзияҳо дар бораи қатли Аҳмад Зоҳир хеле гу-

ногунанд.

Фарзияи аз ҳама бештар маъмул ин қасосгирии хоҳари Холида, зани дуввуми Аҳмад Зоҳир мебошад. Хоҳари Холида, ки зани Саид Довуд Талун-яке аз қумандонҳои амниятии Тараки̣ будааст, дар назди Саид Довуд Талун шарт мегузорад, ки агар ӯ бихоҳад, ки дар оянда бо ӯ бимонад, бояд Аҳмад Зоҳирро аз байн бубарад. Хоҳари Холида то ба охир мӯътақид будааст, ки аппаашро Аҳмад Зоҳир худ ва ё бо фармони ӯ кушта будаанд. Ва Талун гӯё нақшаи сӯиқасдро мекашад ва Аҳмад Зоҳирро бо супориши ӯ аз байн мебаранд.

Фарзияи дуввум ин аз ҷониби Амин ва домодаш Асадуллоҳ ба вукӯъ пайвастани қатли Аҳмад Зоҳир мебошанд. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки бегуноҳии Аҳмад Зоҳир дар марги Холида исбот шуда бошад ҳам, вале ӯро борҳо ба истилоҳ барои "такмили ин парванда" ба зиндон мекашанд. Дар асл сабаби ин ба зиндонкашиданҳо дигар будааст. Барои мисол Аҳмад Зоҳирро тахминан моҳҳои феврали соли 1979  гӯё барои дар куштори Холида пайдо шудани далелҳои нав боз аз сари нав ба зиндони Деҳмазанг мекашанд. Вале дар асл ба гуфтаи журналисти афғонӣ оғои Бино писари Миракбархони Чиндовулӣ Аҳмад Зоҳирро барои дар як маҳфил хондани суруди "Бишканад дасте, ки дилҳои заифон бишканад", бар матни шоир Боқӣ Нобино, ба зиндон меандозанд  Дар ин тарона гӯё ҳукуматдорон ба зери тозиёнаи танқид гирифта шуда будаанд. Як байти он суруд дар ёди оғои Бино мондааст:

**Пунбаро ҳар духтаре зери лагад хоҳад шикаст,**
**Дорад он по қадр к-он хори мағелон бишканад.**

Дар ҳамин маҳфил Аҳмад Зоҳир боз як суруди дигаре бар матни Абулқосими Лоҳутӣ мехонад, ки он низ ҳукуматдоронро ба ташвиш меорад. Як байти онро оғои Бино ба мо хонд:

**Ба пеши шайх кушудам китоби озодӣ ,**
**Бараҳнапо сӯи масҷид давиду ҳеҷ нагуфт.**

Ба қавли оғои Бино ҳукуматдорон аз ошкоро ба ҷурми сиёсӣ гунаҳкор донистани Аҳмад Зоҳир худдорӣ мекардаанд. Онҳо аз оқибати ин кор метарсидаанд. Метарсидаанд, ки Аҳмад Зоҳир ҷонибдорони зиёд пайдо мекунад. Аз сӯи дигар ба ҷурми одамкушӣ гунаҳкор донистан обрӯю эътибори ӯро дар назди мухлисонаш паст мезадааст. Бино ба гуфтаи оғои Бино, ки худ низ дар ҳамин давра дар ҳамон зиндони Деҳмазанг маҳбасӣ будааст, Аҳмад Зоҳирро се моҳ дар ин зиндон нигоҳ медоранд. Ва ӯро танҳо вақте озод мекунанд, ки духтари Ҳафизуллоҳ Аминро ба Асадуллоҳ писари амакаш, ки он вақт раиси амнияти миллии кишвар будааст, ба занӣ доданӣ мешаванд ва он духтар мегӯяд, ки ба шарте ба ин издивоҷ розӣ мешавад, ки дар тӯи онҳо "Оста буру"-ро Аҳмад Зоҳир бихонад. Ҳафизуллоҳ Амин ночор ба ин хоҳиши духтараш розӣ мешавад. Аҳмад Зоҳирро аз маҳбас ба тӯй меоранд. Ба қавли Самади Дор-Дор, ки ҳамроҳи Аҳмад Зоҳир дар ин вақт дар зиндон будааст, чун Аҳмад Зоҳир ин хабарро мешунавад, аз Самад маслиҳат мепурсад, ки ба ин тӯй равад ё наравад. Самад маслиҳат медиҳад, ки ба туй равад, вале бо ҳамин пираҳантумбон (либоси миллӣ) ва ҳатто ришашро натарошад. Ба ҳозирин бигӯяд, ки ӯ аз маҳбас омадааст ва туй-

ро бо суруди "Зиндагӣ охир сарояд, бандагӣ даркор нест" оғоз кунад. Ба гуфтаи Самади Дор-Дор Аҳмад Зоҳир, айнан ҳамин корро мекунад. Ӯ дар ҳузури Ҳафизуллоҳ Амин, ки бо вуҷуди расман нафари дуввуми давлат будан қудрати асосӣ дар дасти ӯ буд, бо таронаи "Зиндагӣ охир сарояд, бандагӣ даркор нест" базми арӯсии духтари ӯро оғоз мекунад:

**Зиндагӣ охир сарояд, бандагӣ даркор нест,**
**Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест.**
**Гар фишори душманон обат кунад, мискин машав,**
**Мард бош, ай хастадил, шармандагӣ даркор нест.**
**Бо ҳақорат гар биборад бар сарат борони дурр,**
**Осмонро гӯ: бирав, борандагӣ даркор нест.**
**Зиндагӣ озодии инсону истиқлоли ӯст,**
**Баҳри озодӣ ҷадал кун, бандагӣ даркор нест.**

Бисёре аз дӯстони Аҳмад Зоҳир ва алоқамандони эҷодиёти ӯ бар ин ақидаанд, ки ҳамин лаҳзаи ҳаёти Аҳмад Зоҳир лаҳзаи сарнавиштсозе дар марги ӯ будааст. Аввалан ин ки ӯ бо хоҳиши арӯси раиси амнияти кишвар аз зиндон озод мешавад, ки ин боиси сар задани ҳар гуна овозаҳои иғвобарангез мегардад. Баъзеҳо ҳатто дар бораи муносибати наздик доштани Аҳмад Зоҳир бо духтари Амин гап мезадагӣ шуданд. Профессор Худойназар Асозода дар китоби "Чеҳраҳо" дар ин бора менависад: "Мегӯянд, ки духтари Амин то дараҷае, девонаи ҳунару шахсияти Аҳмад Зоҳир шуда, ки хӯроки шомро фақат бо вай медидааст. Табиист, ки чунин рафтор ба шавҳараш Асадуллоҳ Амин, ки он замон раиси кумитаи ба истилоҳ ам-

нияти миллиро ба ӯҳда дошт, хуш намеояд ва бешубҳа аз паи қасосгирӣ мешавад".

Баъдан Аҳмад Зоҳир дар оғози ҷашни арӯсӣ суруди инқилобӣ мехонад. Он замон даҳҳо ҳазор ашхоси бегуноҳ зиндонҳои ҳукуматиро пур карда буданд. Инро ҳама медонистанд. Аҳмад Зоҳир шояд ба хотири ҷалби таваҷҷӯҳи ҳукуматдорон ба зиндонҳои моломол аз бегуноҳон ин сурудро хонда бошад, то ки авфи умумие сурат бигирад ва мардуми зиёде ба оғӯши гарми хонаводаҳои худ баргарданд. Аммо ин нияти неки Аҳмад Зоҳирро бадхоҳонаш дар назди Амин ва домоди ӯ дигар хел маънидод карданд. Яъне, "бубинед, Аҳмад Зоҳир дар зиндон ҳам маҳбусонро ба шӯру исён даъват мекунад. Дар зиндон будани ӯ ҳатто хатар дорад. Хуб шуд, ки ӯро бо баҳонаи тӯй аз зиндон баровардед. Дар озодӣ чораи ӯро дидан осонтар аст, нисбат ба он ки дар зиндон бошад". Аз рӯи инсоф ва адолат бояд гуфт, ки дар байни дӯстон ва муҳаққиқони зиндагии Аҳмад Зоҳир нуқтаи назари дигаре дар бораи муносибати Ҳафизуллоҳ Амин ва хонаводаи ӯ бо ин овозхони пуровоза вуҷуд дорад. Аввалан, бо гуфтаи онҳо, дар ин хонадон се нафар  яке аз духтарони Амин бо номи Гулғутай, ки баъдан арӯси Асадуллоҳ Амин мешавад, писараш Абдураҳмон ва хоҳарзодаи ӯ Залмай ҳаводорони ашаддии ҳунари Аҳмад Зоҳир буданд. Ин ҳарсе аз Ҳафизуллоҳ Амин борҳо хоҳиш кардаанд, ки нагузорад то Аҳмад Зоҳир аз сӯи мақомоти амниятӣ ва тафтишотӣ таъқиб шавад. Залмай ба атрофиёни Аҳмад Зоҳир боре гуфтааст, ки агар ман  дар Кобул набошам, нагузоред, ки Аҳмад Зоҳир беруни шаҳр сафар кунад. Ҳатто як сӯиқасде, ки бо ҷони Аҳмад Зоҳир ҳангоми сафараш ба вилояти Бомиён тарҳрезӣ шуда бу-

дааст, тавассути ҳамин Залмай хунсо гардида будааст. Аҳмад Зоҳирро ӯ сари вақт аз ин сӯиқасд огоҳ мекунад ва Аҳмад Зоҳир сафарашро оҷилан қатъ месозад ва ба Кобул бармегардад. Бо гуфтаи дӯстони Аҳмад Зоҳир Ҳафизуллоҳ Амин чанд бор бо Саид ДовудТалун дар робита бо муносибати ӯ бо Аҳмад Зоҳир сӯҳбат доштааст. Талун мудом мегуфтааст , ки ӯ нисбати Аҳмад Зоҳир ягон нияти бад надорад. Вале боре ҳодисае рух медиҳаду Талун онро фурсати муносиб барои иҷрои нияти нопоки хеш медонад. Воқеа ҳини консерти Аҳмад Зоҳир дар вазорати молия рух медиҳад. Дар консерт ба ҷуз аз нафарони аввали ҳукумат тамоми аъзои Бюрои сиёсии Ҳизби Халқи Демократии Афғонистон бо ҳамроҳии аҳлу хонаводаашон ширкат доштанд. Аз он ҷумла Ҳафизуллоҳи Амин ба шумули духтараш Гулғутай дар ин консерт ҳузур доштааст. Дар вақти овозхонии Аҳмад Зоҳир борон меборид. Чун консерт дар фазои кушод мегузашт Аҳмад Зоҳир лаҳзае сурудхониро қатъ намуда болопӯши чармини сиёҳи худро аз тан кашида аз саҳна поин мешавад ва болопӯшро ба китфони нозуки духтари Амин Гулғутай бор мекунад. Ин лаҳзаро баъдан хурду калон, дӯстону душманони Аҳмад Зоҳир ба таври хеш ташреҳ медонанд. Аз ҷумла Саид Довуди Талун онро барои худ фурсате барои оғози иҷрои мақсадҳои касифаш медонад.

Дӯстони Аҳмад Зоҳир мутмаинанд, ки Амин ба қатли Аҳмад Зоҳир ба он хотир розигӣ додааст, ки мавҷудияти ӯро аз як тараф латмае ба иззати нафси хонаводаи худ дониста бошад, аз тарафи дигар дар симои ӯ шахсиятеро дидааст, ки дар оянда барои ҳукуматаш душвориҳоеро пеш оварда метавонад.

Ҳамин тариқ кадоме аз ин ду фарзияи куштори Аҳмад Зоҳир ба ҳақиқат наздик аст? Фарзияи қасосгирии Холида ва ё фарзияи дар қатл даст доштани Ҳафизуллоҳ Амин ва домодаш? Ё шояд ҳар ду фарзия ҳам дуруст бошад? Ва ё омилони дигаре бо сабабҳои ба мо номаълум ин корро кардаанд? Чун шоҳиди асосӣ Маҳбубуллоҳ ба вуҷуди дар Кобул будан хомӯш аст ва то он даме, ки мақомоти дохила паи ифшои ин ҷиноят кӯшиш ба харҷ намедиҳанд, ба ин саволҳо посухи дақиқ гирифтан хеле мушкил аст.

Дар омади гап мегӯем, ки Маҳбубуллоҳ феълан дар хонаи хоҳараш, яъне зани Осиф, бародари Аҳмад Зоҳир, зиндагӣ мекунад ва дар ҳамон кате хобаст, ки 33-сол муқаддам Аҳмад Зоҳир хоб мекард. Баъди марги Осиф Маҳбубуллоҳ тарбияи ду хоҳарзодаи худро ба ӯҳда гирифтааст. Шояд ба хотири дар оила саробони ҷиянҳои Аҳмад Зоҳир буданаш касе аз хешовандони наздики Аҳмад Зоҳир ба ӯ даъвогар нест.

Ва аммо дар ин ҷо саволҳое ба миён омаданаш мумкин аст, ки оё Аҳмад Зоҳир даъвои сиёсатмадорӣ дошт, оё ӯ қудратталаб буд, аз ягон ҳизбе ҷонибдорӣ мекард? Бояд рӯирост гуфт, ки Аҳмад Зоҳир на сиёсатмадор буд, на қудратталаб ва на узви ягон ҳизбе. Вале ӯ як инсон буд, ба маънои томаш инсоне, ки дарду доғи ҷомеъаро низ дар дил дошт…

## БА ТАНГ ОМАД ДИЛАМ З - ИН ЗИНДАГӢ, АЙ МАРГ ҶАВЛОНЕ!

Бале, Аҳмад Зоҳир баъди паси сар кардани даврони барои ӯ хеле пуразияти Муҳаммад Довуд ғалабаи инқилоби Саврро бо роҳбарии Нурмуҳаммади Таракӣ хуш пазируфт. Анӯшервон боғбони боғи радио ва телевизиони Кобул дар сӯҳбат бо нависандаи ин сатрҳо гуфт, ки рӯзи дуввуми инқилоб Аҳмад Зоҳир баробари ба ҳавлии дафтари родию ворид шудан ӯро ба оғӯш гирифта мегӯяд:

-Инак замони шумо ранҷбарону заҳматкашон фаро расид. Хуш бошеду шод монед!

Ӯ умедвор буд, ки ҳукумати нав ҳукумати ғамхори ранҷбарон хоҳад шуд. Дар таронаи  он рӯзҳо ба ин муносибат сурудааш мегӯяд:

**Ай ҳамватан, ай нирӯи боландаи ҷовид,**
**Хуш бош, ки боз ахтари омоли ту тобид.**
**Ай ранҷбар, ай кори ту созандаи даврон,**
**Даврон зи туву қудрати ҷовиди ту болид.**

Вале бо гузашти айём беҳбудиеро дар аҳволи мардум ва авзои кишвар намебинад. Баръакс дар ин давра дар ин ва ё он гӯшаи мамлакат даргириҳо ба вуқӯъ мепайвандад. Ин вазъият Аҳмад Зоҳирро ошуфтахотиру ноумед месозад ва ҳатто аз оқибати бади он мухотабонро дар суруди ба ин муносибат гуфтааш "Чӣ шуд, ки рехт ба ҳам боз ошёнаи мо?", ҳушдор медиҳад:

**Чӣ шуд, ки рехт ба ҳам боз ошёнаи мо?**
**Зи ҳам гусехт чаро тору пуди хонаи мо?**
**Мабош дар паи озори мо, ки метарсам,**
**Ҷаҳон ба бод диҳад нолаи шабонаи мо!**

Аҳмад Зоҳир дар як коссети маҳфилиаш дар вақти хондани суруди "Ай подшаҳи хубон, дод аз ғами танҳоӣ" "бар падари торикӣ лаънат", - гӯён шиор мепартояд. Мухлисонаш ба ӯ ҳамовоз мешаванд. Сипас дар давоми ҳамин суруд баъди хондани байти

**Фикри худу ройи худ дар олами риндӣ нест**
**Куфр аст дар ин мазҳаб худбиниву худройӣ.**

ӯ ба шунавандагон муроҷиат карда мегӯяд: "Гӯш кунед, (шоир С.Ҳ.) диктатуриро мегӯяд" ва боз такроран ҳамон байтро месарояд. Сипас нақороти сурудро мехонад:

**Ай подшаҳи хубон, дод аз ғами танҳоӣ,**
**Дил бе ту ба ҷон омад, вақт аст, ки боз оӣ.**

Дӯстону наздикони Аҳмад Зоҳир мегӯянд, ки "торикӣ" гуфта овозхон роҳбари ҳамон вақтаи давлати Афғонистон Нурмуҳаммад Таракиро дар назар дошт ва диктатурӣ гуфта ҳукумати ӯро. "Подшоҳи хубон"-и Аҳмад Зоҳир шоҳи дар ҳамон вақт фирорӣ Муҳаммад Зоҳиршоҳ будааст.

Вақти хондани суруди дигар "Бигзарад, бигзарад, умри ман бигзарад" ӯ ба ҷои "умри ман" калимаи "торикӣ", яъне "Бигзарад, бигзарад, торикӣ бигзарад" мегӯяд.

Дар суруди дигараш, ки "Ин шеърро барои ту мегӯям"

ном дорад, шаҳреро, ки дар он зиндагӣ мекард, "ошёнаи шайтон" меномад.

**Оҳ, ин гурӯҳи зоҳиди зоҳирсон,**
**Донам, ки ин ҷазо на осон аст,**
**Шаҳри ману ту тифлаки ширинам,**
**Дерест к - ошёнаи шайтон аст.**

Ба болои ҳамаи ин бадбахтиҳое, ки дар кишвар сар мезананд, ӯ мебинад, ки дар ҷомеа низ гурӯҳе, ки ҳукумат-ро дар даст доранд, на ба қадри ҳунар мерасанду на ҳунар-мандро қадр медонанд. Дар зоҳир онҳо тарафдори озоди-ву озодагӣ ҳастанд. Вале дар асл ба қавли Аҳмад Зоҳир "аз чунин озодагӣ кунҷи зиндон беҳтар" аст. Ӯ аз ин зиндагӣ ноумед мешавад. Ба доғи номуродӣ месӯзад:

**Ба доғи номуродӣ сӯхтам, ай ашк тӯфоне!**
**Ба танг омад дилам з-ин зиндагӣ, ай марг ҷавлоне!**
**Дар ин мактаб намедонам чӣ рамзи маҳмилам, ё раб?**
**Ки не маънӣ шудам, не номаву не зеби унвоне.**

**Аз ин озодагӣ беҳтар бувад сад раҳ ба чашми ман,**
**Садои шевани занҷиру қайди кунҷи зиндоне!**

**Гуноҳам чист? Гардунам чаро озурда медорад?**
**Аз ин косагадо дигар чӣ ҷустам ҷуз лаби ноне?**

Аҳмад Зоҳир дар ҳамин давраи барои Ватанаш муш-кил дар таронаҳояш дар ҷустуҷӯи пайдо кардани роҳи на-ҷоти он аз ин варта мешавад. Ӯ дар ҷустуҷӯи найистонест,

ки нолаи ба дил гиреҳ шудаашро бикушояд, ӯ дар пайи ёфтани роҳи биёбон аст, ки аз хонаи ба қафас табдилгаштааш бигурезад, ӯ дар талаби боронест, ки болои киштзори сӯхтааш бирезад. Билохира ӯ мебинад, ки байни хубу бад дар зиндагӣ фарқе намондааст ва дар орзуи Деҳқоне мешавад, ки ин ҳамаро аз ҳам ҷудо созад:

**Нола ба дил шуд гиреҳ роҳи найистон куҷост?**
**Хона қафас шуд ба ман тарфи биёбони куҷост?**
**Дар тафи ин бодия сӯхт саропо танам.**
**Мазраъам оташ гирифт, нам - нами борон куҷост?**
**Хубу бади зиндагӣ бар сари ҳам рехтанд,**
**То кунад аз ҳам ҷудо бозуи деҳқон куҷост?**

Фахрия зани Аҳмад Зоҳир дар сӯҳбат ба шодравон Муҳиддини Олимпур мегӯяд, ки яке аз охирин сурудҳои машҳураш "Худо бувад ёрет"- ро овозхони маъруф ба муҷоҳиддин бахшида будааст, ки ҳамон вақтҳо алайҳи режими нав ба мубориза бархоста буданд. Муҳиддини Олимпур соли 1994 ҳини сафар дар иёлоти Вирҷинияи ИМА аз ӯ дар бораи Аҳмад Зоҳир пурсон мешавад. Дар ҳамин мусоҳиба, ки аз тариқи бахши форсии радиои БИ-БИ-СИ ҳамон рӯзҳо садо дода буд, Муҳиддини Олимпур аз Фахрия чунин суол мекунад:

" - Барои чӣ дар телевизиони Афғонистон фақат ду суруди Аҳмад Зоҳир сабт шуда? Дар ҳоле, ки ин қадар шӯҳрат дошт, ин қадар хонандаи сол лақаб гирифта буд?

- Барои аз и ки хонданиҳое, ки Аҳмад Зоҳир мехост сабт куна увора онҳо иҷоза намедоданд, ва оҳангҳое, ки уво мехостанд Аҳмад Зоҳир бухона, Аҳмад Зоҳир намехонд. Охи-

рин оҳанге, ки сохт Аҳмад Зоҳир пеш аз маргуш, оҳангест, ки "Худо бувад ёрет", ки ира барои нафарҳое, ки муҷоҳиддине, ки у вахт мерафтанд барои ҷанг ира Аҳмад Зоҳир хонд. Аввалин хонданӣ буд, ки ба тилвизиуни Афғонистон худаш ба хушии худ хонд". Дар омади гап ба хотири риояи адолат бояд қайд кард, ки Зоҳира, аппаи Аҳмад Зоҳир ва собиқ садобардори радиои Кобул Валӣ Ашпарӣ бар ин назаранд, ки варианти дигари ин тарона- "Худо бувад ҳамроҳет"-ро Аҳмад Зоҳир барои фарзандаш Ришод сурудааст.

Суруди "Аҷаб сабре Худо дорад" -ро, ки матнаш аз шоири муосири эронӣ Раҳими Муъинии Кирмоншоҳӣ мебошад, метавон суруде номид, ки дар он Аҳмад Зоҳир рӯи рост, бепарда мегӯяд, ки дар ҷомеаи онҳо зулму беадолатӣ ҳукмфармо аст. Ва агар ӯ ба ҷои Парвардигори Олам мебуд, тамоми ин ҷаҳонро барои ин зулму беадолатиҳояш вожгун месохт:

**Аҷаб сабре Худо дорад,**
**Агар ман ҷои ӯ будам,**
**Ҳамон як лаҳзаи аввал**
**Ки аввал зулмро медидам,**
**Аз махлуқи бевиҷдон,**
**Ҷаҳонро бо ҳама зебоию зиштӣ,**
**Барои якдигар вайрона мекардам!**
**Ки дар ҳамсояи садҳо гурусна,**
**Чанд базми гарму айшу нӯш мебинам!**
**Нахустин наъраи мастонаро хомӯш он дам,**
**Бар лаби паймона мекардам!**
**Ки медидам яке урёну ларзон,**
**Дигаре пӯшида аз сад ҷомаи рангин.**
**Замину осмонро вожгун мастона мекардам!**

Аз як овозхони хеле маъруфу маҳбуби миллат шунидани чунин як таронае, ки оҳанги инқилобӣ дошт, албатта барои роҳбарони ҳукумат чандон гуворо набуд. Бидуни шаку тардид ин гуна таронаҳо ҳукуматдоронро нигарон месохтанд ва онҳо бешубҳа дар паи дарёфти илоҷи "овозхони хатарнок" кӯшишҳо ба харҷ медоданд. Зеро шеваи рафтори роҳбарони онвақтаи Афғонистон аз тарзу амали ҳукуматдорони солҳои 37 - уми шӯравӣ кам фарқ дошт. Дурустии ин фарзияро муносибати ҳукуматдорон бо шоҳидони асосии куштори Аҳмад Зоҳир низ тақвият мебахшад. Дурустии ин фарзияро ҳодисае, ки бо дӯсти тоҷики Аҳмад Зоҳир, овозхон ва олими шинохта Ҷӯрабек Назриев иттифоқ уфтод, низ тасдиқ мекунад.

Баъд аз он ки Ҷӯрабек Назриев бо Аҳмад Зоҳир соли 1976 дар Кобул шинос шуда робитаи дӯстӣ барқарор мекунад, ин хабар ба мақомоти амниятии шӯравӣ мерасад. Бо тавсияи онҳо Ҷӯрабек Назриев баъди чанде ба Тоҷикистон даъват карда мешавад ва ба ӯ дигар иҷозаи бозгашт ба Афғонистонро намедиҳанд. Хабарнигори рӯзномаи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Садои мардум" Пури Ҷаҳонгир дар як мусоҳибае, ки 22 майи соли 1999 бо Ҷӯрабек Назриев карда буд, он замонҳоро ба ёд оварда аз ӯ мепурсад:

"- Бубахшед, ҳамон вақтҳо дар атрофи дӯстии шумову Аҳмад Зоҳир қиссаҳои зиёде мекарданд. Аз ҷумла овозаҳо буд, ки маҳз ба хотири ҳамин дӯстӣ шумо пеш аз мӯҳлат аз Афғонистон баргаштед?

- Рост аст. Рухсатӣ омадем дигар рафтан намонданду овоза карданд, ки Аҳмад Зоҳир гумоштаи разведкаи Амрикост, бо СРУ алоқа дораду маро ҳам пули зиёд додаанд,

ки раияти Афғонистон бишавам ва ҳоказо…

- Чӣ гӯям? Расман гуноҳе надоштам, ки гунаҳкор кунанд. Навишта буданд, ки "1. Встречался с людьми сомнительной репутации. 2.Не владеет языком дари. 3.Политически не грамотен".

Одами шубҳанокашон Аҳмад Зоҳир, забони дарӣ - надонистани забони модариам, маҳдудуияти сиёсиям бошад, аз тарғиби илму фарҳанг ва дӯстӣ бармеомад".

Пӯшида нест, ки мақомоти амниятии шӯравӣ он солҳо болои роҳбарияти онвақтаи Афғонистон нуфузи калон дошт. Вақте, ки шаҳрванди худро барои робита барқарор карданаш бо Аҳмад Зоҳир аз Афғонистон даъват мекунанд, пас бо эҳтимоли зиёд гуфтан мумкин аст, ки дар бораи Аҳмад Зоҳир ба мақомоти давлати он вақтаи Афғонистон тавсияномаҳое ҳам додаанд. Дар ин ҷо як савол ба миён меояд. Барои чӣ мақомоти шӯравиҳо аз Аҳмад Зоҳир эҳсоси хатар мекарданд. Ҷавоб як аст. Аҳмад Зоҳир ба ҷавонҳои ҳамон вақтаи натанҳо Тоҷикистон, балки тамоми Осиёи Марказӣ, алалхусус минтақаи тоҷикнишини он таъсири беандоза калон дошт. Аҳмад Зоҳир дар рушди забони тоҷикӣ ва боло гирифтани рӯҳияи худшиносии миллӣ ва истиқлолталабии мардуми ин минтақа хизмати беандоза бузурге карда буд ва боз дар оянда метавонист аз ин бештар кунад. Ана ҳамин нукта боиси ташвиши мақомоти амниятии шӯравиҳо шуда буд.

Баъди чопи силсиланавиштаҳоям дар ҳафтаномаи "Чархи гардун" (№№2-18, 2003) дар бораи Аҳмад Зоҳир нафарҳои зиёде фикру ақидаи худро оиди куштори овозхони маҳбуб изҳор доштанд. Нуқтаи назарҳо хеле гуногун буданд. Буданд афроде, ки Аҳмад Зоҳирро қурбонии

сиёсатбозиҳои давр медонистанд. Аммо буданд онҳое низ, ки мухолифи ин ақида буданд. Масалан Олим Хоҷамуродов, профессори кафедраи филологияи эронии ДДМТ, доктори илмҳои филология дар мақолаи худ таҳти унвони "Ӯ қурбонии сиёсатбозиҳо набуд" ("Ҷумҳурият", 31.07.03.) ин нуқтаи назарро рад карда, муаллифи силсиланавиштаҳоро барои ибрози чунин фикр мавриди танқиду мазаммат қарор медиҳанд. Гузашта аз ин муаллифи силсиланавиштаҳоро ба он муттаҳам карданӣ шудаанд, ки "ӯ гӯё сохти сотсиалистӣ, ҳукумати вақт ва кумитаи амнияти давлатии Иттиҳоди Шӯрави (КАД ИШ)"-ро дар марги Аҳмад Зоҳир муқассир донистааст. Албатта чунин нуқтаи назар дар силсиланавиштаҳо вуҷуд надошт. Ва он чиро олими мӯҳтарам ба гардани муаллиф бор карданӣ шудаанд, сирф хулосабарориҳои мантиқии он кас мебошанд. Ба назари ман дар ин баҳс муҳим онаст, ки бо "ибтикори" профессори мӯҳтарам фарзияи дигаре оиди сӯиқасдчиёни эҳтимолии Аҳмад Зоҳир арзи вуҷуд кард. Зимнан бояд бигӯем, ки дар бораи дар қатли Аҳмад Зоҳир даст доштани собиқ мақомоти амниятии шӯравӣ чи ҳини омодагиҳо барои навиштани он мақола, чи вақти чопи он ва чи баъди нашри он аз манбаъҳои гуногун маълумотҳо мерасиданд. Чунончи, журналисти шинохта Мухтор Боқизода ҳикоя кард, ки "соли 1993 дар Новосибирск ӯ бо собиқ генерали шӯравӣ оиди ҷанги Афғонистон сӯҳбате доштааст. Он генерал иқрор кардааст, ки куштори Аҳмад Зоҳир кори дасти мақомоти амниятии шӯравӣ будааст. Қатли овозхони машҳур ва маҳбуби миллат барои он сурат гирифта будааст, ки вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар ин кишвар муташанниҷ шуда барои ворид кардани қувваҳои низомии ИШ

ба ин давлати ҳамсоя шароити мусоид фароҳам оварда шавад".

Вале банда дар мақолаам он вақт аз овардани ин гуфтаҳои журналисти варзидаи тоҷик худдорӣ карда будам. "Фарзияи" профессори мӯҳтарам Олим Хоҷамуродов гуфтаҳои журналист Мухтор Боқизодаро ба ёди мо овард.

Дар мавриди сабабҳои марги Аҳмад Зоҳир апааш Зоҳира, ки зани хеле оқила буда ороишгари саршиностарин чеҳраҳои сиёсати Амрико ва Урупо, аз ҷумла Маргарет Тетчер, Роналд Рейган, Ҷорҷ Буши калонӣ, Беккер низ будааст ва ҳоло бознишаста шуда ба ҷамъоварӣ ва расондани кӯмакҳои башардӯстона ба мактабҳои Афғонистон машғул аст, ба журналисти тоҷик Муҳиддини Олимпур чунин гуфтааст:

"Аҳмад Зоҳир далели маргуш шояд бисёр осон нест, ки одам бигӯяд, ки чӣ буд. Як қисматуш сиёсӣ буд. Як қисматуш дигар сабабҳо. Аҳмад Зоҳира шумо порчаҳои охирша ташвиқ барои муҷодила ва ҳам ташвиқ барои роҳи Худо бубинен. Байдои Аҳмад Зоҳир баъди истеъмори рус зиёд байдои ватанхоҳӣ ва байдои динӣ буда. Аҳмад Зоҳир аҷибу ғариб ба Худованд эътиқод дошт. Аҳмад Зоҳир як мусулмонӣ фавқулодда хуб буд. Аҳмад Зоҳир ба қудрати Худованд ва вуҷуди Худованд як ақидаи ғарибу аҷиб дошт".

Аз ин рӯ бо дарназардошти ин далелҳо тахмин задан мумкин аст, ки куштори Аҳмад Зоҳир ангезаҳои сиёсӣ низ дошт. Онро ҳукуматдорони вақти афғон аз рӯи нақшаи пешакӣ тарҳрезишуда амалӣ сохтанд.

Барои мо марги Аҳмад Зоҳир марги як ҳунарманди қатории Афғонистон набуд. Марги ӯ марги як ҷаҳони нотакро-

ри оҳангу мусиқӣ буд. Марги Аҳмад Зоҳир марги умедҳову орзуҳои миллионҳо алоқамандонаш, мухлисону дӯстдоронаш дар Шарқу Ғарби олам буд. Марги ӯ зарба задан ба рӯҳияи худшиносиву истиқлолталабии мардумони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд…

Вале оё ӯ дар ҳақиқат барои мо мурдааст?

"Агар ҳунарманд битавонад ба мазрааи эҳсоси мардум ҷой гузинад, агар битавонад барои мардум, барои ғамҳои мардум бихонад ва шукуфаи лабхандро рӯи лабони ҳаргиз ханда надидаи мардум ҷой диҳад, агар ҳунарманд мардумро дӯст бидорад ва овозашро барои онҳо сар диҳад, чунин ҳунарманд ҳаргиз марг надорад", - гуфта буд боре Аҳмад Зоҳир ба хабарнигоре.

Бале, Аҳмад Зоҳир он хидматеро, ки ҳар як ҳунарманди асил барои мардумаш бояд бикунад, кардааст. Ва аз ин рӯ ӯ абадан дар қалбҳову лабҳои мардум ҷойгузин шудааст:

**Мард намирад ба марг, марг аз ӯ номҷуст,**
**Мард чу ҷовид шуд, мурданаш осон куҷост?**

## МАЙ НАХӮРДА БАДНОМАМ

Пеш аз он ки дар бораи таронаҳои Аҳмад Зоҳир андешаронӣ кунем, мехостам боз чанд сухане атрофи он овозаҳое, ки шахсияти ин хунёгари машҳурро печондаанд, ҳарф бизанем. Овозаҳое ҳаст ва қисман онҳо ба матбуоти даврии кишвар роҳ ёфтанд, ки гӯё Аҳмад Зоҳир садҳо маъшуқа доштааст ва ба замми ин боз майпарасту бангӣ низ будааст. Оё ин дуруст аст?

Табиист, ки ҳамчун ситораи ҳунар мухлисони зиёде, аз ҷумла, аз ҳисоби занону духтарон дошт. Дар ягон

қарияи Афғонистон ва ё шаҳре аз даҳони ягон шахси масъул, ҳатто дӯстони наздикаш мушаххасан дар бораи амалҳои ғайриахлоқии Аҳмад Зоҳир чизе нашунидаам. Шаҳрвандони тоҷикистоние, ки ҳини сафарҳои хидматӣ дар он солҳо Аҳмад Зоҳирро аз наздик диданд ва бо ӯ мулоқотҳо доштанд, ҳамеша аз гуфтору рафтори неки Аҳмад Зоҳир гап мезананд. Барои мисол устод Ҷӯрабек Назриев ҷавонмардию инсондӯстии Аҳмад Зоҳирро мудом таъкид мекарданд. Шоира Меҳриниссо ва рӯзноманигор Салима Ваҳҳобзода, ки Аҳмад Зоҳирро аз наздик дидаву борҳо бо ӯ ҳамсӯҳбат шудаанд, ӯро ҳамчун инсони покдилу поктинат тавсиф мекунанд. Ҳама дӯстони Аҳмад Зоҳир таъкид мекунанд, ки агар Аҳмад Зоҳир майпараст ва ё нашъаманд мебуд, ҳеҷ гоҳ сазовори чунин обрӯю эътибори баланд дар ҷомеа намешуд. Обрӯю иззати беназирро ӯ пеш аз ҳама дар натиҷаи заҳмати зиёд ба даст овардааст. Ӯ хеле зиёд меҳнат мекард. Барои эҷоди як суруд ӯ натанҳо рӯзҳову ҳафтаҳо, балки моҳҳо заҳмат мекашид. Тасаввур кунед, ҳунарманде, ки бештари вақти худро ба маю маъшуқаву банг сарф мекунад, чӣ гуна метавонад, ба ин қуллаҳои баланди эҷодӣ бирасад? Дар ин ҷо баъзеҳо метавонанд бо истинод ба як теъдод сурудҳои худи Аҳмад Зоҳир эътироз намоянд, ки не, овозхон худ бода менӯшид ва даъват ба маю майгусорӣ мекард. Хуб, мо ин далелҳоро рад карданӣ нестем. Вале бода нӯшидан аз майпарасту бангӣ будан шояд тафовуте дошта бошад. Дар адабиёти тасаввуфӣ, ки онро Аҳмад Зоҳир хуб медонист, истилоҳи майю майгусорӣ мазмуну мундариҷаи ирфонӣ дошт. Вақте, ки Аҳмад Зоҳир шеъри машҳури шоири ориф Ҷалолиддин Балхӣ "Ман масту ту девона, моро кӣ барад хона?" - ро месаро-

яд, мо чӣ гуна метавонем исрор биварзем, ки он мазмуни дунявӣ дорад? Шояд иддае онро ба маънои дунявиаш қабул кунанд. Ин бештар вобастагӣ дорад ба савияи донишу хирад ва огаҳии ҳар инсон, ҳар шунавандаи суруд.

Шояд Аҳмад Зоҳири маҳфилоро ин банди таронаи зебои "Соқиё, маро дарёб" -ро ба хотири рад кардани ҳамон гуна иттиҳомот гуфта бошад:

**Соқиё, маро дарёб,**
**Пур кун аз вафо ҷомам.**
**Мастам имшаб аз ғамҳо,**
**Май нахӯрда бадномам…**
**Тувбаам мадеҳ зоҳид,**
**Дигар аз маю мастӣ.**
**Фориғ аз ҳисобам кун,**
**Ғофил аз саранҷомам.**

## ҲАМА ЁРОНАМ БА ПАРЕШОНӢ

Бархе овозаҳо дар ин хусусанд, ки Аҳмад Зоҳир гӯё консерваторияҳои машҳури кишварҳои Ғарбиро хатм кардаву соҳибихтисос гаштааст. Ин овозаҳо низ аз ҳақиқат дуранд. Албатта Аҳмад Зоҳир сафарҳое ба кишварҳои ғарбӣ, аз ҷумла Итолиё, Фаронса, Инглистон ва ҳатто Амрикову Австролиё доштааст ва ин сафарҳо дар бою ғанӣ гардидани таҷрибаву малакаи ҳунари мусиқиаш нақш доштаанд. Зеро ӯ ҳамчун ҳунарманди ҷӯянда аз ин гуна имкониятҳои пешомада наметавонист баҳравар нашавад. Аҳмад Зоҳир нозукиҳои ҳунари мусиқиро дар ягон омӯзишгоҳ ва ё донишкадаи махсуси касбӣ на дар Ғарб ва на дар Шарқ наомӯхтааст. Вале ба гуфтаи Ҳумоюни Нанги-

ёлай, фарзанди яке аз мутрибони Аҳмад Зоҳир трумпетнавоз (труба) Фақирмуҳаммади Нангиёлай Аҳмад Зоҳир дар овони кӯдакӣ чанд муддат аз падари ӯ дарси мусиқӣ гирифтааст. Баъдан ҳангоме ки аз наздик ҳамкорӣ мекарданд, Нангиёлай таронаҳои эҷоднамудаи Аҳмад Зоҳирро ба риштаи адвор (нота) низ мекашидааст. Ба гуфтаи Ҳумоюн соли 2004 ӯ ва падараш марҳум Фақирмуҳаммади Нангиёлай дар Ҳоланд ва Амрико китоберо бо номи "Садое, ки хомӯш намешавад" аз чоп баровардаанд , ки дар он 160 таронаи Аҳмад Зоҳир ба нота даровада шудааст. Вале Сафиуллоҳи Суббот муддаӣ аст, ки Аҳмад Зоҳир шогирди ягон овозхон ва оҳангсози машҳури афғон набудааст. Аҳмад Зоҳир чун омотуре (ҳаваскор), вале бо истеъдоди Худодод ба саҳнаи ҳунари мусиқӣ, бо сабку услуби худ ворид мешавад. Ба қавли рафиқи даврони кӯдакиаш Сафиуллоҳи Субот дар наврасӣ Аҳмад Зоҳир бисёр мехостааст ба овозхони шинохта Абдуҷалили Залонд монанд бошад. Таронаи ӯ "Ай шӯълаи ҳазин" ба матни Зиё Қоризодаро бисёр зиёд замзама мекард. "Мехоҳам мисли Залонд овозхони маҳбуб бошам"- пайваста мегуфт Аҳмад Зоҳир. Рӯзе Сафиуллоҳ Субот ва Аҳмад Зоҳир, ки ҳамсоя буданд, дар наздикии хонаашон Залондро мебинанду ӯро бо меҳмонӣ таклиф мекунанд. Ӯ розӣ мешавад, ки ба хонаи Аҳмад Зоҳир бираванд. Ин замоне буд, ки Аҳмад Зоҳир ҳамчун овозхони маҳбуби миллат маъруф шуда буд. Ҳангоми сӯҳбати гарм Сафиуллоҳ ба ёд меорад, ки чи гуна Аҳмад Зоҳир аз Залонд пайравӣ мекард ва мехост мисли ӯ маҳбуби мардум бошад. Дар ин лаҳза Залонд мегӯяд, ки Аҳмад Зоҳир акнун ба ҳадафи худ расидааст. Ӯ маҳбубтарин овозхони миллат аст. Вале сад афсӯс, ки ӯ, яъне Залонд, дигар

наметавонад ба орзуи худ, яъне аққалан барои як лаҳза Аҳмад Зоҳир бошад, бирасад.

Дӯсти дигари Аҳмад Зоҳир Самад Дор-Дор дар сӯҳбате ба мо гуфт, ки Аҳмад Зоҳир таронаҳои Абдураҳими Сорбон ва Билтунро хеле зиёд дӯст медошт ва дар хона ва мошинаш ҳангоми фориғ будан аз заҳматҳо ин овозхонӣнро бештар гӯш мекардааст. Дар марҳилаи аввали овозхониаш Аҳмад Зоҳир асосан таронаҳои худаш эҷоднамударо месуруд. Ҳарчанд баъзе аз ин сурудҳо копӣ (нусха) аз таронаҳои ғарбӣ ва ҳиндӣ буданд, вале ӯ онҳоро худаш таҳия мекард, барои онҳо матнҳои мувофиқ пайдо менамуд. Баъдтар оҳангсозон чун мебинанд, ки Аҳмад Зоҳир садои гиро ва маҳорати хуби овозхонӣ дорад, барояш махсус таронаҳо эҷод мекунанд. Ба ин қабил оҳангсозон Фазлаҳмади Найнавоз, Шоҳвалӣ Валии Таронасоз, Салими Сармаст, Фақирмуҳаммади Нангиёлай, Масҳур Ҷамол, Найсоз ва дигарон дохил мешаванд. Дар байни ин оҳангсозон, аз ҳама бештар Фазлаҳмади Найнавоз ва Шоҳвалӣ Валии Таронасоз барои Аҳмад Зоҳир оҳангу тарона таҳия намудаанд. Бояд гуфт, ки Фазлаҳмади Найнавоз, ки ба син аз Аҳмад Зоҳир 25-сол бузургтар буд, монанди ӯ фарзанди як соҳибмансаб будааст. Падари ӯ Закариё, вазири молия дар замони шоҳ намехоҳад, ки фарзандаш ҳунари мусиқиро пеша кунад. Вале Фазлаҳмади Найнавоз ба он меҳру муҳаббате, ки ба оламу ҳунари мусиқӣ дошт, тавонист дар таърихи мусиқии Афғонистон ҷойгоҳи сазовори худро пайдо кунад. Мутахассисони соҳаи мусиқии Афғонистон Фазлаҳмади Найнавозро дар феҳристи 10 нафар бузургтарин оҳангсози кишвар дар тамоми давру замонҳо дохил кардаанд.

Фазлаҳмади Найнавоз Аҳмад Зоҳирро хеле дӯст медошт. Вақте, ки Аҳмад Зоҳирро ба баҳонаи қатли Холида ба маҳбас мекашанд, ӯ аз ҳама бештар барои халосии ӯ мубориза мебарад. Фазлаҳмади Найнавоз аз ҳама хубтар ва амиқтар ҳолати рӯҳии Аҳмад Зоҳирро дарк менамуд ва барояш таронаҳое эҷод мекард, ки баъдан беҳтарин таронаҳои Аҳмад Зоҳир ном мегиранд.

Баъди марги Аҳмад Зоҳир Найнавоз шикастадилу рӯҳафтода мешавад. Ӯ дар марги дӯсти нокомаш марсияе мегӯяд, ки оғозаш ин аст:

**Ба ҳар сӯ меравам, ай ошно, ман дар суроғи ту,**
**Вале аз ту суроғе нест.**
**На дар ин ҷо, на дар он ҷо,**
**Ба ёдам боз меояд, ки мегуфтӣ:**
**Ман аз ин остон азми сафар дорам.**
**Вале бовар намекардам,**
**Ба ёдам боз меояд, ки мегуфтӣ:**
**Барои нолаам танг аст ин дунё,**
**Ба қалбам хун меҷӯшад,**
**Ҷудо аз мо куҷо рафтӣ, чаро рафтӣ?**
**Чаро бе мо сафар кардӣ?**
**Чаро аз мо ҳазар кардӣ?**
**Ба қалби мо зи ҳаҷрат оташ афрӯхтӣ, рафтӣ,**
**Ва моро аз фурӯғи доғи ҳиҷрат сӯхтӣ, рафтӣ…**

Ба қавли Аҳмад Мурид, яке аз дӯстони дигари Аҳмад Зоҳир, ки хонандаи хушовоз буд ва дар Тоҷикистон бо шоири маъруфи тоҷик Бозор Собир охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта шабҳои муштараки эҷодӣ доир карда-

аст, Найнавоз дар қатли Аҳмад Зоҳир ва фирорӣ шудани баъзе аз овозхонҳои маъруф аз кишвар режими Ҳафизуллоҳ Аминро гунаҳкор медонист. Дар мусоҳибае бо хабарнигори тоҷик Отамуроди Бекмурод ("Ҷавонони Тоҷикистон", 18 июни соли 1989) Аҳмад Мурид дар ин робита чунин мегӯяд:

"Муттаасифона, ҳарчанд ману Аҳмад Зоҳир аз тарафдорони инқилоб будем, вале фаъолияти ҳунариямон маҳдуд ва қатъ гардид. Ба хусус баъди ба сари ҳокимият омадани Амин аҳволи озодфикрон табоҳ шуд. Қабл аз ҳама бо иҷозаи шумо аз хусуси устод Найнавоз, ки ба дасти хунпалои Амин кушта шуд, чанд сухан гӯям. Найнавоз, рӯҳаш шод бод, мусиқори варзида буд. Албатта, шумо овози ӯро шунидагистед? Ин ҳамон Найнавозест, ки ҳамроҳи Аҳмад Зоҳир суруди "Ман найнавозам"-ро суруда буд…

…Амин ба тоза кардани атрофи худ пардохт… Устод Найнавоз бо Парисои Мурсал бо номи "Омин! Омин!" оҳанге таҳия карданд, ки матни он чунин шурӯъ мешуд:

**Ҳар ки маро аз ту ҷудо мекунад,**
**Дар ба дару бесару по мекунад,**
**Рӯзи маро тору сиёҳ мекунад,**
**Бод дилаш мисли дили ман ҳазин,**
**Омин! Омин! Омин!**

Ин суруд чи барои муаллифи шеър ва чи барои оҳангсозону сарояндааш гарон афтид. Амин ба таъқибкунӣ сар кард. Муаллифи шеър (исмаш дар хотирам намондааст) зиндонӣ шуд. Як моҳ суруд маҳкум буд ва баъди ин муддат маро низ ба ҳабс гирифтанд, ки бидуни пурсиш 13 моҳ

зиндонӣ будам..."

То ба ҳанӯз дар Афғонистон расман касе нагуфтааст, ки марҳум Найнавоз чи гуна ба қатл расидааст. Ҳумоюни Нангиёлай дар сӯҳбат бо мо гуфт, ки ҳамон нафаре,ки зани Аҳмад Зоҳир Фахрияро як рӯз пеш аз нақшаи куштори овозхони машҳур огаҳ карда будааст, ҳамон фард шахсан ба Фазлаҳмади Найнавоз гуфта будааст,ки дар рӯзи марг дар сари қабри Аҳмад Зоҳир суханронӣ накунад ва аз кушт-ори ӯ лаб накушояд. Вале Найнавоз на танҳо ин корро он рӯз кард, балки Аминро дар он ҷо гунаҳкор низ гуфт.- Як ҳафта баъд аз марги Аҳмад Зоҳир Найнавоз ба таври мармуз нопадид гашт. Дар ин кор то ба имрӯз ангушти иттиҳом ба сӯи ҳукумати Амин нигаронида шудааст. Дар Афғонистон то ба имрӯз касе ҳатто қабри ӯро намедонад, ки дар куҷо ҷой гирифтааст.Маълумоти бештареро дар бораи марҳум Найнавоз шумо метавонед аз китоби навиcандаи ин сатрҳо «Аҳмад Зоҳир ва мусиқии Ғарб» (саҳ.96-99) пайдо кунед.

Воқеан, ҷои гап аст бигӯем, ки Аҳмад Зоҳир замоне, ки дар Афғонфилм кор мекард, ӯ дар ин ҷо ба ҳайси садобардор адои вазифа менамуд.

Аҳмад Зоҳир бо ҳамаи ҳампешагони худ, чи хурду, чи бузург, чи мард, чи зан муносибати дӯстона ва самимона дошт. Ӯро низ аксари онҳо ҷавобан ҳурмату эҳтиром мекарданд. Қариб ҳамаи овозхонҳои афғонӣ орзу мекарданд, ки дар консерт ё маҳфиле бо Аҳмад Зоҳир муштаракан ҳунарнамоӣ кунанд. Имрӯз дастраси алоқамандони Аҳмад Зоҳир наворҳое ҳастанд, ки дар он ин хунёгари бузург бо овозхонҳои маъруфи афғонӣ, Зоҳир Ҳувайдо, хонум Жило, Аҳмад Валӣ, устод Маҳваш, Ҳангома, Фазлаҳмади

Найнавоз ва ғайра якҷо таронасароӣ намудааст. Қариб ҳамаи онҳо имрӯз аз Аҳмад Зоҳир бо ҳасрат ёд мекунанд. Ба қавли профессор Худойназар Асозода Зоҳир Ҳувайдо боре бо чашмони ашкбор аз телевизиони Кобул гуфтааст: "Афғонистон дар ин сад соли охир Аҳмад Зоҳир барин овозхон пайдо нахоҳад кард". Хонум Ҳангомаи дар марги Аҳмад Зоҳир сиёҳпӯш то ба имрӯз марсияи дар сӯгвории ин нобиғаи ҳунар гуфтаашро баробари аз ӯ ном гирифтан ба ёд меорад:

**Қалби мо холист, холӣ,**
**Дилбари дилҳо куҷост?**
**Хоки тира аз ту пурсам,**
**Зоҳири зебо куҷост?**

Имрӯз дар Афғонистон овозхоне пайдо намешавад, таронаҳои Аҳмад Зоҳирро нахонда бошад. Аз Фарҳоди Дарё сар карда то Эҳсони Амон ҳамагӣ дар репертуари худ таронаҳои нобу дилошӯби ин фарзонаи мусиқиро ҷой додаанд ва дар консерту тую ҷашнҳо бо хоҳиши мухлисони Аҳмад Зоҳир онҳоро месароянд.

Вақте, ки аз ҳамкорон ва дӯстони Аҳмад Зоҳир дар бораи ӯ пурсон мешавӣ аз чи бошад, ҳамагӣ суханро на аз маҳорати овозхонии ӯ, балки аз ҷавонмардиву саховатмандии ӯ шурӯъ мекунад. Қиссаҳои зиёдеро дар бораи олиҳимматии ӯ ба ёд меоранд. Яке ба ёд меорад, ки чи гуна ӯ тамоми пайсаҳои киссаашро, ки муодили ҳазорҳо доллар будааст, ба як кампираки ношиносе, ки аз ба оташ рафтани ҷиҳози арӯсии ягона духтари ятимаш нола мекардааст, додааст. Дигаре аз он ёдовар мешуд, ки чи гуна ӯ барои

занони маҳбуси яке аз зиндонҳои Кобул ройгон консерт намоиш додааст. Сеюми дар барои ҳезумкаше нақл мекард, ки Аҳмад Зоҳир чӯби сӯхти ӯро ҳамеша бо қиммати даҳчанд баландтар аз он чи ки ҳезумкаш мегуфтааст, харидорӣ мекардааст.

Дар баробари ин олиҳиммативу ин саховатмандӣ Аҳмад Зоҳир ӯ боз хеле фурӯтану хоксор низ буд,- мегӯянд шиносҳояш. Аксбардор Орифи Султонӣ қисса кард, ки вақти хӯроки нисфирӯзӣ дар ҷои кор картошкабирён мехӯрдем, ки Аҳмад Зоҳир барои аксбардорӣ ба онҷо даромад. Ӯро ба сари дастархон даъват кардем. Ӯ бо мамнуният ин даъвати моро қабул кард. Аз ҷой хестам то барояш хӯроки беҳтаре биёрам. Ӯ магар фаҳмид, ки нагузошт:

-Орифҷон, ма качолуро хеле дӯст дорум,- гуфт ва бо иштиҳои баланд якҷо он хӯроки фақиронаро ҳамроҳ бо як иштиҳои баланд тановул кардем.

## ДАР ДОМАНИ САҲРО БЕХАБАР АЗ ДУНЁ

Аҳмад Зоҳир аз синни хурдсолӣ ба як бозии қадимаи миллӣ дилчаспии зиёде дошт. Ин ҳам бошад бодбаракбозист, ки дар Афғонистон онро коғазпарронӣ мегӯянд. Маъмулан рӯзҳои ҷумъа ӯ бо ҳамроҳии дӯстони наздикаш бодбараки худро, ки дар тӯли ҳафта онро омодаи ин мусобиқа мекардааст, гирифта ба чамани Бабраки дашти Хайрхонаи Кобул мерафтааст. Дар ин рӯзи истироҳат ба ин ҷо одамони касбу кори гуногун аз гӯшаву канори мухталифи шаҳри Кобул ва ҳатто Афғонистон ҷамъ шуда, байни худ мусобиқа мекардаанд. Ҳадаф, яъне бодбараки кӣ аз ҳама хушрӯйтар асту болотар парвоз мекунад ва аз ҳама муҳимаш вақти дар ҳаво будан кадоме аз он бодбаракҳо бодбараки дигарро маҳв месозад. Аниқтараш риштаи онро меканад. Чамани Бабраки дашти Хайрхона рӯзҳои ҷумъа бозори бузургеро шабеҳ буд. Фазои он мавзеъ аз бодбаракҳои гуногунранг моломол мегашт ва осмони обӣ дар ин лаҳзаҳо матои нилгуни болояш пур аз нақшҳои гулдӯзиро ба хотир меовард. Аз ҳама бештар тамошобинон ба ҳаракатҳои Аҳмад Зоҳир ва бодбараки ӯ таваҷҷӯҳ зоҳир мекардаанд. Ин на танҳо аз он сабаб буда, ки Аҳмад Зоҳир дар идора кардани бодбараки худ як маҳорати беандоза баланд нишон медодааст, балки боз аз он сабаб будааст, ки баробари бозии худро ба анҷом расондан, ҳамон бодбаракро ба яке аз тамошобинон тӯҳфа

мекардааст. Кореро, ки дигар бозингарон маъмулан на-мекардаанд.

Аз рӯи гуфтаи мудири китобхонаи устод Халилуллоҳи Халилии Институти Шарқшиносии АУ Тоҷикистон устод Ҷаъфари Ранҷбар, ки худ низ дар он замонҳо яке аз кӯда-кони коғазпаррони он маҳал будааст ва Аҳмад Зоҳирро борҳо дидаву бо ӯ сухан гуфтааст, тайёр кардани чунин бодбаракҳо кори чандон осон набуд. Махсусан, тайёр кар-дани риштаи он бодбарак, ки тақрибан 200 - 300 метр тӯл медоштааст, заҳматталаб будааст. Он риштаро бо услуби хос бо истифода аз ширешу мум омода месохтаанд, ки хеле мустаҳкам мешудааст ва дар ҳаво риштаҳои дигарро дар натиҷаи ба онҳо соиш хӯрдан мекандааст. Ҳамин ришт-таи 200 ё 300 метраро, ки қиммати баланд доштааст, бо ҳамроҳии ҳамон бодпарак Аҳмад Зоҳир ба яке аз тамо-шобинон эҳдо мекардааст.

Ин иттилоотро, ки ин шуғлро Аҳмад Зоҳир хеле дӯст медошт, дӯстони наздикаш Самади Дор - Дор ва Сафиул-лоҳи Субот низ тайид намуданд.

# II. АЗ НАХУСТИН ТО ВОПАСИН ТАРОНА

## ГАР КУНӢ ЯК НАЗЗОРА МЕЗЕБАД, МЕЗЕБАД

Аҳмад Зоҳир ҳамагӣ сиву се сол умр дид. Худованд барои зиндагӣ кардан дар ин дунёи фонӣ ба ӯ ҳамин мӯҳлатро дода буд. Вале аз сӯи дигар Парвардигори мутаъол барояш чунин вижагиҳову хислатҳои инсониеро арзонӣ дошт, ки дар виннӣ ҷавонӣ ӯ як марди оқилу доно ва як ҳунарманди баркамолро мемонд. Сурати зебо, садои бемисл, истеъдоди нотакрор, ақлу заковати воло, забони ширин, инҳо ҳама неъматҳое ҳастанд, ки Худованд онҳоро хеле кам дар маҷмӯъ ба бандагонаш медиҳад.

Аҳмад Зоҳир ба нишонаи шукрона аз ин неъматҳои додаи Худовандӣ, ба манфиати ҷомеа чунон ҳам ҷаҳду ҷадал намуд, ки баъди сараш асрҳо аз ӯву осори бебаҳои ӯ ба некӣ ёд хоҳанд кард.

Аҳмад Зоҳир дар саҳнаи овозхонии касбӣ ҳамагӣ 15 - сол дурахшид. Аввалин консерте, ки дар он ба танҳоӣ ҳунарнамоӣ кардааст, соли 1964 баргузор гардид. Дар худи ҳамин сол яке аз сурудҳои ӯ "Гар кунӣ як наззора, мезебад, мезебад" нахустин маротиба аз радиои Афғонистон пахш шуд. Аммо барои он, ки ӯро ҳамчун овозхони беҳтарини сол эътироф кунанд, ӯ боз ҳашт соли дигар заҳмати пурмашаққатеро пушти сар мекунад. Аҳмад Зоҳир аз соли

1972 то охири умраш ҳар сол "Беҳтарин овозхони соли Афғонистон" эътироф мешуд. Гузашта аз ин ӯро дар дигар кишварҳои форсизабон ба тадриҷ шинохтанду эътироф карданд. Дар баъзе аз маҳфили овозхонҳои берун аз Афғонистон ҳам, хусусан дар Ирону Покистон ба Аҳмад Зоҳир унвонҳои "Булбули Шарқ", "Алмоси Машриқзамин" - ро дода буданд. Садои ӯ, сурудҳояш дар Тоҷикистон як инқилоберо дар ҳунари овозхонӣ барпо карданд.

Аҳмад Зоҳир дар тӯли понздаҳ соле, ки рӯи саҳнаи профессионалии сарояндагӣ заҳмат кашид, осореро аз худ боқӣ мондааст, ки ситораҳои аҳамияти ҷаҳонӣ доштаи ин ҳунар, ки собиқаи беш аз панҷоҳсолаи фаъолият доранд, доштани чунин як ифтихорро танҳо орзу мекунанду бас.

Дар бораи чи миқдор суруду тарона боқӣ мондани Аҳмад Зоҳир як гапи мушаххасе нест. Тибқи он маълумоте, ки дар даст дорем, то ба имрӯз касе мушаххасан репертуари Аҳмад Зоҳирро ҳисоб накардааст, ки дар он чи миқдор суруду тарона ҳаст. Фикрҳои тахминӣ хеле зиёданд. Барои мисол оҳангсози афғонӣ устод Салими Сармаст дар як мусоҳибааш дар ин бора чунин гуфтааст: "Аҳмад Зоҳир дар ҳудуди бист кассет овоз дорад, ки агар ба сурати миёна ҳар кассети ӯро шомили дувоздаҳ оҳанг бидонем, 240 порчаоҳанги бикр дорад, ки аслан наметавонам ангушти интихоб бигзорем, ки кадом як беҳтар аст". Аз муаллифони тоҷик шоири шодравон Амонбеки Шоҳзода, ки яке аз мухлисони содиқи Аҳмад Зоҳир буд, дар як мақолааш соли 1992 навишта аст: "Дар Афғонистон бештар аз 30 фитаи ин сарояндаи номӣ маҳфуз аст. Дар он садҳо сурудҳои Аҳмад Зоҳир сабт гардидаанд". Дар як барнома ба муносибати сесолагии рӯзи марги Аҳмад Зоҳир наттоқи



Аҳмад Зоҳири хурдсол
бо апааш  Зоҳира



Аҳмад Зоҳири хурдсол



Аҳмад Зоҳир - булбули литсеи Ҳабибия



Аҳмад Зоҳир бо хонумаш Ноҷия ва хоҳараш Билқис



Аҳмад Зоҳир бо хонуми нахустинаш Ноҷия





Аҳмад Зоҳир бо завҷаи нахустинаш Ноҷия ва писараш Ришод



Аҳмад Зоҳир дар ИМА



Аҳмад Зоҳир, Фазлаҳмади Найнавоз, устод Амирмуҳаммад, Аҳмад Валид ва дигарон



Аҳмад Зоҳир дар Ҳиндустон



Аҳмад Зоҳир дар сари чанбари мошинаш



Садои ту пайки муҳаббат аст.



Аҳмад Зоҳир-
султони қалбҳо



Аҳмад Зоҳир бо қиблагоҳаш доктор Зоҳир



Аҳмад Зоҳир бо бародараш Осиф Зоҳир



Аҳмад Зоҳир бо падараш доктор Зоҳир ва
завҷаи саввумаш Фахрия



Аҳмад Зоҳир
бо қиблагоҳаш
доктор Зоҳир



Аҳмад Зоҳир дар саҳна. Соли 1973



Аҳмад Зоҳир ва аз тарафи дасти рости вай
Маҳбубуллоҳ - хусурбачаи Осиф, акаи Аҳмад Зоҳир



Фахрия, завҷаи саввуми Аҳмад Зоҳир



Фахрия, завҷаи саввуми Аҳмад Зоҳир бо духтараш Шабнам



Шабнам - духтари
Аҳмад Зоҳир



Аҳмад Зоҳир, булбули шӯрида



Аҳмад Зоҳир
аз нигоҳи наққоше



Аҳмад Зоҳир бо дӯсташ Аҳмадшоҳи Алам



Доктор Зоҳир бо президенти ИМА Ҷон Кеннеди



Зоҳира Зоҳир, апаи Аҳмад Зоҳир



Гурӯҳи “Ситора”-ҳо Аҳмад Зоҳир, Ҳошим Баҳо,
Ҷамол Маъсумӣ, Аҳмадшоҳ, Аъзам Парванта



Муҳаммад Рафӣ,
овозхони маъруфи
Ҳиндустон бо хонум
Жило, овозхони маъруфи
Афғонистон



Гулғутай, духтари Амин



Муҳаммад Зоҳири Сипос, муҳаққиқи осори Аҳмад Зоҳир



Фазлаҳмади Найнавоз ва устод Ҳафизуллоҳи Хаёл



Набилчони Мискинёр, таблнавози Аҳмад Зоҳир



Четрам Сонӣ табла ва драмнавози Аҳмад Зоҳир



Аҳмад Зоҳир бо Ҳарманди мардумии СССР
Ҷӯрабек Муродов, майи соли 1979

радиои Афғонистон мегӯяд, ки теъдоди суруду таронаҳои Аҳмад Зоҳир аз 400 бештар аст. Вале дар барномаи дигари ҳамин радиои Афғонистон, ки ба муносибати 12-солагии рӯзи ба шаҳодат расидани Аҳмад Зоҳир дар таърихи 14-июни соли 1991 нашр шудааст, наттоқи радио дар хусуси 850 оҳангу тарона доштани ин нобиғаи олами мусиқӣ ҳарф мезанад. Соли 2005 дар солрӯзи марги Аҳмад Зоҳир яке аз масъулини архиви радиои давлатии Кобул эълом дошт, ки дар фонди ин радио дар ҳоли ҳозир сабти 207 таронаи Аҳмад Зоҳир маҳфуз аст.

Соли 2006 дар шаҳри Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳти унвони "Китоби ишқ" маҷмӯаи таронаҳои Аҳмад Зоҳир аз сӯйи муҳаққиқ ва аҳмадзоҳиршинос Муҳаммад Зоҳири Сипос таҳия ва ба чоп расид.

Қабл аз ҳама муаллиф дар сарсухани китобаш нуктаҳоеро аз зиндагиномаи Аҳмад Зоҳир меорад, ки муалифони дигар дар навиштаҳои худ аз онҳо ёдовар нашудаанд ва ё дар бораашон камтар гуфтаанд. Чунончи Муҳаммад Зоҳири Сипос менависад, ки Аҳмад Зоҳир "дар синни ҳафтсолагӣ мутаваҷҷеҳи хат ва одоби муошироти иҷтимоӣ буд. Баъд вайро шомили мактаб намуданд ва чанде нагузашта бо падар ва хонаводa озими Ҳиндустон ва дар он ҷо машғули таҳсил гардид ва баъд аз муддате дар назди устодони Ҳинд ба омӯхтани мусиқӣ, аккордион ва ҳармония пардохт".

Ба гуфтаи оғои Сипос Аҳмад Зоҳир баъд аз он ки хонаводаашон ба Афғонистон бармегардад, омӯзиши мусиқиро дар назди яке аз донандагони хуби ин ҳунари нафиса Фурӯғи Афандӣ, ки яке аз мусиқидонони турктабори Кобул буд, идома медиҳад. Ҳамин тариқ ба ақидаи оқои Сипос Аҳмад Зоҳир аз дигар нухбагони мусиқии афғон, аз

қабили оҳангсозони маъруф Салими Сармаст, Фақирмуҳаммади Нангиёлай, Фазлаҳмади Найнавоз, Исмоили Аъзамӣ, Шоҳвалӣ Валии Таронасоз ва ғайра низ сабақҳо гирифтааст.

Мо барои чӣ рӯи ин нукта таъкид кардем, зеро болотар гуфта будем, ки баъзе аз муҳаққиқон, азҷумла Сафиуллоҳи Субот, шоир ва оҳангсоз, ки дӯст ва ҳамсинфи Аҳмад Зоҳир будааст ва чанд шеър ва оҳанг низ барояш навиштааст, дар мусоҳибпаҳои худ исрор меварзад, ки дар илм ва ҳунари мусиқӣ Аҳмад Зоҳир устод надоштааст. Вале чи тавре, ки мебинем, оқои Сипос, ки худ пажӯҳишгари маъруфи адабиёти классикӣ ва ҳунари мусиқӣ дар Афғонистон ба шумор рафта, солҳои дар қайди ҳаёт будани марҳум Аҳмад Зоҳир бо доираи ҳунармандони мусиқии ин мамлакат равобити зич доштааст, дар ин бора нуқтаи назари дигареро иброз менамояд.

Боз чизи дигари муҳимеро, ки ба фикри мо, оқои Сипос дар китобаш ёдовар шудааст, ин он аст, ки овозхони маъруфи эронӣ хонум Гугуш ба ҳунари Аҳмад Зоҳир эҳтироми бузурге қоил будааст, ки ҳатто дар борааш дар яке аз рӯзномаҳои Эрони ҳамон вақт мақолае низ навиштааст: "Зиндаёд Аҳмад Зоҳир истеъдоди бисёр олӣ дар интихоби шеър дошта, ки ҳатто Гугуш- ҳунарманди бузурги эронӣ роҷеъ ба ҳунари Аҳмад Зоҳир як саҳифаи рӯзномаи ҳамон вақтро ихтисос дода буд. Аз интихоби ашъораш бисёр тавсиф ва тамҷид ба амал оварда гуфта буд, ки "дар насли ҷавон мушкил ки ба садҳо сол Аҳмад Зоҳир пайдо шавад" ва ҳамчунин Пури Баноӣ ҳунарманди иронӣ гуфта буд, ки "овоз намешунавам, агар шунавам овози Аҳмад Зоҳир хоҳад буд". Барои хонандагони арҷманде, ки наме-

донанд хонум Пури Баноӣ кӣ буд, ҳаминро мегӯем, ки ӯ яке аз ҳунарпешаҳои машҳури синамои даврони шоҳи Эрон ба шумор мерафт ва Аҳмад Зоҳирро шахсан мешинохт.

Дар омади гап бояд бигӯем, ки Муҳаммад Зоҳири Сипос дар як ҷои дигари китобаш менависад, ки Аҳмад Зоҳир чанд суруди хонум Гугуш, азҷумла таронаҳои "Бо он ҳама қавлу карору паймон", "Ҳаргиз, ҳаргиз бе ту намехандам", "Дунёи зиндонӣ девор аст" (Вақте, ки дил танг аст, фойдаш чист озодӣ? С. Ҳ.), таронаҳои хонум Маҳастӣ "Ҳамаш дарду ҳамаш ранҷу ҳамаш ғам", "Пас аз ин зорӣ макун", "Султони қалбам ту ҳастӣ, ту ҳастӣ" ("Як дил мега буру, буру, як дил мега нару, нару" С.Ҳ.) ва таронаи овозхони туркӣ хонум Эмал Син "Гули сангам, гули сангам"-ро сурудааст.

## ТАҚСИМБАНДИИ ТАРОНАҲО ТИБҚИ СИПОС

Муҳаммад Зоҳири Сипос муддаъӣ аст, ки китоби ӯ комилтарин маҷмӯаи таронаҳои Аҳмад Зоҳир ба ҳисоб меравад. Ӯ дар ин маҷмӯа тибқи ҳисоби худ 395 таронаи ба забони дарӣ хондаи Аҳмад Зоҳирро ҷойгир кардааст. Тақсимбандии таронаҳо тибқи навиштаи ӯ аз рӯйи дар кадом студия сабт шудани онҳо сурат гирифтааст. Ҳамин тариқ мувофиқи навиштаи мӯҳтарам оқои Сипос аз 395 таронаи дарӣ дар маҷмӯъ 75-тои он дар студияи радиои Кобул, 171 суруду тарона дар студияи "Афғон Музик", 63 суруд дар студияи "Музик Сантр", 23 суруд дар студияи "Ориёно Музик", 63 суруд ҳангоми базмҳои маҳфилӣ сабт шудаанд.

Таҳлили феҳристи тартибдодаи оқои Сипос нишон медиҳад, (ин таҳлил аз сӯйи мо сурат гирифтааст. С.Ҳ.) ки муаллифи "Китоби ишқ" ҳамон як сурудеро, ки мукарраран дар чанд студия ё маҳфилҳо сабт шудааст, ба сифати як суруди алоҳида ҳисоб кардааст. Масалан, бино ба навиштаи ӯ суруди "Имшаб ба қиссаи дили ман гӯш мекунӣ" дар студияи радиои Кобул, студияи "Афғон Музик" ва боз дар ду базми маҳфилӣ сабт шудааст. Яъне ба қавле чор вариант дорад. Вале оқои Сипос ҳар яки ин сабтро варианти як суруд не, балки як суруди нав, як суруди алоҳида ҳисоб кардааст. Ё худ суруди "Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлиҷон, дилима кардӣ вайрон" низ назар ба пешниҳоди оқои Сипос чор навори ҳархела доштааст. Аҳмад Зоҳир як бор ин сурудро дар студияи радиои Кобул сабт кардааст. Дафъаи дигар бо дигар созҳои мусиқӣ, бо каме тағйирот дар студияи "Музик Сантр" онро ба навори аудиоӣ гирифтааст. Бори дигар якҷо бо овозхони маъруфи афғон шодравон хонум Жило дар студияи "Афғон Музик" дар шакли дуэт онро ба ёдгор гузоштааст. Боз навори маҳфилии ин тарона низ маҳфуз аст, ки онро Аҳмад Зоҳир дар Пешовари Покистон хондааст.

Хулоса, аз 395 таронаи ба забони дарӣ сурудаи Аҳмад Зоҳир, ки оқои Сипос дар "Китоби ишқ" овардааст, се суруд дар чор вариант, 13 суруд дар се варианти мухталиф ва 59 суруд дар ду варианти гуногун омадааст. Яъне 75 суруд аз ин рӯйхат дуборӣ, себорӣ ва чорборӣ такрор шудааст. Азбаски ин сурудҳо дар студияҳои гуногун дар вақтҳои мухталиф сабт шудаанд, такрор мекунам, муаллиф ҳар яки онро як суруди алоҳида ҳисобида ба феҳристи худ дохил кардааст. Ҳамин тариқ 75 суруде, ки чор, се, дувари-

антӣ доранд, дар ҷамъбаст, 163 сурудро ташкил медиҳанд. Агар мо аз рақами 395 адади 163-ро тарҳ кунем, 232 боқӣ мемонад. Яъне, назар ба пешниҳоди оқои Сипос 232 таронаи Аҳмад Зоҳир якварианти, ё худ якборӣ сабт шудаанд. 232 суруди яквариантӣ ҷамъи 75 суруди бисёрварианта ин мешавад 307 суруд. Яъне, агар мо вариантҳои 75 таронаи мазкурро суруди алоҳида ҳисоб накунем, пас тибқи феҳристи оғои Сипос, Аҳмад Зоҳир 307 суруди дарӣ хондааст. Агар вариантҳои як сурудро ҳар кадомашро суруди алоҳида ҳисоб кунем, пас тибқи омори оқои Сипос теъдоди сурудҳои ба забони дарӣ хондаи Аҳмад Зоҳир 395-то мешавад.

## ҲИСОБИ СИПОС ДУРУСТ АСТ?

Мо барои чӣ ин қадар муфассал дар бораи теъдоди таронаҳои дарии Аҳмад Зоҳир, ки оқои Сипос пешниҳод кардааст, сухан гуфтем? Ин корро мо ба он хотир кардем, ки нависандаи ин сатрҳо дар китоби хеш "Аҳмад Зоҳир-султони қалбҳо", ки соли 2005 дар Душанбе дар нашриёти "Диваштич" ба нашр расида буд, омори дигархелтареро пешкаш кардааст ва барои нодурустфаҳмӣ нашавад, мехоҳем дар ин бора андаке бештар шарҳу эзоҳ бидиҳем. Дар китоби мо теъдоди тамоми сурудҳои Аҳмад Зоҳир: дарӣ, пашту, ҳиндӣ, англисӣ ва русӣ 351 нишон дода шудааст, ки аз ин миқдор 328 адад таронаи он дарӣ мебошад. Вале усули баҳисобгирии мо дар он китоб дигархелтар буд. Мо ҳар як таронаро новобаста ба он, ки он кай, дар куҷо, чанд бор сабт шуда буд, ҳамчун як тарона як бор ҳисоб кардем. Вариантҳои ҳамон як таронаро ҳамчун як суруди алоҳида ба ҳисоб нагирифтем. Вариантнокии таронаҳо-

ро танҳо ҳини таҳлилу баррасии мавзӯъҳои мухталифи эҷодиёт ва зиндагиномаи Аҳмад Зоҳир ба инобат мегирифтем.

Аз сӯйи дигар оқои Сипос дар китоби хеш танҳо таронаҳоеро ворид кардааст, ки сабтҳои пурраи хешро доштаанд ва сифати сабтҳо низ хуб будааст. Аз овардани сурудҳои нопурра ва ё сурудҳое, ки наворашонро надоштааст, сурудҳои наворҳояшон пастсифат худдорӣ кардааст. Мо бошем дар феҳристи хеш ҳам таронаҳои нопурраро ворид кардем, ҳам он таронаҳоеро, ки сифати сабташон хуб набуд ва ҳам ҳатто он сурудҳоеро, ки бо вуҷуди надоштани навор аз мавҷудияти онҳо иттилои дақиқе дар даст доштем.

Акнун саволе ба миён меояд, ки кадом тарзи баҳисобгирии таронаҳои Аҳмад Зоҳир дуруст аст? Тарзу усули оқои Сипос ва ё тарзу усуле, ки мо пеш гирифта будем? Ба ин савол ошкоро, бидуни истиҳола ҷавоб медиҳам, ки тарзу шеваи баҳисобгирии оқои Сипос дурусттар аст. Барои чӣ? Барои он ки сабти дубораи ҳар як суруди кӯҳна, махсусан баъди муддати зиёде бо истифода аз созҳои дигар ва ё бо тағйирот ё иловаҳое ҳам дар матну ҳам дар оҳанг, баъзан бо даровардани ислоҳ дар ноқисиҳои матну оҳанг, албатта кори заҳматталаб аст. Яъне баробари эҷоди як суруди нав дар он меҳнат сарф мешавад. Аз сӯйи дигар бидуни шак онро овозхон бо табъу рӯҳияи тоза месарояд. Зеро он дар замони дигар суруда шуда ифодакунандаи ҳолати рӯҳии ҳамонлаҳзаина ва ҳамондавраинаи овозхон аст. Ҳар як суруди кӯҳнаи Аҳмад Зоҳир, ки бори дигар аз сӯйи ӯ хондаву сабт шудааст, ин ба ҳеҷ ваҷҳ такрори ҳамон суруди қаблӣ нест. Он ҳатман дар худ як сӯзи нав, андешаи нав

ва дарди нав дорад. Агар суруди кӯҳнаашро дар ҳамон оҳанги кӯҳна хонда бошад ҳам, вале онро бо тобишу таровати нав хондааст.

## ҲАР ЯК СУРУДИ АҲМАД ЗОҲИР ЯК КИТОБ АСТ

Аслан ҳар як суруди Аҳмад Зоҳир мисли як китоб аст. Чуноне, ки як китобро такроран мехонӣ сухани тоза аз он кашф мекунӣ, таронаҳои Аҳмад Зоҳир чунин як хусусиятро доро ҳастанд. Ҳар боре ки онҳоро мукарраран мешунавӣ чизи наверо барои худ пайдо мекунӣ. Бале, вақте, ки ӯ сурудҳои қаблиашро баъди солҳои тӯлонӣ аз сари нав бо созу асбобҳои дигар мехонад, адиберо мемонад, ки барои хонандааш, на нашри навбатии ҳамон як китоби қаблӣ, балки китоби наверо эҳдо мекунад.

Агар ҳамаи ана ҳамин нуктаҳоро ба назар бигирем, ба андешаи мо, баҳисобгирии теъдоди таронаҳои Аҳмад Зоҳир тибқи шеваи оқои Сипос дурусттар мебошад. Аммо мо дар тафовут аз оғои Сипос ҷонибдори он ҳастем, ки кӯчактарин эҷоди Аҳмад Зоҳир, бигузор суруди нотамом бошад, ё ҳатто навораш набошад, вале дар хусуси вуҷуд доштани он иттилои муассиқ бошад, ё бигузор дар наворҳои пастсифат ҳам бошад, он суруд ҳатман ба ҳисоб гирифта шавад. Зеро доштани иттилои тоза имкон медиҳад, ки ҷодаи пажӯҳишҳо бозтар шавад, шояд дар оянда муҳаққиқоне пайдо шаванд, ки бо истифода аз ин кӯчатарин маълумотҳои пешниҳод кардаи мо боз пештар биравад ва асрори ҳунари ин бузургтарин хунёгари форсзабони қарнро ба алоқамандонаш кушода бидиҳанд.

Аз ин рӯ мо дар бойгонии хеш тибқи усули оқои Си-

пос аз нав ҳисобу китоб гузаронидем ва як омори хеле ҷолиберо барои худ кашф намудем, ки инак пешкаши шумо, хонандаи азиз, мекунем.

Аввалан теъдоди таронаҳо ба сабаби ҳамчун суруди алоҳида ба ҳисоб гирифтани вариантҳои ҳамон як суруд, хеле афзуд. Масалан, оқои Сипос дар феҳристи худ сабти чор суруди "Лайлӣ Лайлӣ Лайлиҷон дилима кардӣ вайрон" пешниҳод кардааст. Мо дидем, ки дар бойгонии мо шаш сабти мухталифи ҳамин суруд мавҷуд аст. Яъне ба иловаи он чи оқои Сипос пешниҳод кардааст, боз ду суруди дар маҳфилҳои дигар сабтшударо низ мо маҳфуз дорем. Ҳамин тариқ, барои мисол, мо шаш сабти мухталифи таронаи "Ҳама ёронам ба парешонӣ"-ро дорем, вале мӯҳтарам оқои Сипос чор суруди гуногуни "Ҳама ёронам ба парешонӣ"-ро ном гирифтааст. Ё худ мо ҳашт сабти мухталифи суруди "Ман надонистам аз аввал, ки ту бе меҳру вафоӣ"-ро дар бойгонии хеш ҳифз кардаем, оқои Сипос се сабти гуногуни ин сурудро нишон додааст. Хулоса, баъди ҳисобу китоб бо усули нав мо дар бойгонии хеш гуфта метавонем, ки беш аз 600 таронаи дарии Аҳмад Зоҳирро ба ҳисоб гирифтем. Вале ҳисобу китоб, кофтуковҳо ҳанӯз ҳам идома доранд. Бештар аз дусад фитаи сурудҳои Аҳмад Зоҳир, ки тӯли солиёни дароз аз кишварҳои гуногун бо роҳҳои мухталиф гирдоварӣ шудаанд, интизори онанд, ки бори дигар бо таваҷҷӯҳи бештаре онҳо мукаррараран шунида шаванд. Агарчӣ ин фитаҳо аксаран такрори ҳамдигаранд, вале миёни онҳо таронаҳое низ буда метавонанд, ки тибқи усули нави ба ҳисобгирӣ муҳиманд.

# АЙ КИ АЗ КИЛКИ ҲУНАР НАҚШИ ДИЛАНГЕЗИ ХУДОЙ

"Овози хуб, матни хуб ва оҳанги хуб инҳо се омиле ҳастанд, ки дар якҷоягӣ ва ҳамбастагӣ суруди аълоро ба вуҷуд меоранд ва он тарона ҳатман мақбули дилҳо мешавад", - мегуфт ҳамеша Аҳмад Зоҳир, - ба хотир меоранд дӯстону алоқамандонаш. Дар ҳақиқат, Худованд ба Аҳмад Зоҳир дар баробари додани овози хуб, қобилияти дарк кардану эҷод намудани оҳанги аъло, боз фаҳмишу идроки интихоби матни хубро ҳам барои сурудҳояш ато карда буд. Ӯ маъмулан матнҳои суруду таронаҳояшро худаш интихоб мекард. Дар ин кор дониши хубаш ба ӯ мусоидат менамуд. Ӯ донандаи хуби адабиёт, махсусан назми классикӣ ва назми муосири форсу тоҷик буд.

Муҳаққиқи афғоншиноси тоҷик Зафар Мирзоев, ки аз соли 1970 то соли 1975 дар Афғонистон ифои вазифа намуда, борҳо аз сӯҳбати Аҳмад Зоҳир файз бурдааст, дар як мақолаи худ дар рӯзномаи "Чархи гардун" (15.06.2001) дар ҷавоб ба саволи сирри дар байни мардум маҳбубият пайдо кардани Аҳмад Зоҳир дар чӣ будааст, чунин ҷавоб гуфтааст: "Ба назари мо пеш аз ҳама ӯ бо тозаофаринӣ маҳбубият пайдо кард. Ва рӯи ҳамин ангеза буд, ки бо як ҳавсала ва таваҷҷӯҳи хос ба шеъри шоирони классик ва муосири форсӣ оҳангу таснифҳои ҷолибу бикр бастубандӣ мекард. Қобили тазаккур аст, ки аввалан худаш шеърро, вазни арӯзро хеле хуб мефаҳмид. Далели ин матлаб он аст, ки ҳангоми хондани таронаҳо, на танҳо ҳиҷо, балки нимҳ-

иҷову нимсадоро тақтеъ карда, аз як рукн ба рукни дигар мегузаронд. Сонияи, оҳанги таснифу таронаҳояш, ҳаракаташ рӯи саҳна, бо мазмуни шеър ҳамеша ва ҳатман мутобиқат дошт. Масалан, агар як шеъри тасаввуфиро оҳанг мебаст, дар он оромӣ, пайвастагии инсон ба Худо (тавре, ки орифон мехонанд) эҳсос мешуд. Мисли таронае, ки бар ғазали Шамси Табрезӣ сурудааст:

**Ай қавми ба ҳаҷ рафта куҷоед, куҷоед?**
**Маъшуқ ҳамин ҷост, биёед, биёед".**

Оҳангсоз устод Салими Сармаст ба ин паҳлӯи эҷодиёти Аҳмад Зоҳир ишора карда ба хабарнигорон гуфтааст: "Дар интихоби шеърҳо мӯъҷиза мекард, доимо дар китобхонаи адабиёти хеш ба мутолиа банд буд". Ин нуктаро бисёриҳо таъкид кардаанд. Бисёриҳо дар бораи он гуфтаанд, ки ӯ китобхонае дошт иборат аз ҳашт ҳазор ҷилд китоб. Дӯстону наздиконаш агар ӯро дар утоқи тамринаш намеёфтанд, пас ҳатман дар канори "аниси кунҷи танҳоӣ" пайдояш мекарданд. "Яке аз шарикдарсони дорулфунунии Аҳмад Зоҳир Анвар Осил ҳикоя мекунад, ки овозхони номӣ баъзан сари суруде моҳҳо кор мекард. Вай он ғазалро то ҷузъитарин ташбеҳу кинояаш меомӯхт, ба умқи маънии он фурӯ мерафт, муддатҳо аз ҳавои он нафас мегирифт, аз оби он нӯш мекард, дар кӯчаву пайраҳааш қадам мезад ва танҳо баъди ин савту лаҳни варо меҷуст. Навое меёфт, ки аз мағзи ғазал берун ояд ва ғазал низ дар мағзи оҳанг ғарқу маҳлул шавад". (китоби "Боз омадам" с.115).

Аҳмад Зоҳир дар ин бобат боз як хусусияти аз овозхонҳои дигар фарқкунанда ҳам дошт. Пеш аз ҳама ба маънӣ

ва мазмуну матни интихобкардааш мекӯшид, ки аввал худ пурра сарфаҳм равад. Агар ин чиз ба ӯ ба осонӣ даст надиҳад, ҳатман ба кӯмаки мутахассисон мурочиат мекард. Чун дарк мекард, ки худ пурра ва дуруст матни сурудро дарк кардааст, ба маънии он сарфаҳм рафтааст, мекӯшид то мазмуни онро ҳатман мутрибону навозандагони оркестраш аз бар намоянд. Ӯ маъмулан матни интихоб кардаашро дар назди мутрибонаш чунон таҳлил мекард, ки бисёр вақт навозандагон пеш аз он ки оҳангро навозанд, аллакай матни таронаро пурра аз ёд медонистанд. Ин ҳолат ба онҳо дар вақти навохтани оҳанг хеле кӯмак мекард. Он гаҳ мусиқии онҳо ба матн гӯё болу пар мебахшид.

"Ба ҳавову ҳавас не, аз дилу чон мехонд шеърро. Ҳар шеъре ки мехонд, дигар шеъри шоир набуд. Шеъри Аҳмад Зоҳир буд. Дарди шоир бо дарди ӯ меомехту ба дарди бузурге табдил шуда, дар сурудҳояш ифода меёфт" - мегӯяд дар бораи ӯ дӯсташ овозхони точик Чӯрабек Назриев.

Ба ҳама маълум аст, ки ғазалҳои шоирони классики форсу точик маъмулан аз 6 - 7 то 12 -14 ва ҳатто зиёдтар байтҳо иборатанд. Аҳмад Зоҳир агар матни ягон ғазалеро барои оҳанг бастан интихоб мекард, ҳатман ҳамаи он ғазалро ба пуррагӣ аз ёд мекард. Вале маълум аст, ки дар таронааш ба сабабҳои муайян ӯ на ҳамаи матнро месуруд. Байтҳоеро, ки ӯ дар таронаҳои худ чой додааст, метавон гуфт, ки одатан шоҳбайтҳои ҳамон ғазаланд. Ҳамин байтҳо маъмулан ифодагари ҳолати рӯҳии худи Аҳмад Зоҳир дар ҳамон давраи эчоди тарона низ ҳастанд. Аҳмад Зоҳир баъзе аз таронаҳои бар матни шоирони классик эчод кардаашро, фикр мекунам, бо мақсадҳои муайяне дар чанд вариант сароидааст. Масалан, дар бойгонии мо ҳашт ва-

рианти як суруди машҳури Аҳмад Зоҳир "Ман надонистам аз аввал, ки ту бемеҳру вафоӣ" мавҷуд аст. (Акнун тибқи ҳисоби нав ҳашт суруди алоҳида) Дар вақти сароидани ин ғазали хеле зебои Саъдии Шерозӣ интихоби байтҳо дар ҳар варианти суруд гуногун аст. Барои мисол дар як варианти суруд (албоми рақами 1, ширкати "Афғонмузик") барои дар оғози тарона "рез" гуфтан Аҳмад Зоҳир ин байти ҳамон ғазалро интихоб кардааст:

**Гуфта будам чу биёӣ ғами дил бо ту бигӯям,**
**Чӣ бигӯям, ғамам аз дил биравад чун ту биёӣ.**

Баъдан дар давоми ҳамин варианти тарона Аҳмад Зоҳир пас аз сурудани матлаъи ғазал, ки ба сифати нақорот интихобаш кардааст, боз ин ду байти зеринро ба ин тартиб ба оҳанг даровардааст:

**Дӯстон айб кунандам, ки чаро дил ба ту додам,**
**Бояд аввал ба ту гуфтан, ки чунин хуб чароӣ?**
**Куштани шамъ ба чӣ ҳоҷат бувад аз бими рақибон,**
**Партави рӯи ту гӯям, ки ту дар хонаи моӣ.**

Дар варианти дигари ҳамин суруд (албоми 4, ширкати "Афғонмузик") овозхони машҳур ба сифати "рез" байти дигари ин ғазалро интихоб кардааст:

**Ҳалқа бар дар натавонам задан аз бими рақибон,**
**Ин тавонам, ки биёям ба маҳалат ба гадоӣ.**

Сипас баъди сурудани матлаъи ғазал Аҳмад Зоҳир дар ин варианти сурудаш ду байти зеринро ба ин тартиб овардааст:

**Гар биёӣ диҳамат ҷон, вар наоӣ кушадам ғам,**
**Ман, ки боист бимирам, чӣ биёӣ, чӣ наёӣ.**
**Дӯстон айб кунандам, ки чаро дил ба ту додам,**
**Бояд аввал ба ту гуфтан ки чунин хуб чароӣ?**

Дар варианти сеюми ҳамин тарона (сабти ширкати "Ориён-музик") Аҳмад Зоҳир бе ягон "рез" се банди мухаммаси шоири тавоно Муҳаммадҳусейни Шаҳриёрро ба ҳамин ғазали Саъдии Шерозӣ дар ҳамовозӣ бо оркестри радио ва телевизиони Афғонистон мехонад. Банди аввали ин варианти тарона чунин матн дорад:

**Ай, ки аз килки ҳунар, нақши дилангези Худоӣ,**
**Ҳайф бошад, маҳи ман к -ин ҳама аз меҳр ҷудоӣ.**
**Гуфта будӣ ҷигарам хун накунӣ, боз куҷоӣ?**
**"Ман надонистам аз аввал, ки ту бемеҳру вафоӣ,**
**Аҳд нобастан аз он беҳ, ки бибандиву наоӣ".**

Ҳамин тариқ Аҳмад Зоҳир аз 13 байти ғазали Саъдии ширинсухан ҳафт байт ва аз 11 банди мухаммаси Шаҳриёр се бандашро дар таронаҳояш хондааст. Бо вуҷуди ин мо дар яке аз ҳамин ҳашт таронааш байтеро мешунавем, ки он на дар миёни 13 байти ин ғазали машҳури Саъдии бузургвор ҳасту на дар байни 55 мисраи мухаммаси Шаҳриёр. Ва чӣ байте:

**Гар биёӣ, диҳамат ҷон, в-ар наёӣ, кушадам ғам,**
**Ман, ки боист бимирам, чи биёӣ, чи наёӣ.**

Суруди машҳури Аҳмад Зоҳир "Аз пеши ман бирав, ки дилозорам" дар асоси матни ду шеъри Фурӯғи Фаррухзод "Ҳарҷоӣ" ва "Дар баробари Худо" эҷод шудааст. Аҳмад Зоҳир ба сифати нақороти сурудаш чор мисраи аввали шеъри "Ҳарҷоӣ" -ро гирифтааст:

**Аз пеши ман бирав, ки дилозорам,**
**Нопойдору сусту гунаҳкорам.**
**Дар кунҷи сина як дили девона,**
**Дар кунҷи дил ҳазор ҳавас дорам.**

Ба ин чор мисраи аввал дар нақорот боз ду мисраи зерини шоири номаълумеро илова мекунад:

**Ман нокомам нокоми ишқат,**
**Ман бадномам бадноми ишқат.**

Сипас банди дуввуми таронаро Аҳмад Зоҳир аз шеъри дигари Фурӯғи Фаррухзод "Дар баробари Худо" меорад:

**Дил нест ин диле, ки ба ман додӣ,**
**Дар хун тапида, оҳ, раҳояш кун.**
**Ё холӣ аз ҳавову ҳавас дораш,**
**Ё пойбанди меҳру вафояш кун.**

Ҳамин тариқ бо истифода аз ду шеъри як шоир, ки ҳар кадом дар алоҳидагӣ мазмуни худро доштааст, Аҳмад Зоҳир таронаеро эҷод кардааст, он мазмуни наверо соҳиб мешавад. Дар шеъри "Ҳарҷой" мухотаби Фурӯғ ошиқи ӯ мебошад. вале дар шеъри "Дар баробари Худо" ӯ бо Худованди мутаъол муноҷот кардааст. Мазмуни таронаи Аҳмад Зоҳир бошад ишқу муҳаббати софи инсонист.

Бояд гуфт, ки Аҳмад Зоҳир бо истифода аз матни шеъри зикршудаи "Дар боробари Худо" як таронаи дигари ҷолиби худ "Аз тангнои маҳбаси торикӣ"-ро низ сурудааст. Дар ин таронааш Аҳмад Зоҳир ҳамчун Фурӯғи Фаррухзод ба Худованд муроҷиат мекунад:

**Аз тангнои маҳбаси торикӣ,**
**Аз мунҷалоби тираи ин дунё.**
**Бонги пур аз ниёзи маро бишнав,**
**Оҳ, эй Худои қодири беҳамто.**
**Оҳ, эй Худо, чӣ гуна туро гӯям?**
**К - аз ҷисми хеш хаставу безорам.**
**Ҳар шаб бар остони ҷалоли ту,**
**Гӯӣ умеди ҷисми дигар дорам.**

Нотакрории Аҳмад Зоҳир маҳз дар ҳамин аст, ки ӯ ҳамеша дар ҷустуҷӯст, ҳамеша дар паи эҷодкорона истифода бурдани матнҳову оҳангҳо мебошад.

Ба чӣ хотир мо ин қадар муфассал дар бораи тарзи интихоби шеър дар фаъолияти овозхонии Аҳмад Зоҳир истода гузаштем? Ин танҳо ба он хотир аст, ки мутаассифона, чунин муносибати заҳматталабонаро мо дар фаъолияти аксари овозхонҳои ҷавону боистеъдоди имрӯза на-

мебинем. Мо бо овардани ин мисол мехоҳем онҳо бубинанд, ки овозхони дӯстдоштаашон ба масъалаи интихоби матни суруд чӣ гуна ҷиддӣ муносибат мекардааст, чӣ гуна ин корро саҳл намедонистааст. Бо таассуф мегӯем, ки имрӯз фонограмма агар аз як сӯ сарояндагонро танбалу камҳавсала карда бошад, аз тарафи дигар ҳаводорони суруду таронаҳоро аз як чизи хеле муҳим, аз дарки ҳолати рӯҳии овозхонашон, дар ҳамон лаҳзаи сурудхонӣ маҳрум кардааст. Имрӯзҳо дар аксарияти консертҳо овозхонҳо сурудҳоеро барои ҳаводоронашон мехонанд, ки онҳоро ками кам 3 ё 4 моҳ қабл сабт кардаанд. Баъзан мешавад, ки дар консертҳо таронаҳои ҳатто 1 ё 2 сол қабл сабтшуда ҳам аз тарафи ин ё он овозхон суруда мешавад. Дар замони Аҳмад Зоҳир фонограмма набуд, аниқтараш худи фонограмма вуҷуд дошт, вале онро ба ин шакле, ки имрӯз истифода мекунанд, истифода намебурданд. Зеро овозхонҳо дар он замонҳо бо мухлисонашон тавассути сурудҳояшон дар гуфтугӯ ё мусоҳиба буданд. Мухлис метавонист дар худи ҳамон консерт дархост намояд, ки овозхон фалон суруди дӯстдоштаи ӯро, ки фаразан 5 - 6 сол пеш эҷод карда буд, бисарояд. Аҳмад Зоҳир ҳам барои он ки сафи мухлисонаш зиёд шавад, барои он ки дар консертҳояш ҳаводорон чизи зиёдтар аз фонограммаҳои мавҷудааш, яъне сабтҳои магнитофониаш бигиранд, ба чунин навовариҳо ва эҷодкориҳо мунтазам даст мезад. Яке аз сабабҳои маҳбубияти беандоза бузург касб кардани Аҳмад Зоҳир ҳам маҳз дар ҳамин аст.

## ДАСТ АЗ ТАЛАБ НАДОРАМ ТО КОМИ МАН БАРОЯД

Оҳангҳову таронаҳои Аҳмад Зоҳирро аз рӯи сабку шеваи иҷроишашон ба чанд гурӯҳ метавон тақсимбандӣ кард. Якум, гурӯҳи оҳангҳое, ки онҳоро Аҳмад Зоҳир ё оҳангсозони афғонӣ дар пайравии сабку услуби оҳангҳои анъанавии афғонӣ эҷод кардаанд. Дуввум гурӯҳи оҳангҳое ҳастанд, ки онҳоро Аҳмад Зоҳир ё аз хазинаи бои санъати мусиқии Ғарб гирифтааст, ё дар пайравӣ ба сабки ҳамин мусиқии ғарбӣ онҳоро худ хондааст ва ё ягон оҳангсози нававари афғонӣ аз қабили Салими Сармаст, Фазлаҳмади Найнавоз, Шоҳвалӣ Валии Таронасоз ё каси дигар барояш эҷод кардааст. Ба гурӯҳи сеюми оҳангҳои Аҳмад Зоҳир оҳангҳое дохил мешаванд, ки онҳо ё аз хазинаи бою рангини мусиқии ҳиндӣ гирифта шудаанд ва ё дар ҳамин сабку шева Аҳмад Зоҳир онҳоро худ эҷод кардааст ва ё бо хоҳиши ӯ ягон оҳангсози дигари афғонӣ. Гурӯҳи дигари сурудҳои Аҳмад Зоҳирро метавон таронаҳое номид, ки бар асоси оҳангҳои халқӣ эҷод шудаанд ва ё худ таронаҳои халқӣ буда, онҳоро Аҳмад Зоҳир бо каме такмил сурудааст. Матни ин гуна сурудҳояш маъмулан аз эҷодиёти даҳонии халқ гирифта шудааст ё дар ҳамон услуб таснифсозе барояш эҷод кардааст. "Лайлӣ - Лайлӣ - Лайлиҷон, дилима кардӣ вайрон", "Лайлӣ Лайлӣ Лайлӣ дилбару дилдори ман астӣ", "Каҷаки абрӯят неши каждум аст", "Ханда бар лабҳои туро, нозу адоҳои туро", "Дӯстат дорам ҳамеша, ҳамеша" ва ба монанди онҳо аз қабили суруду таро-

наҳои гурӯҳи чорум ба ҳисоб мераванд.

Суруду таронаҳои "Аз дастат фиғон - фиғон дорам", "Чӣ шабҳо ба ёдат ба кунҷи ҷудоӣ", "Дур аз ту ҳар шаб то саҳар гирёну чу шамъи маҳфилам", "Зиндагӣ охир сарояд бандагӣ даркор нест", "Даст аз талаб надорам то ҷони ман барояд", "Ай подшоҳи хубон, дод аз ғами танҳоӣ", "Ҳошо, ки ман ба мавсими гул тарки май кунам" ва боз чандин сурудҳои дигар бар пояи оҳангҳои ҳиндӣ эҷод шудаанд. Асоси ин сурудҳоро яке аз оҳангҳои маъруфи ҳиндӣ ташкил медиҳад. Масалан, оҳанги суруди "Аз дастат фиғон фиғон дорам" -ро оҳангсози машҳури ҳиндӣ Шанкар Ҷайкишан барои филми хеле машҳури ҳиндӣ "Овора" эҷод кардааст. Дар ин филм ин сурудро овозхони маъруфи ҳиндӣ Латамангешкар мехонд. Суруди дигари дар боло зикршудаи "Дур аз ту ҳар шаб то саҳар гирён чу шамъи маҳфилам" -ро ҳам Аҳмад Зоҳир бар асоси оҳанги ҳиндӣ аз кинофилми "Маро ширинкор меноманд" эҷод кардааст. Ин сурудро дар ҳамон филм Мукеш мехонд. Зимнан бояд бигӯям, ки ҳамин сурудро Аҳмад Зоҳир бо забони ҳиндӣ низ хондааст ва чанд навори он маҳфуз аст. Матни таронаҳои бо сабки ҳиндӣ сурудаашро Аҳмад Зоҳир маъмулан аз адабиёти классикӣ аз байни ғазалҳои Ҳофизу Саъдӣ ва шуарои муосири форсигӯ интихоб кардааст. Ашъори классиконро Аҳмад Зоҳир дар қолаби оҳангҳои ҳиндӣ хеле моҳирона ҷой додааст.

Намунаи онҳо "Ай подшоҳи хубон, дод аз ғами танҳоӣ", "Ҳошо, ки ман ба мавсими гул тарки май кунам", "Даст аз талаб надорам то коми ман барояд" -барин ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ва "Бигзор то бигирям чун абр дар баҳорон" -и Саъдии Шерозӣ мебошад.

# "ЁДИ РӮЗГОРИ ШИРИН, ХОТИРОТИ ИШҚИ ДЕРИН"

Дар хазинаи бои мусиқии ҷаҳонӣ сурудҳое мавҷуданд, ки ба сабаби хеле фораму гӯшнавоз будани оҳангашон, овозхонҳои миллатҳои зиёде дар ҳавои онҳо бо забони модарии худ матне навишта, ё аз ашъори шуарои худ матне пайдо карда, сурудаанд. Одатан ин гуна сурудҳоеро, ки дар байни мухлисони ҳунари мусиқии бисёр халқҳои олам маҳбубият пайдо кардаанд ва солҳост, ки дар истеъмоланд, сурудҳои ҷовид меноманд. Ва аз баски ин сурудҳоро маъмулан овозхонҳои машҳур мехонанд он одатан писанди мардумонашон мегардад. Баъзеи ин сурудҳо ба дили шунавандаҳо чунон ҳам сахт роҳ пайдо мекунанд, ки дигар моли кӣ ё кадом халқ будани он фаромӯш мешавад. Онро ҳамчун суруд ё моли шахсии овозхони худӣ мешуморанд. Дар репертуари Аҳмад Зоҳир ҳамин гуна сурудҳои ҷовид, ки аксаран аз осори оҳангсозони мамолики ғарбӣ гирифта шудаанд, ҳастанд. Дар ин бораи хонандаи гиромӣ метавонад аз китоби Султони Ҳамад "Аҳмад Зоҳир ва мусиқи Ғарб" (Душанбе, "Бухоро", соли 2012) маълумоти муфассале пайдо кунад.

Зафар Мирзоев, олими шарқшиноси тоҷик, алоқаманд ва донандаи хуби осори Аҳмад Зоҳир дар мавзӯи муносибати ин хунёгари бузурги Шарқ бо эҷодиёти бузургони олами мусиқӣ як пажӯҳиши зоҳиран кӯчак,вале мазмунан бузурге кардааст. Ӯ дар як кассетаи магнитафонии якунимсоата 9 таронаи овозхонҳои машҳуртарини ҷаҳониро

гирд овардааст, ки Аҳмад Зоҳир низ он хонданиҳоро ба форсӣ мутобиқ сохта, яъне шеъри баёнгари он мазмунро пайдо карда, хондааст. Дар робита бо натиҷаи ин тадқиқоти худ Зафар Мирзоев дар як мақолааш дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" (№24, 12 июни соли 2003) чунин менависад: "Он чӣ мехоҳам таъйид кунам ин аст, ки гӯши касе ба қабули мусиқии ноб қодир бошад, бартарии овози мамдуҳи моро (Аҳмад Зоҳирро С.Ҳ) дармеёбад. Дар кассет мо хонданиҳои фаронсавиҳо, Ҳенрико Массес ( ва вариантҳои форсии Аҳмад Зоҳир "О диторам, диторам", "Ай гулъизори ман, боғу баҳори ман", Шарл Азнаур (варианти Аҳмад Зоҳир "Дигар ашкам марез", воқеан бо ин оҳанги фаронсавӣ бисёр овозхонҳои рус суруди "Дорогой длинною"-ро хондаанд, тенори бузурги итолиёвӣ Марио Ланц (варианти Аҳмад Зоҳир "Дилбаро гар ту ёри ман бошӣ"), ногуфта намонад, ки ин оҳанги ба классика шомилшударо, қариб ҳамаи овозхонҳои машҳури дунё, аз ҷумла тенорҳои барҷаста Пласидо Доминго, Лучано Паваротти ва овозхони машҳуру нотакрори эстрадаи Испанияё Хулио Иглесиес хондаанд. Дар он кассета инчунин аз оркестри Пол Мариа (варианти Аҳмад Зоҳир "Танҳо шудам,танҳо шудам", ин таронаро шодравон Кароматуллоҳи Қурбон низ дар пайравӣ ба Аҳмад Зоҳир хондааст, сурудаҳои оҳангсозону овозхонҳои машҳури Ҳиндустон Мукеш ("Чал акела, чал акела") бо вариантҳои ҳам ҳиндӣ ва ҳам форсии Аҳмад Зоҳир "Чашм ба роҳат, дил ба ёдат гиря кардам", "Ман нагӯям, ки маро аз қафас озод кунед", Муҳаммад Рафӣ "Мей шаир то наҳин" аз кинофилми "Бобби"). Инчунин дар кассетаи мазкур валси машҳури Русии "Мавҷҳои Амур"-оҳанги дӯстдоштаи Раҷ Капур, ки худ дар аксарияти ки-

нофилмҳояш, аз ҷумла "Ҷаноби 420", "Бобби", "Сангам", "Исми ман ширинкор", ("Мавсими боронҳо" С.Ҳ) истифода кардааст, бо варианти бастубандӣ шудаи Аҳмад Зоҳир омадааст. Ин оҳанги марғуб бо ғазали машҳури Ҳофиз метавон гуфт, гул кардааст:

**Дӯш аз масҷид сӯи майхона омад пири мо,**
**Чист ёрони тариқат баъд аз ин тадбири мо?**

Дар мавриди бастабандии моҳиронаи таснифи мазкур мехостам чунин илова кунам, ки пажӯҳишгарони ашъори Ҳофиз тасбит кардаанд, мундариҷаи ин ғазал ба қиссаи маъруфи Шайх Санъони Фаридаддини Аттор иртибот дорад. (Шайхи бузурге, ки ба хотири духтари румӣ тарки намоз карда, ба дини насронӣ гаравид, ба хоҳишҳои муридонаш эътибор намедиҳад, пас аз мудохила аз олами улво, дубора ба Ислом бармегардад). Ҳангоми бодиққат гӯш кардани ин тарона, шахси аз адабиёти классикӣ огоҳ ба нобиғаи Аҳмад Зоҳир қоил мешавад. Зеро ки суфиён ҳангоми рақси самоъ, мисли валс чарх мезананд (ҳатто фарзияе мавҷуд ҳаст, ки урупоиҳо валсро аз тариқати тасаввуф гирифтаанд) ва дар ин ҷо низ валси "Мавҷҳои Амур" дар ғазал Хоҷаи Шероз дар ҳақиқат масту махмуртар гаштааст:

**Мо муридон рӯ ба сӯи қибла чун орем, чун!**
**Рӯй сӯи хонаи хаммор дорад, пири мо".**

Яке аз хизматҳои бузурги Аҳмад Зоҳир барои санъати овозхонии мардуми форснажод дар он аст, ки ана ҳамин гуна таронаҳои машҳури мардуми Ғарбу Шаркро

бори аввал дар бозгардон ба забони модарии худ ба ганҷинаи ҳунари мусиқии онҳо ворид кардааст.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда матни ин гуна сурудҳоро маъмулан бо хоҳиши Аҳмад Зоҳир шоирони ҳамзамони на он қадар маъруф, аз ҷумлаи дӯстонаш эҷод мекардаанд. Дар бораи он, ки Аҳмад Зоҳир матнҳои баъзе аз таронаҳояшро худаш низ эҷод мекардааст, сару садоҳои зиёде ҳаст. Дӯсти Аҳмад Зоҳир, олиму овозхони маъруф Ҷӯрабек Назриев аз эҳтимол дур намедонад, ки матни баъзе аз сурудҳояшро Аҳмад Зоҳир худаш гуфтааст. Устод Ҷӯрабек Назриев сурудҳои "Бигардам даври хокат модари ман" ва "Ай Худо, модари ман боз ба ман деҳ"-ро мисол меорад. Тасдиқи ин фикрро мо дар як мақолаи мусиқашиноси афғон Мир Ҳикматулло "Аҳмад Зоҳир - булбули афғон", ки тобистони соли 1999 дар нашрияи Лигаи Байналмиллалии Донишҷӯёни Афғон "Масоили мусиқии афғон" ба чоп расидааст, мебинем. Рафиқи даврони мактабхонии Аҳмад Зоҳир, шоир ва оҳангсоз, Сафиуллоҳи Субот низ мегӯяд, ки матни баъзе сурудҳояшро Аҳмад Зоҳир худ гуфтааст ва суруди "Ашкҳои ман ҳамчун қатраҳои борон аст" - ро номбар мекунад. Ба гуфтаи мутахассисони шеър ҳарчанд матнҳои ин таронаҳо аз ҷиҳати бадеият ва шеърият аз навоқис холӣ нестанд, вале онҳо соддаву самимианд ва аз ҳама муҳимаш бо оҳанги эҷодшуда хеле ҳам мувофиқ омадаанд. Садои ҷозибадору нотакрори Аҳмад Зоҳир бошад ин навъ ноқисиҳоро дар чашми мухлисони созу овозаш ноайён сохтааст.

Барои мисол таронаи "Ашкҳои ман ҳамчун қатраҳои борон аст"-ро мебинем, ки оҳанги хеле дилангезе дорад. Ба сифати нақорот Аҳмад Зоҳир ин мисраъҳоро интихоб кардааст:

**Ашкҳои ман ҳамчун қатраҳои борон аст,**
**Қатраҳои борон аст пеши ёрам.**

Чи навъе, ки мебинем ин байт ба бисёр талаботҳои шеърӣ ҷавобгӯ нест. Қабл аз ҳама вазну қофияро дар назар дорам. Дар бандҳои дигари ҳамин тарона низ ҳамин чизро мушоҳида мекунем:

**Шикоятҳо дорам пеши кӣ гӯям?**
**Афсӯс надорам маҳрами розам.**
**Дастам ба домонат рӯзи қиёмат,**
**Ин бувад саволам бидеҳ ҷавобам.**

Вале бузургии Аҳмад Зоҳир ҳамчун овозхон дар ҳамин буд, ки "чӯби хушкеро тавонистааст ба мо ҳамчун дастагуле" боқӣ гузорад. Маҳорати бемислу садои дилошӯбаш дар ин роҳ ба ӯ дасти кӯмак дароз кардаанд. Аз сӯи дигар шояд хӯрдагирии мо бемавқеъ бошад. Охир мақсади асосии овозхон на шеър, балки тарона гуфтанаст. Ва он матнеро, ки ӯ тавонистааст ба садову оҳанги худ мақбули алоқамандонаш бикунад, аллакай он суруд аст, санъатаст. Ва суруди "Ашкҳои ман ҳамчун қатраҳои борон аст" аз қабили таронаҳои писандидаи алоқамандонаш буд ва ҳоло ҳам ҳаст. Дар бойгонии мо чанд варианти ин суруд мавҷуд аст. Маълум аст, ки Аҳмад Зоҳир борҳо болои ин оҳанг кор кардааст. Воқеан, ин яке аз ҳамон сурудҳои Аҳмад Зоҳир аст, ки ба қавли худи овозхон, мусиқии Шарқу Ғарб дар он ба ҳам омезиш ёфтаанд, оштӣ кардаанд. Нолаву садои найю чангу табла бо саксафону гитор ҳар кадом чун шо-

хобҳои алоҳидае, ки дар якҷоягӣ рӯди хурӯшонро ташкил медиҳанд, оҳанги дилнишини валсиеро тавлид намудаанд, ки ҳам ба шунавандаи ғарбӣ ва ҳам шарқӣ баробар мақбул аст. Суруду таронаҳои "Шабҳои зулмонӣ", "Ба дили ман шарар афрӯз, сияҳчашмонам", "Гар кунӣ як назора мезебад", "Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид", "Оҳ, чӣ хуш омадӣ, сафо кардӣ", "Шодӣ кунед, ай дӯстон, ман шодаму осудаам", "Ай դуздида чашм аз оҳу", "Дузди ишқам ману дишаб раҳи дилҳо задаам" ва ба инҳо монанд дар сабки мусиқии аврупоӣ гуфта шудаанд. Аҳмад Зоҳир ба дӯстони наздикаш ҳамеша мегуфтааст, ки ӯ ҳаводори ҳунарманди боистеъдоди амрикоӣ, ки дар ҳамон вақт дар олами мусиқии Ғарб инқилоберо оварда буд, Элвис Пресли мебошад. Ба шоҳидии Сафиуллоҳи Субот тарзи либоспӯшӣ, гуфтор ва ҳаракатҳои Аҳмад Зоҳир дар саҳна ҳангоми ҳунарнамоӣ баъзан тарзи рафтори Элвис Преслиро ба хотир меовард. Ӯ зоҳиран низ ба Элвис Пресли монанд буд. Элвис Пресли аз ҷумлаи он овозхонҳое буд, ки дар солҳои 60 - 70 - уми асри гузашта дар муаррифии мусиқии "ҷаз" хеле хизматҳои бузурге кардааст. Ӯро "Шоҳи рокнролл" мегуфтанд.

Аз овозхонҳои русӣ хонум Эдита Пиеха соли 1979 дар як сафари худ ба Афғонистон дар маҳфили пазироие таронахонии Аҳмад Зоҳирро мебинаду шефтаи садову таронаҳои ӯ мегардад. Дар ҳамон ҷо аз Аҳмад Зоҳир хоҳиш мекунад, ки яке аз кассетаҳои худро ба ӯ диҳад. Эдита Пиеха ба Аҳмад Зоҳир ваъда медиҳад, ки дар ҷараёни сафари навбатиаш ба Афғонистон ҳатман таронаҳои Аҳмад Зоҳирро дар ҳузури ӯ хоҳад хонд.

Вале мутаассифона, марги нобаҳангоми Аҳмад Зоҳир,

ки каме бештар аз як моҳ пас аз ин мулоқот ба вуқӯъ мепайвандад, тифли орзуи наҷиби овозхони машҳури Русия Эдита Пиехаро низ аз байн мебарад.

Тибқи гуфтаи баъзе аз дӯстонаш, аз ҷумла, Самади Дор-Дор Аҳмад Зоҳирро бархе аз овозхонҳои машҳури ҷаҳони Ғарб хуб мешинохтаанд. Чунончи Ҳенрико Массес, овозхони акнун ба мо шиноси фаронсавӣ замоне, ки дар Фаронса хонандаи сол эълон мешавад, дар нишасти матбуотие ҳини посух гуфтан ба саволи хабарнигоре дар бораи он ки оё у медонад, ки баъзе таронаҳояшро Аҳмад Зоҳир ба форсӣ мехонад, гуфтааст: "Аҳмад Зоҳир беҳтар аз ман мехонад".

# III. "ТОҶИКИСТОН - КИШВАРЕ, КИ ДӮСТАШ ДОРАМ"

## "ЭЙ СОРБОН, ОҲИСТА РОН, К- ОРОМИ ҶОНАМ МЕРАВАД"

Аз рӯи шоҳидии афроде, ки Аҳмад Зоҳирро аз наздик мешинохтанд, ӯ Тоҷикистонро хеле зиёд дӯст медошт. Бисёр мехост, ки боре ҳам бошад аз ин кишвари барояш афсонавӣ дидан кунад. Олим ва овозхони маъруф Ҷӯрабек Назриев ба мо нақл кард, ки ҳангоми шиносоӣ чун Аҳмад Зоҳир фаҳмид, ки аз Тоҷикистон ҳастам, бо як ҳаяҷони фавқулодда хитоб намуд: "Оҳ, аз Тоҷикистонӣ, аз кишваре, ки хеле зиёд дӯсташ дорам!".

Бале, ӯ Тоҷикистонро хеле зиёд дӯст медошт. Дар Тоҷикистон низ ӯро самимона дӯст медоштанд ва ҳоло ҳам дӯст медоранд. Ин меҳру муҳаббати тарафайн чӣ гуна ба вуқӯъ пайваст?

Барои ба ин суол посух гуфтан Шуморо, хонандагони азиз, муддате ба сайри таърихи муносибатҳои фарҳангии байни Тоҷикистону Афғонистон, ба хусус ҳунармандони ҳунари мусиқӣ мебарам.

Моҳи августи соли 1958 аввалин маротиба дар таърихи равобити фарҳангии миёни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон гурӯҳи ҳунарие аз Тоҷикистон ба Афғонистон сафар намуд. Ин гурӯҳи ҳунарӣ иборат аз ансамбли тарона ва рақси Помир таҳти роҳбарии Артисти халқии СССР

Ғуломалӣ Ғуломҳайдаров буд, ки ба он устодони ҳунари мусиқии Тоҷикистон Акашариф Ҷӯраев ва Абдуллоҳ Назриев ҳамроҳ карда шуданд. Дар ин сафари нахустини худ ҳунармандони тоҷик бо як калом дили аҳли ҳунари Афғонистонро тасхир намуданд. Ӯрун Кӯҳзод дар китоби "Акашариф -Борбади асри XX" менависад, ки "ҳангоме, ки Акашариф суруди "Кӯҳи баҳмани Кобул"-ро сароид, аҳли толор аз ваҷд ба по хеста дуру дароз каф кӯфт. Ва муаллифи шеър Зиё Қоризода ба саҳна баромад ва Акашарифро сахт ба оғӯш кашид:

-Ба ин шеър оҳанг набастаӣ, балки ҷон ато кардаӣ, ҷон, - гуфтааст Зиё Қоризода.

Ба маврид аст, ки дар ҳамин ҷо зикр кунем, ки ин суруди сардафтари ҳунари мусиқии муосири тоҷик Акашариф Ҷӯраевро баъд аз ин нахустнамоиши он дар Кобул даҳҳо овозхонҳои тоҷику афғон дар репертуари худ ҷой доданд. Ҳар боре, ки ҳайатҳои ҳунарии ин ва ё он ҷониб ба кишварҳои ҳамдигар сафар менамуданд. Суруди "Субҳи Кобул"-ро (ин суруд бо ҳамин ном бештар маъруфаст) ҳатман дар консертҳои худ иҷро мекарданд. Ҳатто муаллифи матни шоири боистеъдод Зиё Қоризода, ки ҳунари овозхонӣ низ дошт ва бо тахаллуси "Кабӯтар" дар байни овозхонҳои афғон машҳур аст, ин сурудро бо як маҳорати хоссае иҷро мекард.

Баъдҳо ҳини ҷашнҳо дар Афғонистон вақте, ки Кобул ба харобозор табдил шуд, овозхонҳои афғон дарбадар шуданд, аксари онҳо дар хориҷ аз кишвар ин таронаро бо ҳасрат мехонданд ва аз Кобули як вақтҳо ободу хуррам ёд мекарданд. Ҳоло ҳам агарчи ин сурудро бисёре аз овозхонҳои афғонӣ мехонанд, вале ба гумон аст, ки касе аз онҳо моли

устод Акашариф Ҷӯраев будани оҳанги онро бидонад…

Баъди як муддати муайяне гузаштан аз ин сафари ҳунармандони тоҷик сафари ҷавобии ҳамкасбони онҳо ба Тоҷикистон баргузор мешавад. Дар ҳайати ин гурӯҳи эҷодии ҳунармандони афғонӣ овозхони маъруфи афғонӣ Абдуҷалил Залонд, Ҳафизуллоҳи Хайёл, Юсуф Қосимӣ (фарзанди овозхони машҳур Қосим Афғон), Ношинос, Ҳусейн Ормон, Насим Ормон, Хонум Рухшона, Хонум Жило, Шермуҳаммади Ғазнавӣ, оҳангсози забардаст Салими Сармаст, рубобнавози бемисл Муҳаммад Умар ва дигарон буданд. Ҳунармандону ҳаводорони созу суруд дар Тоҷикистон бори аввал дар таърихи муосири худ бо санъаткорони афғонӣ аз наздик шиносоӣ пайдо карданд, ҳунарнамоии онҳоро бевосита дар саҳнаи театру қасрҳои фарҳангии худ диданд. Ин сафар боиси он гардид, ки дар санъати овозхонии миллии тоҷикон таҳаввулоти фараҳбахше ба вуқӯъ бипайвандад. Аз ин ба баъд дар репертуари ҳофизони тоҷик сурудҳое пайдо шуданд, ки онҳоро мухлисони созу наво дар ҳама ҷо хуб мепазируфтанд ва ба тадриҷ ин таронаҳо ба сурудҳои маҳбуби мардум табдил ёфтанд. Сурудҳои "Чашми сиёҳ дорӣ қурбонат шавам", "Имшаб қамар ин ҷост", "Бе ту марг аст, ай парирӯ бар сари мо зиндагӣ", "Оҳиста буру, моҳи ман оҳиста буру", "Эй сорбон оҳиста рон к- ороми ҷонам меравад" ва ғайра аз ҷумлаи он таронаҳоеанд, на як наслу ду насли овозхонҳои тоҷик онҳоро сурудааст.

# АЗ ҒАМАТ, АЙ НОЗАНИН, АЗМИ САФАР МЕКУНАМ

Қобили зикр аст бигӯем, ки овозхони маъруф Ҳафизуллоҳи Хайёл бо хоҳиши масъулони фарҳангии Тоҷикистон ба хотири таҷрибаивазкунӣ бо ҳунармандони тоҷикӣ дар анҷоми ин сафар чанд моҳи дигар дар кишвари мо монд ва бо ҳампешагони худ ҳамкорӣ кард. Ҳунарманди МардумииТоҷикистон Нуқра Раҳматова дар сӯҳбат ба мо он рӯзҳоро ба ёд оварда чунин гуфт:

-Он замон маро навакак ба филармонияи давлатӣ ба кор қабул карда буданд. Оқои Ҳафизуллоҳи Хайёл вақте сурудхонии маро шунид ба ман пешниҳод кард, ки як таронаи қадимии пашту "Чавел чи моз дигарде"-ро , ки ба гуфти ӯ хеле машҳур, вале мутаассифона, дар Афғонистон низ он рӯзҳо аз ёдҳо фаромӯш шуда будааст, бо кӯмаки ӯ таҳия намуда, сипас дар консертҳо бихонам. Ман бо хурсанди ин пешниҳодро пазируфтам. Бояд бигӯям, ки ба кӯмаки Ҳафизуллоҳи Хайёл ману Ҳоҷатбегим Пиронова сарояндаи хушовози филармонияи давлатии Тоҷикистон инчунин боз як таронаи машҳури афғонӣ "Имшаб қамар ин ҷост"-ро таҳия намуда аввалин бор дар саҳнаи тоҷик мо онро хондем. Дар радиои Тоҷикистон он суруди мо сабт шуда буд. Вале мутаассифона, чун баъзе сабтҳои дигари таронаҳои ману бархе овозхонҳои дигар он тарона низ гумном шудааст".

Ҷои зикр аст бигӯям, ки ин таронаро нависандаи ин сатрҳо дар иҷрои Нуқра Раҳматова ва Ҳоҷатбегим Пиро-

нова он солҳо борҳо шунида буд. Баъдан онро борҳо аз забони овозхонҳои афғонӣ чи марду чи зан шунидааст. Таронаи мазкур он замон хеле машҳур буд. Сабабаш он буд, ки муаллифи матни он тарона шоири эронӣ Шаҳриёр онро дар васфи Қамар ном як зани овозхони дигари дар ҳамон замон машҳури эронӣ навишта буд. Шоири машҳур Эраҷ Мирзо ошиқи он зан будааст. Дар ҳамон шеър Шаҳриёр ба ин нуқта низ ишора кардааст. Солҳои охир ин таронаро овозхонҳои ҷавони тоҷик боз аз сари нав ба рӯи саҳна овsecurityданд, ки бешубҳа кори хайр аст. Махсусан овозхонҳои умедбахш Содиқ Холов онро хеле самимона месарояд. Вале бархи дигар, мутаассифона, ба нозукиҳои оҳангу маънии матн чандон аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд…

Бармегардем ба қиссаи рушди робитаҳои фарҳангии байни Тоҷикистону Афғонистон. Нуқра Раҳматова ҳикоя мекунад, ки соли 1962 як ҳайати устодони ҳунари мусиқии тоҷик иборат аз Аҳмад Бобоқулов, Рафаэл Толмасов, Муслима Боқиева, Маҳмудҷон Воҳидов, Зӯҳро Каримова ва Ҳаким Маҳмудов ба Афғонистон сафар мекунанд. Ва аз ҷавонҳо ӯро ба ин ҳайат шомил мекунанд. Вақте, ки ӯ дар Кобул аввалин бор ҳамон суруди паштуро мехонад, аҳли толор ба по хеста то дер кафкӯбӣ менамоянд.

Ба ҳаводорони мусиқӣ ҳаминро мегӯем, ки Нуқра Раҳматова ягона овозхони тоҷик аст, ки ба забони пашту забони дигари давлатии Афғонистон суруд хондааст ва ин суруд хушбахтона ҳанӯз ҳам дар фонди тиллоии радиои Тоҷикистон маҳфуз аст. Нуқра Раҳматоваро то ба ҳол дар Афғонистон ёд мекунанд, махсусан насли овозхонҳои солҳои 60-70-уми асри гузашта. Ҳангоми ба ҳайси хабарни-

гори бахши тоҷикии радиои "Озодӣ" дар Кобул кор карданам аз радиои Кобул чандинбор таронаҳои якҷо бо шоири тавоно Зиё Қоризода сурудаи Нуқра Раҳматоваро шунидам. Дар сӯҳбат Нуқра Раҳматова гуфт, ки ин сурудҳоро замоне сабт намудаанд, ки Зиё Қоризода аз Кобул омада тариқи Душанбе озими Маскав будааст. То парвози ҳавопаймо ҳамагӣ чаҳор соат вақт будааст. Бо амри вазири ҳамонвақтаи фарҳанги Тоҷикистон Меҳрубон Назаров дар муддати кӯтоҳ мутрибон омода шуданд. Сабти чаҳор тарона, ки ба тарзи дуэт хонда шуданд, дар яке аз студияҳои телевизион, ба вуқӯъ пайваст. Дар ин сӯҳбат Нуқра Раҳматова изҳори нохушнудӣ кард, ки аз чор тарона феълан дутоааш "Рафтем аз ин боғ" ва "Биё то гул биафшонем" дар фоиди радиои Тоҷикистон боқӣ мондаасту халос. Вақте ба ӯ гуфтам, ки ҳар чори ин таронаро аз Афғонистон овардам, хурсанд шуд ва хоҳиш кард, ки онҳоро ба саррежиссёри радиои Тоҷикистон Шаҳобиддин Ҳақназаров диҳам. Ман хоҳиши Нуқра Раҳматоваро худи ҳамон рӯз иҷро кардам ва сурудҳои "Ало нор дона надорад" ва "Ман туро қасам метум" дар иҷрои Нуқра Раҳматова ва Зиё Қоризода захираи мусиқии радиои Тоҷикистонро он рӯз пурратар сохтанд.

Ҳамин тариқ, тибқи маълумоте, ки мо дар даст дорем, соли 1966 як гурӯҳи дигар ҳунармандони тоҷик бо роҳбарии марди фозил Холмурод Шарифов иборат аз устодони санъат Ғаффор Валаматзода, Ҷӯрабек Муродов, Шоиста Муллоҷонова, Зебо Аминзода, Азиза Азимова, Ойдиной Усмонова, Мӯътабар Иброҳимова, Маҳмудҷон Воҳидов, Зӯҳро Каримова, Боймуҳаммад Ниёзов ба Кобул сафар карданд. Соли 1968 бошад, театри Академикӣ-дра-

мавии ба номи Абулқосими Лоҳутӣ бо намоишномаи "Рустам ва Сӯҳроб" қалби ҳунардӯстони ин кишвари ҳамсояро тасхир намуданд. Дар ҳайати ин гурӯҳ овозхонҳои шинохта Нуқра Раҳимова, Барот Яхшиев ва Карим Раҳимов низ ҳузур доштнд. Ин сафар аз гастролҳои қаблӣ бо он фарқ мекард, ки ҳунармандони тоҷик аз роҳи заминӣ ба Афғонистон рафтанд. Баъдан ба ғайр аз пойтахт боз дар Ҷалолободу Ҳироту Қандаҳор ва Қундуз ҳунарнамоӣ карданд. Таронаҳои машҳури афғонӣ "Аз ғамат ай нозанин азми сафар мекунам" ва "Зи ҳиҷронат азизи ман ҳамеша чашми тар дорам"-ро ана ҳамон вақт бори аввал овозхонҳои маҳбуб Нуқра Раҳматова ва Карим Раҳим барои ҳаводорони тоҷикии худ ба савға овардаанд. Дар бораи таронаи "Аз ғамат ай нозанин азми сафар мекунам" ҳамин метавон гуфт, ки он оҳанги Ҳафизуллоҳи Хайёл аст ва онро дар ҳамон шабу рӯз Аҳмад Зоҳир низ дар консертҳояш мехонд.

Дар рушди робитаҳои фарҳангии байни Тоҷикистону Афғонистон на танҳо сафарҳои ҳунарии гурӯҳҳои эҷодӣ нақши мусбат доштанд,балки сафарҳои хидматии мутахассисини ин соҳа низ таъсири муҳим мегузоштанд.

Абдулваҳҳоби Мададӣ дар китоби худ "Саргузашти мусиқии муосири Афғонистон", ки қаблан аз он ёдовар шуда будем, менависад, ки дар рушду нумӯи санъати мусиқии профессионалии Афғонистон саҳми мутахассисони шӯравӣ, аз ҷумла,Тоҷикистони шӯравӣ хеле калон аст.Чунончи ба гуфтаи ӯ оҳангсози маъруфи тоҷик Усмон Мадёров солҳои 1961-1964 дар бунёди оркестри миллии шумораи 2-и радиои давлатии Афғонистон хизмати босазое кардааст. Устод Салими Сармаст, ки яке аз эҷодкорони

суруди миллии Афғонистон дар даврони Муҳаммад Зоҳиршоҳ буд, нозукиҳои санъати мусиқии профессионалиро маҳз аз ҳамин оҳангсози тоҷик омӯхтааст. Воқеъан, аввалин маротиба суруди миллии Афғонистонро таҳти дирижёрии устод Салими Сармаст дар иҷрои оркестри симфонии Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ дар Тоҷикистон сабт намудаанд. Марҳум Абдураҳими Сорбон хонандаи пуровозаи афғон, ки то ба имрӯз таронаҳояшро ҳам насли кӯҳансолу ва ҳам насли ҷавони овозхонҳои тоҷик мешунаванду мехонанд, борҳо дар мусоҳибаҳо ба хабарнигорон гуфтааст, ки ба олами мусиқӣ ӯ бо ҳидоят ва кӯмаки Меҳрубон Назаров, мутахассиси шӯравӣ аз Тоҷикистон, ки солҳои 60-уми асри гузашта дар Афғонистон дар соҳаи фарҳанг кор мекардааст, қадам гузоштааст. Ба гуфтаи хонум Нуқра Раҳимова Абдураҳими Сорбон бо мусоидати Меҳрубон Назаров чанд муддат дар Тоҷикистон, дар шаҳри Душанбе дар табобат низ будааст. Хотиррасон мекунем Меҳрубон Назаров, собиқ вазири фарҳанги Тоҷикистон, падари устоди эстрадаи тоҷик, Далер Назаров мебошад.

## ТУ ГУЛИ НОЗИ ҲАМА

Агар бигӯем, ки зуҳури Аҳмад Зоҳир ба ҳайси овозхони маъруф дар саҳнаи профессионалӣ дар Афғонистон оғози давраи наве барои санъати овозхонӣ дар Тоҷикистон низ буд, муболиға намешавад. Ҳарчанд Аҳмад Зоҳир боре ҳам ба Тоҷикистон натавонист ташриф биёрад, аммо садои ӯ аз тариқи радиои Афғонистон, тавассути кассетаҳои магнитофонӣ ба сураъати хеле баланд дар байни мардуми Тоҷикистон паҳн мешуд. Номи Аҳмад Зоҳир ва

сурудҳои ӯ аз охирҳои солҳои 60 - ум ва оғози солҳои 70 - уми асри гузаштаи мелодӣ дар байни мардуми аҳли фазлу ҳунар маҳбубияти хосае касб кард. Айнан дар ҳамин давра дар саҳнаи санъати овозхонии Тоҷикистон он зумра ҳофизони навҷӯе арзи вуҷуд карданд, ки ҳар кадом соҳиби мухлису ҳаводори худ буд. Ба ин гурӯҳи ҳофизони навҷӯ Зафар Нозимов, Ҷӯрабек Муродов, Одина Ҳошим, Ҷӯрабек Набиев ва сарояндаи сурудҳои эстрадӣ, марҳум Орифшо Орифов барин ҳунармандони боистеъдод дохил мешуданд. Ин ҳар кадом услуби худ, тарзи овозхонии хоси худро дошт. Имрӯз ба саволи он ки Аҳмад Зоҳир ҳамчун овозхон ба ин насли ҳофизони маҳбуби мо таъсире доштааст ё на, ҷавоб гуфтан хеле мушкил аст. Зеро дар репертуари онҳо сурудеро аз оҳангу таронаҳои Аҳмад Зоҳир пайдо кардан бисёр душвор аст. Вале дар хусуси он, ки ин ҳофизон Аҳмад Зоҳирро ҳамчун овозхони боистеъдод мешинохтанд, таронаҳояшро гӯш мекарданд ва ба ӯ ҳурмату эҳтиром қоил буданд, имрӯзҳо ҳам қиссаҳои ҷолиберо мешунавем.

Дар як сӯҳбати ихтисосӣ Артисти Халқии СССР устод Ҷӯрабек Муродов дар бораи мулоқоташ бо Аҳмад Зоҳир ба нависандаи ин сатрҳо чунин қисса кард: "Соли 1979 буд. Дар Афғонистон ҷанг мерафт. Мо амалан ба кишваре рафтем, ки дар он ҷо ҷанг буд. Ба ман навакак унвони Ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шӯравиро дода буданд. Аҳмад Зоҳир ҳамон вақт дар мусиқӣ инқилоб карда буд. Мусиқии Шарқу Ғарбро бо ҳам пайваста буд. Ман бисёр мехостам, ки бо ӯ шинос шавам. Ман бо бисёр ҳунармандони машҳур ва маъруфи олам Алла Пугачёва, Иосиф Кобзон, Лев Лещенко, София Ротару, Зай-

наб Хонларова, Раҷ Капур, Ҳафизуллоҳ Хайёл, Абдуҷалил Залонд, Қосимӣ ва боз дигарон аз наздик шинос ҳастам. Бисёр мехостам бо Аҳмад Зоҳире, ки дар мусиқии муосир инқилоб карда буд, бо ӯ низ шинос шавам. Суруди "Зим-зим"-ашро низ дар консертҳоям мехондам. Хулоса, дар рӯзи аввале, ки ба Афғонистон рафтам, аз намояндаи вазорати фарҳангашон хоҳиш кардам, ки маро бо Аҳмад Зоҳир шинос кунад.

Гуфтам, ки ман ҳам овозхон ҳастам ва мехоҳам, ки бо Аҳмад Зоҳир вохӯрам. Ҳа, хуб гуфтанду аммо коре накарданд. Борҳо боз ёдовар шудам, вале ҳеҷ не ки Аҳмад Зоҳирро бо ман шинос кунанд. Ҳатто норозигии худро ба онҳо аз ин корашон изҳор кардам. Гуфтам ё шумо ба Аҳмад Зоҳир чизе нагуфтед, ё ӯ назараш моро нагирифт. Хулоса, рӯзи охирони дар Афғонистон буданамон дар саҳнаи "Кобул Нандори" консерт доштем.

Барандаи консерт ровӣ Бурҳон Раҳмонов буданд. Нигинабону Рауфова суруд хонданд. Мавлуда Ҷабборова рақс карданд. Навбати ман шуд. Суруди "Дили модар"-ро, ки матнаш аз устод Мирзо Турсунзода буд, хондам. Дар ҳамин вақт як ҷавони миёнақад дастагуле дар даст болои саҳна баромад ва маро ба оғӯш гирифта гулҳоро ба ман супурд ва гуфт:

"Ман ҳам дар бораи модар суруд хондаам, вале ин суруди шумо ҷигари маро реш-реш кард. Дар ин вақт толор ба по хест. Айнан чуноне, ки дар стадиони Деҳлии Ҳиндустон 50 ҳазор тамошобин ба ҳурмати Раҷ Капуре, ки ба саҳна барои маро табрик кардан баромада буд, аз ҷойҳои худ хестанд, дар "Кобул Нандори" низ тамошобинон ба ҳурмати Аҳмад Зоҳир аз ҷойҳои худ хестанд. Ба Аҳмад

Зоҳир пешниҳод кардам, ки суруд хонад, вале ӯ рад кард.

Хоҳиш кардам, ки маро дар толор интизор шавад. Зеро мехоҳам бо ӯ сӯҳбат кунам. Розӣ шуд. Баъди анҷоми сурудхонӣ бо Аҳмад Зоҳир як сӯҳбати кӯтоҳе низ доштам. Гуфтам чаро пеши мо барвақттар наомад. Гуфт, ки пайғоми маро касе ба ӯ нарасонидааст.Аз ӯ хоҳиш кардам, ки бо як сафари ҳунарӣ ба Тоҷикистон биёяд. Омода сохтани заминаи сафари ӯро ба ӯҳда гирифтам. Розӣ шуд. Гуфтам, ки сафари ӯро ба Бухорову Самарқанд низ ташкил мекунам.

Тифоқо дар ҳамон наздикии мо як бародаре бо номи Файзалӣ аз Орҷоникидзеободи ҳудамон буд, ки дастгоҳи аксбардорӣ доштааст. Акси ману Аҳмад Зоҳирро ӯ дар ҳамон ҷо гирифт. Боз як акси дигар ҳам гирифт, акси якҷоя, акси дастҷамъӣ. Мутаассифона, ҳамин акси дастҷамъӣ гум шудааст. Ин боиси он шуд, ки баъзе нотавонбинҳо овоза кардаанд, ки акси ману Аҳмад Зоҳир гӯё ҷаълӣ будааст. Гӯё Ҷӯрабек Муродов акси худро бо акси Аҳмад Зоҳир якҷо сунъӣ сохтааст.

Хулоса, мо ҳамагӣ 45 дақиқа барои сӯҳбат доштем. Зеро баъдан қуюди шабгардӣ шурӯъ мешуд. Аҳмад Зоҳир моро ба хона худ даъват кард. Гуфтем, ки фардо вомехӯрем. Фардои он рӯз мо ба Тоҷикистон баргаштем".

Бо эҳтимоли қавӣ гуфтан мумкин аст, ки устод Ҷӯрабек Муродов ягона шаҳрванди Тоҷикистон, минҷумла ҳунарманди тоҷик аст, ки бо ин нобиғаи олами мусиқӣ якҷо акс гирифтаанд. Воқеан, дар ҳамин акс возеҳ маълум аст, ки Аҳмад Зоҳир ҷавони хушқаду қомат мебошад. қадди ӯ аз қадди устод Ҷӯрабек Муродови қоматбаланд чандон фарқе намекунад.

Ҳунарманди Халқии Ҷумҳурӣ устод Зафар Нозимов низ борҳо дар суханрониҳои худ дар мавриди Аҳмад Зоҳир аз ӯ ҳамчун аз истеъдоди худодод, ба некӣ ёдовар шудаанд.

"Мутаассифона, ба ман муяссар нашуд, ки ин овозхони нотакрори Шарқро дар зиндагиаш бубинам ва бо ӯ сӯҳбате дошта бошам", - гуфт дар мулоқот бо муаллифи ин сатрҳо устод Зафар Нозимов. Ман охирин маротиба ба Афғонистон вақте сафар карда будам, ки Аҳмад Зоҳир дигар дар қайди ҳаёт набуд. Рамзи эҳтиром ба истеъдоди ин фарзонамарди ҳунар дар аснои ин сафарам бо ҳамроҳии собиқ вазири маданияти ҷумҳуриамон, марди шариф, Меҳрубон Назаров ва шогирдам, овозхон Аҳмадҷон Муҳаммадиев мақбараи Аҳмад Зоҳирро зиёрат кардем, - идома медиҳад устод Зафар Нозимов. Дар бораи Аҳмад Зоҳир ҳаминро мегӯям, ки ӯ дар ҳунари мусиқии Афғонистон инқилоб кард ва таъсири ин инқилоб ба ҳунари мусиқии Тоҷикистон хеле калон аст, - хулоса намуд устод Зафар Нозимов.

Аз байни ҳофизони насли баъдтари тоҷик, ба хусус овозхонҳои эстрадӣ, марҳум Тоҷиддин Муҳиддинов алоқамандии хеле ҳам қавие дошт бо Аҳмад Зоҳир ва эҷодиёти ӯ. Агар бигӯем, ки Тоҷиддин Муҳиддинов яке аз аввалинҳо буд, ки сурудҳои Аҳмад Зоҳирро мехонд ва номи ӯро бо муҳаббат дар консертҳояш мегирифт ва аз ӯ ба некӣ ёд мекард, хато нахоҳем кард. Дар он вақтҳо на ҳама ҳофизон чунин ҷуръат доштанд, ки дар консертҳо номи Аҳмад Зоҳирро бигиранду аз ӯ ба некӣ ёд кунанд. Тирамоҳи соли 1976 буд. Овозхони машҳури афғонӣ Зоҳир Ҳувайдо, ки дар Тоҷикистон мисли Аҳмад Зоҳир ҳаводорони зиёде дошт, ба Душанбе омад ва ҳамроҳии Тоҷиддин Муҳидди-

нов дар толори филармонияи давлатӣ (феълан дар ин ҷо студияи ТВ "Сафина" ҷойгир шудааст) консерти муштарак доир намуд. Дар ҷараёни ин консерт Тоҷиддини Муҳиддин зимни ёдоварӣ аз Аҳмад Зоҳир чандин таронаҳои ӯро бо маҳорати баланд иҷро кард. Ҳамон вақт Зоҳир Ҳувайдо ваъда дода буд, ки ин ҳама эҳсосоти гарми ҳаводорони Аҳмад Зоҳирро ба ӯ хоҳад расонд ва мусоидат хоҳад кард, ки сафари он овозхони маҳбуб ба Тоҷикистон ҳарчи тезтар сурат бигирад. Шодравон Тоҷиддин Муҳиддинов баъди марги Аҳмад Зоҳир исми духтари нав ба дунё омадаи худро низ ба мисли духтари Аҳмад Зоҳир Шабнам номгузорӣ кард. Шабнам имрӯз дар пайраҳаи падар ва сарояндаи дӯстдоштаи қиблагоҳаш қадам мегузорад.

Таронаҳои Аҳмад Зоҳир "Ту гули нози ҳама", "Лайлӣ, Лайлӣ Лайлиҷон", "Ошиқи рӯят ман, бастаи мӯят ман", ва ғайра дар иҷрои овозхони хеле ҳам маҳбуби мо Тоҷиддин Муҳиддинов бисёр таъсирбахш ва бо маҳорати баланд суруда шудаанд.

## "АЙ ПОДШАҲИ ХУБОН, ДОД АЗ ҒАМИ ТАНҲОӢ"

Олим ва овозхони хеле ҳам боистеъдоди тоҷик Ҷӯрабек Назриев дар тарғибу таблиғи Аҳмад Зоҳир ва таронаҳои ӯ хизмати бузурге кардааст. Ӯ нахустин ва ягона овозхони тоҷик буд, ки Аҳмад Зоҳирро аз наздик мешинохт ва бо мактаби эҷодии ӯ робита дошт. Зеро дар даҳҳо консертҳои расмӣ ва маҳфилии ӯ на танҳо ҳамчун мухлиси овозаш, балки чун хонанда ё худ сароянда ширкат варзидааст. Бо ӯ якҷоя суруд хондааст. Ҷӯрабек Назриев тамрину репититсияҳои Аҳмад Зоҳирро аз наздик борҳо му-

шоҳида кардааст. Ӯ ҳатто имрӯз бо ифтихор метавонад бигӯяд, ки дар интихоби матни баъзе аз таронаҳои Аҳмад Зоҳир бо ӯ ҳамкорӣ кардааст ва ҳатто дар таҳияи баъзе сурудҳои ӯ кӯмаки худро дареғ надоштааст. Чунончи суруди русии "Я встретил девушку" -ро Аҳмад Зоҳир бо кӯмаки Ҷӯрабек Назриев таҳия кардааст.

Аҳмад Зоҳир ба воситаи Ҷӯрабек Назриев бо таронаҳои устодон Акашариф Ҷӯраев, Абдуллоҳ Назрӣ, Иброҳими Кобулӣ, Боймуҳаммад Ниёз, Зафар Нозим, Ҷӯрабек Мурод, Дона Баҳром ва ғайра аз тариқи кассетаҳои онҳо ошноӣ пайдо кард. Завқу рағбати ӯ ба сурудҳои тоҷикӣ боло гирифт. Бисёр вақт барномаҳои консертии радиои Тоҷикистонро гӯш мекард ва аз Ҷӯрабек Назриев баъзе чизҳои нафаҳмидаашро мепурсид.

Масалан ба гуфтаи донишманд ва овозхони тоҷик Ҷӯрабек Назриев боре Аҳмад Зоҳир аз радиои Тоҷикистон таронаеро дар иҷрои хонандаи хеле хуби кишварамон Мағфират Ҳамроқулова шунида онро меписандад ва  дар бораи Мағфират аз Ҷӯрабек пурсон мешавад.

Самади Дор-Дор низ ин суханони Ҷӯрабекро тасдиқ намуд.

Мутаассифона, чи тавре ки дар боло гуфтем, ин муносибатҳои дӯстонаи Аҳмад Зоҳир бо Ҷӯрабек Назриев ба табъи мақомоти амниятии шӯравӣ нафорид ва онҳо Ҷӯрабек Назриевро пеш аз мӯҳлат ба Тоҷикистон бозхонданд. Ҷӯрабек Назриев ҳарчанд медонист, ки маҳз барои дӯстиаш бо Аҳмад Зоҳир сафари хидматии ӯро дар Афғонистон қатъ кардаанд, вале боз ҳам дар Тоҷикистон аз Аҳмад Зоҳир мегуфту аз таронаҳои ӯ. Бештар аз он, боз таронаҳои ӯро месуруд. Ва дар як муддати кӯтоҳ боз бештар

маҳбуби ҳаводорони ҳунари мусиқии ҷумҳурӣ гардид.

Баъзеҳо баронанд, ки сабаби асосии маҳбубият касб кардани Ҷӯрабек Назриев ҳамчун овозхон сурудҳое буданд, ки Ҷӯрабек Назриев онҳоро аз репертуари Аҳмад Зоҳир гирифтааст. Ба фикри банда ин гуна натиҷагирӣ чандон дуруст нест. Ҷӯрабек Назриев аз осори Аҳмад Зоҳир чандон сурудҳои зиёдеро ба репертуари худ ворид накардааст. Адади ин сурудҳо аз 10 - 15 зиёд нест. Инҳо асосан сурудҳое ҳастанд, ки онҳоро Аҳмад Зоҳир умдатан, дар ҳавои асбобҳои мусиқии миллӣ аз қабили рубобу ситор, таблаку най ва ҳармония гуфтааст. Ҷӯрабек Назриев аз Аҳмад Зоҳир дигар чизи муҳимтарро гирифтааст. Тарзу услуби сарояндагӣ, сабки дар мардум маҳбубият пайдо карданро аз ӯ гирифтааст. Чизи муҳими дигар ин буд, ки маслиҳати ӯро гирифтааст. Аҳмад Зоҳир ба овозхонҳое, ки ба ӯ пайравӣ мекарданд, борҳо муроҷиат карда гуфтааст, ки ҳар кадом бояд бо ҳанҷараи худ суруд бихонад то маҳбуби дилҳо шавад.

Ва Ҷӯрабек Назриев чунин ҳам кард. Таронаҳои Аҳмад Зоҳир "Ханда ба лабҳои туро", "Ман надонистам аз аввал, ки ту бемеҳру вафоӣ", "Ай подшаҳи хубон дод аз ғами танҳоӣ", "Шабу чу дар бастаму маст аз маи нобаш кардам", "Дилакам, ай дилакам, ай дилакам", "Аз ғамат ай нозанин, азми сафар мекунам", "Чашми сиёҳ дорӣ, қурбонат шавам ман" - ро дар иҷрои Ҷӯрабек Назриев ҳаводорони санъати овозхонӣ бо як шавқу шӯри хосае пазируфтанд. Ӯ дар Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ шӯхрати баланд касб кард. Баъди устодон Акашариф Ҷӯраев, Зафар Нозимов, Ҷӯрабек Муродов Ҷӯрабек Назриев овозхоне шуд, ки соҳиби мактаби эҷодӣ гардид. Ба он маънӣ, ки гурӯҳи кало-

ни ҷавонони боистеъдод, аз қабили Қурбоналӣ Раҳмонов, Дона Баҳромов, Ҷамшед Исмоилов ва ғайра бар сабку услуби наве, ки бо зуҳури Ҷӯрабек Назриев ба ҳунари овозхонӣ ворид шуд, ба қуллаҳои баланди эҷодӣ расиданд.

Кор то ба ҷое расидааст, ки имрӯз дар Афғонистон баъзе овозхонҳои шинохтаи афғонӣ ба репертуари худ таронаҳои эҷодкардаи шогирдони Ҷӯрабек Назириевро ворид мекунанд. Масалан моҳи маи соли 2005 дар Кобул "Шӯхак" ном албоми овозхони шинохтаи афғон Сиддиқи Шабоб серфурӯштарин албом ба ҳисоб мерафт. Ана дар ҳамин албом Сиддиқи Шабоб ду суруди овозхони маъруф Ҷамшед Исмоилов "Шаб, ки хондам номаҳоят" ва "Ай ҳамватанон"-ро ворид кардааст. Таронаи "Шаб, ки хондам номаҳоят", ки матнаш аз устоди шодравон Лоиқ Шералӣ мебошад, дар иҷрои Сиддиқи Шабоб чанд маротиба ҳамон шабу рӯзҳо беҳтарин таронаи ҳафта дар Афғонистон аз сӯи як радиои хусусӣ эълон шуд.

## ТАНҲО ШУДАМ, ТАНҲО ШУДАМ

Овозхони дигари боистеъдоди тоҷик, ки таронаҳои Аҳмад Зоҳир барои рушду нумӯ карданаш ва оқибат соҳиби мактаби эҷодӣ гардиданаш таъсири мусбат гузоштаанд, шодравон Кароматуллоҳи Қурбон мебошад. Яке аз аввалин сурудҳои Кароматуллоҳи Қурбон, ки ӯро ҳамчун овозхони умедбахш ба мухлисони созу наво муаррифӣ кард, таронаи "Ай гулъузори ман", буд. Ин таронаро Кароматуллоҳи раҳматӣ аввали солҳои 80 - ум вақте, ки нахустин бор сароид, дар байни ҳаводорони санъати мусиқии тоҷик як шӯру валвалае барпо шуд. Кам мухлиси ҳақиқии таронаҳои Аҳмад Зоҳир пайдо мешуд, ки тафовутро дар

иҷроиши ин суруд дар байни ин ду овозхони шодравон дарк карда тавонад. Кароматуллоҳ қабл аз ҳама кӯшидааст, ки оҳангро бо ҳамон созҳои мусиқӣ навозад, ки мутрибони Аҳмад Зоҳир навохтаанд, ки ин худ дар он замон як навигарӣ буд. Ва дуввум таронаро дар ҳамон услуби Аҳмад Зоҳир худи ӯ иҷро кардааст. Таронаҳои Аҳмад Зоҳир овозхонҳои сершумори тоҷик хондаанд. Вале ин таронаҳо дар иҷрои Кароматуллоҳи шодравон рангу таровати худро ҳеҷ гоҳ гум накардаанд, баръакс ҳамон меҳру муҳаббати беандоза бузурге, ки Кароматуллоҳ ба Аҳмад Зоҳир ва ҳунари ӯ дошт, ба ӯ кӯмак кардааст, ки сурудҳояш аз дил берун шаванду ба дилҳо роҳ ёбанд. Оё сурудҳои "Ай подшаҳи хубон, дод аз ғами танҳоӣ", "Ба соғар нақл кард аз хум шароб оҳиста - оҳиста", "Танҳо шудам, танҳо шудам"- ро дар иҷрои Кароматуллоҳи Қурбон шунидаед? Пас барои он ки ба ин суханҳо боварӣ ҳосил кунед, онҳоро бори дигар бишунавед.

Умуман, тақдири Кароматуллоҳи Қурбон то андозае ба қисмати овозхони дӯстдоштааш Аҳмад Зоҳир монанд аст. Кароматуллоҳ ба мисли Аҳмад Зоҳир дар ҷавонӣ соҳиби шӯҳрат шуд. Ӯ низ мисли Аҳмад Зоҳир бо оҳангҳои ҳиндиву ғарбӣ дилбастагии қавие дошт. Ӯ низ навовар буд. Ва асафбор он аст, ки Кароматуллоҳи Қурбон ба мисли Аҳмад Зоҳир дар овони каме бештар аз сисолагӣ дар оғози як фоҷиаи миллӣ дар кишвараш ба шаҳодат расид. Шояд дар он ки дар оғози чунин фоҷиаҳои бузурги миллӣ тири нахуст ба синаи бузургоне ҳамчун Аҳмад Зоҳир ва Кароматуллоҳи Қурбон мерасад, ҳикмати илоҳие нуҳуфта бошад. Шояд Худованди мутаъол онҳоро ҳамчун бандагони баргузидааш ба назди худ барои он хонд, то қалбҳои софу

беолоиш ва саршор аз меҳру муҳаббати онҳо ба зиндагӣ, ба Ватан, ба инсонҳо, аз дидани ин бадбахтиҳо, ки ба сари инсонҳову миллати бечораашон меомад, лат нахӯранд, ҷароҳат набардоранд. Чи тавре, ки ин кор бо овозхонҳои маъруфи тоҷик Одина Ҳошими нотакрор, Тоҷиддин Муҳиддини маҳбуби ҳама, Хурмо Ширини зеби саҳна иттифоқ уфтод. Дили кӯчаку доғдори онҳо ба азиятҳое, ки инсон болои инсон мекард, ба он мусибатҳое, ки кишварашон онро таҳаммул менамуд, ба он дарду ранҷҳое, ки мардуми овораи садпора медид, дигар тоб наоварданд ва таркиданд. Хисороти таркиши ин гуна қалбҳо аз таркише ё фурӯпошии биноҳои осмонбӯс ба чандин маротиба бузургтар ва шадидтар аст!

## АГАР ИН ОСМОН СИТОРА НАДОШТ

Аҳмад Зоҳир имрӯз ҳам барои ҳунари овозхонӣ ё худ санъати мусиқии тоҷик ба мисли як чашмаи софу беғаше, ки аз он замини ҳосилхезе шодоб мешавад, хизмат мекунад. Бо гузашти беш аз 33 сол аз марги ӯ, дар саҳнаи ҳунари овозхонии тоҷик имрӯз ҳофизонеро мебинем, ки ба эҷодиёти ин нобиғаи санъат рӯ овардаанд, таронаҳои ӯро бо як муҳаббати беандоза бузург иҷро мекунанд, ба репертуари худ ҷой медиҳанд. Ба ин гурӯҳи овозхонҳои насли наве, ки ба Аҳмад Зоҳир рӯ овардаанд, Қурбоналӣ Абдуллоев, Азизи Ваҳҳоб, Абдули Саодатшоҳ, Субҳон Саид, Мубораксho, Фурқати Саид, Парвизи Пулодӣ, Зулфиқори Азиз, Наҷмиддини Қаландар, Усмоналии Раҳмат, Ҷамшеди Низом, Садриддини Наҷмиддин,Сӯҳроби Маҳмуд, Баҳодури Ғафурзод, Шаҳроми Абӯбакр ва дигарон-

ро ном бурдан мумкин аст. Муҳаббати самимӣ ба истеъдод ва ҳунари Аҳмад Зоҳир дар дили баъзе аз ин овозхонҳо ба мисли Субҳони Саид ва Наҷмиддини Қаландар чунон қавӣ ҷой гирифтааст, ки дар васфи ӯ аввалӣ таронаи эҷодкардаи оҳангсози маъруф ва навҷӯи тоҷик Амирбеки Мӯсо "Садои Аҳмад Зоҳир" бар матни шоири маъруф Низом Қосим, дуввумӣ суруди "Зоҳир, ай Зоҳир" - ро бар матни шоир Олимхон Исматӣ хеле ҳам самимона сурудаанд. Аз байни овозхонҳои номбурда ба репертуари Аҳмад Зоҳир Зулфиқори Азиз ва Наҷмиддини Қаландар аз ҳама бештар таваҷҷӯҳ зоҳир карданд. Овозхонҳои дар боло ёдшудаи тоҷик ҳарчанд ҳар кадом сабку услуби худро доранд, вале боз ҳам дар вақти хондани сурудҳои Аҳмад Зоҳир кӯшиш мекунад, ки тароватҳои таронаҳои дилкаши ӯро ба мухлисони имрӯзааш бо истифода аз ҳунару истеъдоди худ бирасонанд. Овозхонҳои имрӯза нисбат ба ҳофизони даврони Аҳмад Зоҳир як бартарии хеле калон доранд. Ҳоло дар ихтиёри онҳо микрофонҳои хеле ҳассос ва дастгоҳҳои аз ҷиҳати техникӣ пешрафтаи сабткунӣ ва инчунин асбобҳои мусиқии электронии нодир қарор доранд, ки ин чиз дар ҳунари овозхонии имрӯза аз аҳамияти калон бархурдор аст. Бинобар ин бо истифода аз ин имкониятҳо имрӯза овозхонҳое, ки ба таронаҳои Аҳмад Зоҳир рӯ овардаанд, оҳангҳои ӯро хеле нозуку дилчасп ва гуфтан мумкин аст, ки аҳён - аҳён бо ороиши аҷибе менавозанд. Барои мисол аз албомҳои  баъзе аз овозхонҳои тоҷик Субҳон Саидов, Наҷмиддини Қаландар, Ҷамшеди Низом, Парвизи Пулодӣ ва Фурқати Саид мисол меорем. Бояд гуфт, ки ҳар кадоме аз ин сарояндаҳо ба нишони эҳтиром ба ин овозхони бузург дар албомҳои  худ як ё ду таро-

наи Аҳмад Зоҳирро, ки худ онҳоро хондаанд, ҷой додаанд. Субҳон Саид дар албоми "Муҳаббат" таронаи "Моҳам зи роҳ расиду вале нарасида рафт", Наҷмиддини Қаландар дар албоми "Баҳори зиндагӣ" таронаҳои "Агар ин осмон ситора надошт", "Боз омадӣ, ай ҷони ман", Ҷамшед Низомов дар албоми "Нури дида" суруди "Пирӣ расиду фасли ҷавонӣ дигар гузашт", Парвиз Пӯлодӣ дар албоми "Нахустин" "Нигоҳ кун, ки нарезад, диҳӣ чу бода ба дастам", Фурқати Саид дар албоми "Таронаҳои беҳтарин" "Ёди рӯзгори ширин" -ро бо як маҳорати баланд сурудаанд. Ороиши мусиқӣ ё худ оранжировкаи ин таронаҳо хеле ҷолибу дилчасп аст. Овозхонҳо дар ин самт ҳатто ба эҷодкориҳо даст задаанд, ки боиси таҳсин аст. Ин гуна эҷодкориро мо ҳангоми сурудани таронаҳои мазкур дар иҷрои Субҳон Саид, Фурқати Саид, Парвизи Пулодӣ ва Ҷамшеди Низом мебинем.

## ОШИҚ ШУДАӢ, ЭӢ ДИЛ, ҒАМҲОЯТ МУБОРАК БОД

Дар ҳамин ҷо мехоҳам таваҷҷӯҳи мутахассисин, овозхонҳо, оҳангсозону рӯзноманигорон ва мухлисони созу сурудро ба як масъалаи ба ақидаи ман хеле муҳим, ҷалб кунам. Ин ҳам бошад дар вақти муаррифӣ кардани номи тарона ва овозхони он, ҳатман ном бурдани оҳангсоз ва муаллифи матни суруд аст. Мутаассифона, ин қоида дар радиову телевизион, матбуот ва муоширати мо қариб, ки риоя намешавад. Чунин муносибат агар аз як тараф нодида гирифтани заҳмати оҳангсоз ва муаллифи матн бошад, аз сӯи дигар дар оянда метавонад ҳарҷу марҷҳоеро ба бор биёрад. Ба хусус, дар масъалаи муайян кардани ҳуқуқи

муаллиф.

Масалан, имрӯз бархе аз рӯзноманигорону оҳангсозони тоҷик баронанд, ки як чанд таронаи Аҳмад Зоҳир моли оҳангсозони тоҷик мебошанд ва гӯё Аҳмад Зоҳир бо каме тағйирот онҳоро дар репертуари худ ҷой додааст. Ҳаддиақал дар ҳоли ҳозир аз се тарона ном мебаранд. Журналисти мусиқишинос Шаҳобиддини Ҳақназар муддаӣ аст, ки таронаи Аҳмад Зоҳир "Ошиқ шудаӣ, эй дил, ғамҳоят муборак бод" аслан бар пояи оҳанги композитори маъруфи тоҷик Фаттоҳ Одинаев эҷод шудааст. Оҳангсози тоҷик ин таронаро бар матни шоири маъруф, шодравон Лоиқ Шералӣ, ки назира бар ғазали Ҷалолиддини Балхӣ бастааст, таҳия карда, ба сароядаи хушхон Тоҷиддин Муҳиддин медиҳад. Ба ақидаи Шаҳобиддини Ҳақназар суруди "Ошиқ шудаӣ, эй дил, ғамҳоят муборак бод" -ро аввалин маротиба Тоҷиддин Муҳиддин сурудааст. Мо чи гуфта метавонем дар ин робита. Нахуст лозим медонем ба як ғалат рӯшанӣ андозем.

Дар ҳақиқат, дар кишвари мо ва ҳатто дар Афғонистон аксаран бар онанд, ки матни таронаи Аҳмад Зоҳир "Ошиқ шудаӣ, эй дил, ғамҳоят муборак бод!" шеъри орифи тавоно Ҷалолиддини Балхӣ ҳаст. Ҳатто дар ягона китоби таронаҳои Аҳмад Зоҳир, ки борҳо аз он ёдовар шудем, "Танҳо садост, ки мемонад" низ матни ғазали Ҷалолиддини Балхӣ "Ошиқ шудаӣ, эй дил, савдот муборак бод!" ба пуррагӣ оварда шудааст. Дар асл бошад Аҳмад Зоҳир дигар матнро мехонад. Таронае, ки ӯ мехонад, аввал ин ки ғазал нест. Ҳарчанд дар оғоз матлаъеро ҳамчун ғазал иборат аз ду мисраъ мехонад. Вале порчаҳои баъдинаро Аҳмад Зоҳир се мисраъ- се мисраъ хондааст, ки онро аз ҷиҳати

шакли шеърӣ мусаллас метавон гуфт. Ба гуфтаи шоир, дӯсти Аҳмад Зоҳир Сафиуллоҳ Субот матни ин шеър ба қалами шоири ширинсухани афғон Абдулаҳмади Адо маъруф ба Шероғо тааллуқ дорад. Аҳмад Зоҳир аз шоирони замонаш аз ҳама бештар бо ӯ ҳамкории наздик дошт. Бино ба қавли Сафиуллоҳи Субот албоми 13- уми таронаҳои Аҳмад Зоҳирро асосан шеърҳои навиштаи Абдулаҳмади Адо ташкил медиҳанд. Ин шоири ширинкалом соли 2004 дар Исломободи Покистон аз дунё дармегузарад ва мутаасифона, китоби ашъораш дар Афғонистон то ба ҳол ба нашр нарасидааст.

Вале гап ҳоло ин ҷо сари ин масъала нест. Гап сари он аст, ки оҳанги ин тарона моли кӣ ҳаст? Мӯҳтарам оҳангсози машҳури кишвар шодравон Фаттоҳ Одина дар сӯҳбат бо мо гуфт, ки агарчи таронаҳои Аҳмад Зоҳирро бисёр шунидааст ва ба истеъдоди ин овозхон эҳтиром қоил аст, вале ҳангоме, ки ин таронаро эҷод мекард, аз мавҷудияти чунин суруд дар эҷодиёти овозхони машҳур иттилоъ надоштааст. Дар бораи ду таронаи дигар "Ай шӯълаи ҳазин, ай ишқи оташин" ва "Дидам нигори худро мегашт гирди хона" ҳамин гуна даъвоҳое аз ҷониби бархе аз рӯзноманигорони дигар вуҷуд доранд. Онҳо далел овардани мешаванд, ки ин сурудҳоро дар ҳамон як оҳангу як матн мутаносибан, аввал овозхонҳои тоҷик Зафар Нозим ва Дона Баҳром гуфтаанд, сипас онҳоро Аҳмад Зоҳир сурудааст. Дар сӯҳбат бо мо устод Зафар Нозим гуфтанд, ки суруди "Ай шӯълаи ҳазин"-ро ӯ аз дӯсташ, овозхони машҳури афғон Абдуҷалил Залонд ҳангоми яке аз сафарҳои ҳунариашон ба Кобул ба ёдгор гирифтаанд. Овозхони дигари маъруфи мо Дона Баҳромов маҳсули эҷоди ӯ будани та-

ронаи "Дидам нигори худро мегашт гирди хона"-ро, ки бар матни Ҷалолиддини Балхӣ таҳия шудааст, тайид намуд. Ин тарона солҳои 70- уми асри гузашта ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Афғонистон хеле машҳур буд. Махсусан зиндаёд Хурмо Ширинова онро хеле ширин мехонд. Ман боре онро аз тариқи радиои Афғонистон он солҳо дар иҷрои Аҳмад Зоҳир шунидаам, мегӯяд Дона Баҳромов. Аз ҷониби худ арз мекунам, ки ҳамчун мухлис ва рӯзноманигоре, ки ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмад Зоҳирро дер боз меомӯзад то ба имрӯз дар ягон ҷо нахондаам ва ё аз касе нашунидаам, ки овозхони номӣ оҳангҳои маҳз ҳамин се таронаро моли худ хонда бошад. Баръакс, хондаам ва шунидаам, ки таваҷҷӯҳи зиёде ба ҳунари мусиқии ҳамзабонони эрониву тоҷикиаш дошт. Дар репертуари Аҳмад Зоҳир оҳангҳои эҷодкардаи композиторони эрониро мо аҳён - аҳён мебинем. Масалан, оҳангсози сурудҳои машҳури "Гули сангам", "Як дил мега буру, буру" ("Султони қалбҳо") композитори маъруфи эронӣ Анӯшервони Рӯҳонӣ мебошад. Агар Аҳмад Зоҳир оҳангҳои композиторони тоҷикро низ ба репертуари худ ҷой дода бошад, ки ин ҳам аз эҳтимол дур нест, набояд боиси тааҷҷуб ва таҳайюри мо гардад. Баръакс, ин мояи ифтихор аст.

Худи Аҳмад Зоҳир дар ҷавоб ба саволи як хабарнигор эътироф кардааст, ки оҳангҳои баъзе аз таронаҳояш копӣ аст. "Аммо аввалан ман аз он ситоиш намекунам, дуввумин мекӯшам оҳангро дар қоида ва шакли дигаре танзим кунам. Яъне аз он оҳанг илҳом бигирам ва завқи худро ҳам дар он саҳим созам ва саввумин ҳам, ин ки на ҳамеша ба дунболи копӣ меравам ва копиро комилтар аз асл месозам. Аммо бо ҷуръат мегӯям, ки ҳеҷ оҳанги копиро зери



Соҳиба Давлатшоева, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон



Ҳотами Равшан, овозхони тоҷик



Тоҷиддин Муҳиддин,
Ҳунарманди мардумии
Тоҷикистон



Шодравон
Зулфиқори Азиз



Ғаниҷон Мӯъминов
моро ба музеи Аҳмад
Зоҳир даъват мекунад.



Иззат Шарифӣ
овозхони тоҷик



Шаҳроми Абубакр,
овозхони тоҷик



Мухлисони садои Аҳмад Зоҳир



Меҳриниссо ва Шаҳрия, шоираҳои тоҷик



Азим Расо ва Суҳайлои Саидаҳмад



Асадуллоҳи
Шамсзод



Аслиддин Бадал



Баҳодури Ғафурзод




Карими Дарвозӣ




Оқили Фозил




Сайҷон Мӯъминов


Салими Бохтарӣ, Анвари Эҳсон ва Шаҳроми Абӯбакр



Акси дастҷамъи баъди консерт ба ифтихори 65-солагии Аҳмад Зоҳир



Ҷаҳонгир наворҳои нодирро ба намоиш мегузорад



Парвини Маҳмадёр



Дар пасманзари консерти 65-солагии Аҳмад Зоҳир.



Ёдбуди Аҳмад Зоҳир.

Юсуфшоҳи Шуғнонӣ





Як теъдод аз ҳаводорони садои Аҳмад Зоҳир




Симои Аҳмад Зоҳир дар адабиёт



Толори Филармония дар рӯзи консерт ба ифтихори 65-солагии рӯзи таваллуди Аҳмад Зоҳир.



Султон Ҳамад,
муаллиф



Мухлисони содиқи  Аҳмад Зоҳир.



Муслиҳиддини Қиём, дорандаи ҷоизаи озмуни ТВ Баҳористон “Овози тиллоӣ”




Лавҳаи эълони консерт ба ифтихори рӯзи мавлуди Аҳмад Зоҳир.



Акси дастҷамъии бархе аз алоқамандони садои Аҳмад Зоҳир  баъди маҳфили рӯзи 14.06.2012 дар толори ДОСААФ баргузоршуда.



Алии Сабурӣ




Баҳром Саъдуллоев яке аз алоқамандони сарсахти Аҳмад Зоҳир.



Нурмуҳаммади Муҳаммадазим ва Шералии Ашӯр, овозхонҳое, ки бо сабки Аҳмад Зоҳир таронаҳои ӯро мехонанд.



Як теъдод алоқамандони садои Аҳмад Зоҳир

номи худ нахондаам", - гуфтааст Аҳмад Зоҳир.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло дар ин ҷо як пешниҳод мекунам. Барои ба чунин ҳарҷу марҷҳо роҳ надодан дар муайян кардани муаллифони оҳангҳо дар матбуот, радио ва телевизион, дар консертҳо, дар албомҳо, дар баробари ном гирифтан аз овозхон ва таронааш, инчунин ҳамеша аз муаллифони оҳанг матн ва соли сабт ва нахустнамоиши тарона ёдовар бояд шуд. Дар ин сурат боварӣ ҳаст, ки дар оянда чунин иштибоҳот рух нахоҳанд дод. Аз сӯи дигар чунин дақиқназарӣ барои мутахассисини ҳунари мусиқӣ дар корҳои тадқиқотиашон ба манфиат хоҳад буд.

## БИРАВЕД, АЙ ҲАРИФОН, БИКАШЕД ЁРИ МОРО

Эҷодиёти чунин як сароянда ба мисли Аҳмад Зоҳир, ки дар аксари кишварҳои Шарқ маҳбубият дорад ва таъсири бузурге болои ҳунари овозхонии ин кишварҳо гузоштааст, сазовори он аст, ки мавриди омӯзиши амиқи мутахассисин ва мусиқишиносон қарор бигирад. То розу асрори комёбиҳо ва сабаби маъруфият ва маҳбубият касб кардани ӯ барои ҳама ифшо шавад. То бо истифода аз ин донише, ки аз ин пажӯҳиш ҳосил мекунем, истеъдодмандҳои дигаре дар ин мамолик ба қуллаҳои баландтари ҳунари мусиқӣ роҳ биёбанд.

Интихоб ва истифодаи ашъори шуаро дар эҷодиёти Аҳмад Зоҳир яке аз самтҳои асосии ин пажӯҳишҳо хоҳад буд. Барои ин ки самт дуруст омӯхта шавад, нахуст бояд донист, ки Аҳмад Зоҳир чӣ миқдор тарона дорад ва онҳоро чӣ теъдод шоирон навиштаанду онҳо киҳоянд. Чӣ тав-

ре, ки хонандаи азиз, аз навиштаҳои қаблӣ бароятон то андозае маълум гардид, дар ин самт низ баъди соли 1992 аз сӯйи муҳаққиқини осори Аҳмад Зоҳир чӣ дар дохил ва чӣ дар берун аз Тоҷикистон корҳои зиёде анҷом гирифтааст. Кӯтоҳакак онҳоро хотиррасон мекунем.

Соли 1992 нахустин китоби таронаҳои Аҳмад Зоҳир дар Тоҷикистон бо номи "Боз омадам" чоп шуд, ки дар он 100 суруди Аҳмад Зоҳир бе баёни муаллифони матни ашъор, ба табъ расида буд. Соли 1994 дар Пешовари Покистон китоби "Танҳо садост, ки мемонад" ба нашр расид, ки дар он 185 суруди Аҳмад Зоҳир ҷой дода шуда буд, муаллифи 61 таронаи ин китоб зикр гардида буд. Ин таронаҳо маҳсули эҷоди қалами 33 шоир ба ҳисоб мерафтанд. Соли 2005 дар Душанбе қариб дар як вақт ду китоб ба нашр расид. Китоби Исфандиёр "Хунёгари солҳову садаҳо", ки дар он аз эҷодиёти 47 шоир 96 таронаи Аҳмад Зоҳир гирд оварда шуда буд ва китоби каминаи камтарин "Аҳмад Зоҳир-султони қалбҳо", ки дар он феҳристи 351 суруди овозхон ва феҳристи 55 шоире, ки ашъорашонро Аҳмад Зоҳир хондааст, дарҷ шуда буданд. Дар ин китоб муаллифи матни 133 тарона муайян шудааст. Соли 2006 дар Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон китоби Муҳаммад Зоҳири Сипос бо номи "Китоби Ишқ" ба нашр мерасад, ки дар он 395 таронаи Аҳмад Зоҳир оварда мешавад. Муҳаммад Зоҳири Сипос муаллифи 140 шеърро муайян кардааст, ки ин муаллифон теъдоди 70 нафарро ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки Муҳаммад Зоҳири Сипос вариантҳои мухталифи ҳамон як сурудро, ки дар студияҳои гуногун дар вақтҳои мухталиф сабт шудаанд, ба ҳайси як суруди алоҳида ҳисоб кардааст, ки мо низ ин тарзи ҳисобро қобили қабул донис-

тем. Муҳаммад Ҳоруни Хуросонӣ муаллифи китоби "Садои қарн", ки як сол баъд дар Кобул ба нашр мерасад, 321 таронаи Аҳмад Зоҳирро ба китобаш ворид сохта, муаллифи матни 129 сурудро муайян кардааст. Матни ин миқдор суруд моли 67 шоир будааст. Исфандиёр дар китоби "Як мушти шеъру як мушти оҳанг…", ки соли 2008 чоп шудааст, матни 133 таронаи Аҳмад Зоҳирро овардааст, ки ба қалами 63 шоир тааллуқ доранд.

Соли 2012 дар замимаи китоби Султони Ҳамад "Аҳмад Зоҳир ва мусиқии Ғарб" аввалин бор 100 таронаи Аҳмад Зоҳир бо нишон додани ҳам номи шоир ва ҳам номи оҳангсоз ба табъ мерасанд.

Баъди соли 2005 ҳам мо пажӯҳишҳоро дар ин самт идома додем ва як теъдод шоирони ношинохтаро пайдо кардем, ки қисмате аз матни таронаҳои Аҳмад Зоҳир, ки то ҳоло муаллифонашон номаълум буданд, ба қалами онҳо тааллуқ доранд. Ва боз бо дарназардошти он шоироне, ки зикри номашон дар китобҳои оғои Сипосу Ҳоруни Хуросонӣ ва Исфандиёр рафтаасту мо қаблан дар бораи онҳо иттилоъ надоштем, рӯи ин масъала як таҳлиле гузаронидем, ки ҳанӯз ҳам номукаммал аст.

Баъди ҳисобу китоб бо усули оқои Сипос теъдоди сурудҳои Аҳмад Зоҳир аз сарҳади шашсад тарона убур кард. Матни онҳо, бо иттилое, ки ҳамакнун дар даст дорем, ба қалами беш аз сад шоир тааллуқ доранд. Дар ҳоли ҳозир муаллифи 211 таронаи ӯ мушаххас шудааст, ки моли 99 шоир мебошанд. Номи боз ду шоири дигар ба иловаи ин 99 нафар аз сӯйи баъзе аҳмадзоҳиршиносон дар корҳояшон бидуни номбар кардани номи шеърҳояшон оварда мешаванд, ки Парвизи Вакилӣ ва Шайх Рӯзбеҳонии Ше-

розӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Аз ҷумлаи 100 шоире, ки аз ашъорашон Аҳмад Зоҳир ҳангоми сурудани таронаҳояш истифода кардааст, 44 нафарашон шоирони муосири эронӣ мебошанд. Яъне шоироне, ки дар охирҳои асри 19 таваллуд шудаву то солҳои 70-уми асри гузашта кору зиндагӣ кардаанд ва баъзеашон, хушбахтона, чун Симини Беҳбаҳонӣ, Лӯъбати Волои Шайбонӣ имрӯз ҳам дар қайди ҳаёт ҳастанд. Аз ҳама бештар аз шоирони Эрони муосир аз эҷодиёти Фурӯғи Фаррухзод 9 шеър, аз эҷодиёти Раҳии Муаъйирӣ 8 шеър (шеъри "На дил мафтуни дилбанде, на ҷон мадҳуши дилхоҳе"-ро бо ду оҳанг сурудааст), Симини Беҳбаҳонӣ 8 шеър, Абулҳасани Варзӣ 4 шеър, Бежани Тараққӣ 4 шеър, Фаррухии Яздӣ 3 шеър, Имоди Бурқайӣ (Хуросонӣ) 3 шеър, Муҳаммад Ҳусайни Шаҳриёр 2 шеър, Пажмони Бахтиёрӣ 2 шеър, Ҳамидии Мусаддиқ 2 шеърро ҳамчун тарона хондааст. Аз ашъори дигар шоирони машҳур ва маъруфи Эрон, аз қабили Эраҷ Мирзо, Маликушшуаро Баҳор, доктор Ҳамидии Маҳдӣ, Фаридун Муширӣ, Ҳушанг Соя ва ғайра низ таронаҳо сурудааст.

Аз ҷумлаи ин 100 шоир 26 нафарашон шоирони адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳисоб меравaнд. Қадимтарини ин шоирон Ҷалолиддини Балхӣ мебошад, ки беш аз 800 сол пеш кору фаъолият кардаасту ба мо наздиктаринаш шоир Баҳрини Дарвозӣ мебошад. Ӯ тақрибан 100-120 сол пеш зиндагӣ ва эҷод кардааст. Баҳрини Дарвозӣ ҳамзамони Амир Абдулаҳадхон (солҳои давлатдориаш 1885-1910) мебошад, ки бо тахаллуси "Оҷиз" шеър гуфтааст. Баҳрини Дарвозӣ бар ашъори "Оҷиз" мухаммасҳо эҷод кардааст. Дар баробари шоирони машҳури чун Ҳофизу

Саъдӣ, Амирхусрави Деҳлавӣ, Мирзо Абдулқодир Бедил, Мушфиқӣ, Соиби Табрезӣ, Аҳмад Зоҳир инчунин аз осори шоирони на чандон маъруфи адабиёти классикӣ мисли Ошиқи Исфаҳонӣ, Ваҳшии Бофқӣ, Шоҳ Шуҷои Бобурӣ ва дигарон шеърҳо интихоб намудаву бар асоси онҳо таронаҳои худро сохтааст. Миёни ин 100 шоире, ки намунаи ашъори онҳоро Аҳмад Зоҳир сурудааст, чи тавре ки гуфтем, бисту панҷ нафарашон шоирони муосири Афғонистон ҳастанд, чор нафарашон шоирони Тоҷикистони муосир ва як нафарашон шоири Покистони муосир. Шоири покистонӣ албатта ҳамон Аллома Иқболи Лоҳурӣ аст. Вале чор нафар шоири тоҷикистонӣ киҳоянд? Ду нафари онҳо-ку маълум аст. Устод Мирзо Турсунзода ва шодравон Абдулло Қодирӣ. Ду нафари дигар киҳоянд? Ҳаминро гуфтаниям, ки агарчӣ устод Абулқосими Лоҳутӣ эрониасласту дар Эрон таваллуд шудааст, чун дар Иттиҳоди Шӯравӣ қисмати бузурги ҳаёти хешро гузаронидааст ва дар ҳамин ҷо ба хок супурда шудааст, ӯро дар хориҷа, ба хусус, дар Афғонистон борҳо шунидаам, ки шоири тоҷик мегӯянд. Шоири дигари тоҷик, ки тибқи иттилооти мавҷуда, шеърашро Аҳмад Зоҳир ба оҳанг даровардааст, марҳум Султон Шоҳзода мебошад, ки тафсири ин хабарро ман дар китоби "Аҳмад Зоҳир- султони қалбҳо" (саҳ.134-135) овардаам.

Халилуллоҳи Халилӣ, Борик Шафеӣ, Зиё Қоризода, Сулаймон Лоиқ, аз ҷумлаи он шоирони машҳури Афғонистон ҳастанд, ки тибқи баъзе хабарҳо Аҳмад Зоҳир аз осори онҳо порчаҳои зиёди назмиро интихоб намудаву сурудааст. Дар байни 25 шоири афғонистонӣ ҳастанд шоироне, ки онҳоро дар Тоҷикистон феълан шояд касе наме-

шиносад. Барои мисол Иқбол Раҳбари Тӯхиро мегирем. Ин шоир тақрибан ҳамсоли марҳум Аҳмад Зоҳир буда, риштаи ҳуқуқи Донишгоҳи Кобулро хатм кардааст. Матни чор суруди Аҳмад Зоҳир аз эҷодиёти ӯ гирифта шудааст.Ӯ феълан дар ИМА зиндагӣ мекунад.

Дар ҳоли ҳозир бо истинод ба маводе, ки дорем, метавонем бигӯем, ки Аҳмад Зоҳир аз эҷодиёти орифи тавоно Ҷалолиддини Балхӣ бештар аз 11 ғазалро ба оҳанг даровардааст, ки ҳар яке аз ин таронаҳо аз дигаре беҳтар аст. Ғазалҳои "Ай қавми ба ҳаҷ рафта куҷоед, куҷоед?", "Биёед, биёед ба майдони харобот", "Биёед, биёед, ки гулзор расида", "Ман ғуломи қамарам ғайри қамар ҳеҷ магӯ", "Пӯшида чун ҷон меравӣ", "Рав сар бинеҳ ба болин, танҳо маро раҳо кун", "Биравед, эй ҳарифон, бикашед ёри моро", "Дидам нигори худро, мегашт гирди хона", "Маъшуқа ба сомон шуд, то бод чунин бодо", "Ман мастаму ту девона моро кӣ барад хона?", "Зи ҳамроҳон ҷудоӣ маслиҳат нест" ва ғ.ҳ. аз ҳамон ҷумлаанд. Мувофиқи маълумоти наздикони Аҳмад Зоҳир, ба хусус апааш Зоҳира ва завҷааш Фахрия ӯ ба осори классикон, махсусан ба шуарои тасаввуф, асосан дар солҳои пеш аз маргаш рӯй оварда будааст.

Умуман Аҳмад Зоҳир аз ҷумлаи он овозхонҳои порсигӯ ҳаст, ки аз ҳама бештар дар репертуари худ ғазалҳои орифи бузург Ҷалолиддин Балхиро дар қолаби тарона ҷой додааст. Аксари мутахассисони соҳаи мусиқии афғонӣ дар ин назаранд, ки оҳангҳои Аҳмад Зоҳир шӯру сӯзиши ишқи Мавлоноро тавонистаанд бештар ва хубтар аз дигарон ба ҳаводорони савту суруд бирасонад. Воқеан, имрӯз на танҳо форсизабонон, балки ҳунармандони соҳаи мусиқии дигар қавму миллатҳо ба тарҷумаи осори Ҷалолиддин

Балхӣ бештар рӯй меовардагӣ шудаанд. Масалан Мадона, маъруфтарин хонандаи амрикоӣ аз ғазалиёти Мавлонои Балх беш аз даҳ тарона таҳия карда мехонад. Вақте, ки сабаби ба ашъори Мавлавии Балхӣ рӯ овarданашро аз ӯ мепурсанд, мегӯяд: "Дар фарҳанги башар ба андозаи шеъри Мавлоно шӯри ишқ намеҷӯшад". Бале, ана ҳамин шӯру шарари Ишқро, ки каломи мавзуни Мавлоно аз он моломол аст, - танҳо ошиқу орифи тавоное метавонад дарк намояд, ки Аҳмад Зоҳири бузург аз ҷумлаи онҳост.

## ОШИҚ ШУДААМ ГУНОҲАМ ИН АСТ

Дар байни шоирони муосири форсу тоҷик Аҳмад Зоҳир бештар аз ҳама ба эҷодиёти шоири шаҳири иронӣ, сардафтари назми муосири тоҷик устод Абдулқосим Лоҳутӣ рӯ овардааст. Дар сӯҳбатҳо бо устод Ҷӯрабек Назриев Аҳмад Зоҳир сабаби ба эҷодиёти Ҷалолиддини Балхӣ ва Абдулқосими Лоҳутӣ бештар рӯ оварданашро чунин маънидод кардааст: "Ман аз он зиёд Мавлавиву Лоҳутӣ мехонам, ки гӯё ҳасби ҳоли мара кардаанд". Дар ҳоли ҳозир тибқи маълумоте, ки дар даст дорем, Аҳмад Зоҳир 15 шеъри Абдулқосим Лоҳутиро дар шакли тарона ба ҳаводорони овозаш пешкаш кардааст. Аксари ин таронаҳо ду мавзӯъро дар бар гирифтаанд. Мавзӯи аввал пеш аз ҳама мавзӯи ишқист ва таронаҳои "Бути нозанинам маҳи меҳрубонам", "Ошиқ шудаам гуноҳам ин аст", "Ошиқам ошиқ ба рӯят, гар намедонӣ, бидон", "Ёр аз дили ман хабар надорад", "Сад раҳ дар интизорат то пушти дар давидам" ва ғайра дар ҳамин мавзӯанд. Мавзӯи дигар ин мавзӯи ватандӯстӣ - иҷтимоӣ аст. "Танида ёди ту дар тору пудам меҳан, эй меҳан", "Зиндагӣ охир сарояд, бандагӣ даркор

нест", "Тарсам озод насозад зи қафас сайёдам", "Аё сайёд раҳме кун, маранҷон нимҷонамро", "Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад", суруду таронаҳое ҳастанд, ки инҳоро Аҳмад Зоҳир дар солҳои охири ҳаёташ ба алоқамандони ҳунараш пешниҳод кардааст. Аҳмад Зоҳир ҳамчун ҳунарманди асилу инсони ватанпарасти ҳассос аз он таҳаввулоте, ки дар кишвараш дар он солҳои охир сурат мегирифт, дарк мекард, ки кишварҳои абарқудрат дар атрофи Афғонистон тор метананд, тори дасисаву макру ҳила. Онҳо ба кашмакашиҳое гирифтор ҳастанд, ки натоиҷи он барои мардуми ин кишвар оқибатҳои баде ба бор доранд. Ин хатарро ӯ ҳамчун як шахси бофарҳангу донишманди ҷомеаи афғонӣ хеле хуб мефаҳмид, вале дар илоҷи воқеа мисли миллионҳои дигар дармонда буд. Ӯ фақат метавонист ба он абарқудратҳое, ки ба сӯи ватани ӯ чашм ало карда буданд, бо забони суруд бигӯяд:

**Аё сайёд раҳме кун, маранҷон нимҷонамро,**
**Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро.**

Вале ба ҳамватанони худаш ҳушдор медод, ки ба ҳар ҳол ба муҷодила бо душманон омода бошанд:

**Гар фишори душманон обат кунад мискин машав,**
**Мард бош, ай хастадил, шармандагӣ даркор нест.**

Интихоби чунин матнҳо барои суруду тарона дар як даврони ҳассоси таърихӣ барои кишвар далолатгари он аст, ки Аҳмад Зоҳир бо мардум буд, дарди ӯро аз дохил хуб дарк мекард ва барои табобати он кӯшишҳое ҳам ба харҷ додааст.

# ТУРО САД БОР ГУФТАМ, КИ ҒУЛОМАТ МАН, ҲАМИН КОФИСТ

Дар бораи чӣ гуна Аҳмад Зоҳир як шеъри устод Мирзо Турсунзодаро интихоб намуд ва баъдан ба он оҳанг баст, дӯсти ӯ Ҷӯрабек Назриев нақли аҷибе кард. Тибқи он моҳи феврали соли 1976 баъди шиносоӣ пайдо кардан Аҳмад Зоҳир бо ҳамроҳии Ҷӯрабек Назриев меҳмони олими шинохта Шаҳбоз Кабиров мешаванд, ки он вақт он кас бо ҳамроҳии завҷаашон, шоираи ширинкалом Меҳриниссо дар Кобул ба ҳайси тарҷумон кор мекарданд. Дар ҳини сӯҳбат сухан аз шеъру шоирӣ меравад ва устод Шаҳбоз Кабиров, барои бо намунаи назми тоҷик шинос кардани Аҳмад Зоҳир "Мушоира" ном китоберо, ки дар он гулчине аз ашъори шоирони форсу тоҷики мамолики Осиё бо ҳуруфи арабӣ чоп шуда буд, ба ӯ нишон медиҳад. Ҳини шиносоӣ бо китоб фикри оҳанг бастан ба шеърҳои шуарои тоҷик пайдо мешавад. Барои баргузидани матн ҳозирин баъди машварат ба хулоса меоянд, ки онро ба тарз ё услуби фол кушодан интихоб намоянд.

Ҳамин тавр ҳам карданд ва шеъри устод Мирзо Турсунзода "Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳами кофист" рост омад. Аҳмад Зоҳир вақте шеърро хонд, он ба вай хеле хуш омад ва ваъда дод, ки ҳатман онро то Соли Нав, яъне то Наврӯз, ба оҳанг медарорад.

Рӯзи Наврӯзи соли 1976 суруди "Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист" нахустин бор дар байни мардум садо медиҳад ва аз ҳамон дам яке аз сурудҳои дӯстдоштаи алоқамандони Аҳмад Зоҳир ба шумор меравад:

**Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист,**
**Фидои як саломат, як каломат ман, ҳамин кофист.**
**Навиштам, пахш кардам мӯҳр, мондам даст бегуфтор,**
**Ҳаётамро, мамотамро ба номат ман, ҳамин кофист.**
**Агарчи ибтидои ошиқон дар ишқ ҳар ранг аст,**
**Вале бо номи ту ман ибтидо кардам, ҳамин кофист.**

Устод Мирзо Турсунзода ин сурудро дар иҷрои Аҳмад Зоҳир бори аввал ҳангоми бемориаш дар шифохонаи ҳукуматӣ аз кассетае шунидааст, ки наздиконаш барояш ба он ҷо оварда будаанд. Дар ин бора ба нақли нафақахӯри меҳнатӣ, собиқ хоҳари шафқати шифохонаи ҳукуматии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Насима Шодиева таваҷҷӯҳ мекунем:

"Боре ба шифохонаи мо барои табобат Раиси Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, устод Мирзо Турсунзодаро оварданд. Он вақт устод маъруфтарин ва маҳбубтарин одами ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафтанд. Он касро ҳама дӯст медоштанд. Махсусан мо занҳо бештар. Зеро ӯ ҳам вассофи мо буду ҳам мудофеи ҳуқуқи мо. Аз ҳамин сабаб аз духтурон то фаррошон ҳама мекӯшидем, ки оромишу низом дар шифохона халалдор нашавад.

Рӯзи навбатдории ман буд. Ногоҳ садои мусиқӣ баланд шуд. Ҳофизи бароям номаълуме суруд мехонд. Ҳарчанд лаҳнаш ширин буд, ба ёдам устод Мирзо Турсунзода расид, ки мабодо малоли хотирашон нашавад. Тез ба сӯи утоқе, ки аз он овоз меомад, давидам. Бинам, ки ин утоқи худи устод аст ва чанд нафаре магнитофонро баланд монда сурудеро гӯш мекунанд.

- Биё, Насимаҷон, биё. Аҳмад Зоҳирро гӯш кун, гуфтанд ба ман устод. Баъдтар фаҳмидам, ки яке аз шогирдони устод кассетаи овозхони маъруфи афғон Аҳмад Зоҳирро, ки дар он як шеъри устод "Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист" низ ба оҳанг дароварда шуда будааст, барояш овардааст. Устод аз ин тӯҳфа хеле ҳам хурсанд шуда буд. Ӯ такрор ба такрор ин кассетаро гӯш ва хурсандӣ мекард. Ӯ хурсанд аз он буд, ки шеърашро як ҷавони афғонӣ чӣ гуна зебову ҷолиб месарояд! Ӯ аз он хурсандӣ мекард, ки каломаш марзро убур кардаасту имрӯзи мояи шодиву фараҳи ҷавонони кишвари ҳамзабон гардидааст. Сурудҳои дигари ин ҳофизро низ бо диққат мешунид.

Баъди овардани ин кассета дидам, ки аҳволи устод рӯз ба рӯз беҳтар шудан гирифт. Ба овози Аҳмад Зоҳир мо низ дил бастем. Ин овоз танҳо шифобахши беморон набуд, балки ба дарди дили табибон низ дармон мебахшид"...

## "АЙ НИГОРИ НОЗАНИН, ЯК ДАМ ПАҲЛӮЯМ БИШИН"

Муаллифи матни боз ду суруди Аҳмад Зоҳир шоири боистеъдод ва ширинсухани муосири тоҷик Абдулло Қодирӣ мебошад, ки бо тахаллуси Мумтоз низ шӯҳрат дорад. Қиссаи эҷоди ин таронаҳо ва чӣ гуна ба репертуари Аҳмад Зоҳир ворид шудани онҳо хеле аҷиб аст. Устод Абдулло Қодирӣ дар сӯҳбат бо муаллифи ин сатрҳо дар бораи таърихи эҷод ва саргузашти ин сурудҳояш муфассал ҳикояти хеле ҷолиб карданд.

Суруди аввал бо номи "Ай нигори нозанин" дар Афғонистону Ирон машҳур буд. Абдулло Қодирӣ ин таронаро

соли 1957 дар арафаи баргузории рӯзҳои адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Маскав бадеҳатан бо хоҳиши оҳангсози дар ҳамон вақт ҷавон, вале баъдан маъруф Амнун Бободӯстов, ки феълан дар Венаи Австрия зиндагӣ мекунад, гуфтааст. Абдулло Қодирӣ дар он вақт 18 - сол дошт ва донишҷӯи курси дуввуми Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Бо Амнун Бободӯстов дар як маҳалла зиндагӣ мекарданд ва дӯсти наздик буданд. Амнун оҳангеро эҷод карда буд ва бароияш матн меҷуст. Абдулло Қодирӣ бошад, машқи шеър мекард ва ҳамон вақт мавриди таваҷҷӯҳи устодон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва Боқӣ Раҳимзода қарор гирифта буд. Амнун барои навиштани матне барои оҳанги эҷодкардааш ба дӯсташ Абдулло Қодирӣ муроҷиат мекунад. Абдулло Қодирӣ оҳангро шунида бадеҳатан дар зарфи 15 дақиқа ҳамин матнро барои оҳанги шунидааш эҷод мекунад:

**Ай нигори нозанин,**
**Як дам паҳлӯям нишин.**
**Аз он лабон бӯса бидеҳ,**
**Дили маро ғусса мадеҳ,**
**Эй ёри ман,**
**Дилдори ман.**
**Хуршеди тобони ман,**
**Моҳи дурахшони ман.**
**Аз он лабон бӯса бидеҳ,**
**Дили маро ғусса мадеҳ,**
**Эй ёри ман,**
**Дилдори ман.**
**Ғунчаи лабро бикушо,**
**Ҳарфе бигӯ бахри даво.**

**Аз он лабон бӯса бидеҳ,**
**Дили маро ғусса мадеҳ.**
**Эй ёри ман,**
**Дилдори ман.**
**Эй ахтари шабҳои ман,**
**Марғубу зебои ман.**
**Аз он лабон бӯса бидеҳ,**
**Дили маро ғусса мадеҳ,**
**Эй ёри ман,**
**Дилдори ман.**

Сипас баъди як ҳафта ин сурудро аввалин маротиба дар як консерти калон дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон Раъно Ғолибова месарояд. Баъд ӯ ин сурудро дар ҷараёни рӯзҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар Маскав борҳо пешкаши ҳаводорони таронаҳои тоҷикӣ месозад. Ин суруд ба Артисткаи Халқии СССР Тамара Хонум хеле писанд меафтад ва онро ба репертуари худ ҷой медиҳад. Баъдҳо суруди "Ай нигори нозанин"-ро овозхони машҳури туркман Анна Қулиева, сипас ҳунарманди боистеъдоди Қарақалпоқистон Гулшод Отаҷонова месароянд. Як сол пас соли 1958 ба Тоҷикистон гурӯҳе аз ҳунармандони маъруфи Афғонистон, бо шумули Ҳафизуллоҳ Хаёл, Абдуҷалил Залонд, хонум Рухшона, хонум Жило ба гастрол меоянд. Қабл аз оғози консертҳо оғои Ҳафизуллоҳи Хаёл бо кӯмаки ҳунармандони тоҷик суруди мазкурро таҳия намуда, онро чандин маротиба дар ҷараёни гастрол манзури тамошобинон месозад. Ҳамон вақт барандаи яке аз консертҳои муштарак Акбар Ҷӯраев Абдулло Қодириро ҳамчун муаллифи

ҳамон суруд ба Ҳафизуллоҳ Хаёл муаррифӣ мекунад. Устод Хаёл дар тааҷҷуб мемонад, ки чӣ гуна як ҷавон чунин суруди хубро эҷод кардааст. Баъдтар ин суруд дар иҷрои бисёре аз овозхонҳои афғонӣ, аз ҷумла Абдураҳими Сорбон, Зоҳир Ҳувайдо, Афсона, Наим Пупал ва ғайра борҳо садо додааст.

"Вале онро вақте, ки тасодуфан дар навори як дӯстам, Хуррам Раҳимов, дар иҷрои Аҳмад Зоҳир шунидам, хеле мутаассир шудам. Аҳмад Зоҳир он сурудро дар як консерти маҳфилиаш хеле дилкаш месуруд, - мегӯяд худи Абдулло Қодирӣ. Дар омади гап бояд бигӯем, ки ин суруди Абдулло Қодириро овозхони машҳури эронӣ Саттор низ хеле хуб сароидааст. Ба гуфтаи Абдулло Қодирӣ суруди мазкур тавассути Наим Пупал, ки баъди марги Аҳмад Зоҳир ба нишони эътироз аввалин шуда ҷилои Ватан карда буд, мақбули ҷавонони иронӣ мегардад. Саттор ҳам онро ҳамчун таронаи халқии иронӣ ба репертуари худ дохил карда будааст. Ии хонандаи машҳури эронии муқими Амрико соли 2006 бо як сафари ҳунари ба Душанбе омад. Нависандаи ин сатрҳо бо ӯ як мусоҳибае доир кард. Дар ин мусоҳиба аз  ӯ суол кардам, ки таронаи "Ай нигори нозанин", ки замоне ӯ мехонд, моли кадом шоиру оҳангсоз аст. Ӯ посух дод, ки ин таронаро ёд дорад, ки Сулӣ но хонандаи эронӣ қабл аз ӯ мехондааст. Моли кӣ будани матну оҳанги онро намедонад. Шояд моли мардумӣ бошанд,- тахмин кард ӯ. Вақте гуфтам шеъри ин суруд моли шоири тоҷик Абдулло Қодирӣ ва оҳанги он маҳсули эҷоди оҳангсози тоҷик Амнун Бободӯстов мебошад, хеле муттаҳайир шуд. Воқеан, ин сурудро овозхонҳои машҳури қариб 10 кишвари ҷаҳон бо забони тоҷикӣ хондаанд. Қариб, ки бо

ҳамон матну дар ҳамон оҳанге, ки Абдулло Қодирӣ ва Амнун Бободӯстов эҷод карданд. Вале дар ҳеҷ куҷое номи муаллифи матн ва оҳангсозро нагирифтаанд. Суруд солҳое, ки дар толорҳои консертии ҷумҳуриҳои мухталифи шӯравӣ садо медод, онро суруди тоҷикӣ гуфта, муаррифӣ мекарданд. Дар кишварҳои форсизабон бошад, ҳамин чизро намегуфтанд. Ин сурудро, дар он ҷое, ки садо медод, моли халқи худ медонистанд. Ин суруд дар номгӯи 500 таронаи беҳтарини эронӣ дар китобе, ки соли 1978 дар Теҳрон чоп кардаанд, дохил шудааст. Онро ҳамчун таронаи халқии эронӣ пешкаши хонандагон кардаанд.

## "АВВАЛИН ИШҚАМ ТУ БУДӢ"

Суруди дигареро, ки Аҳмад Зоҳир бар матни шоири ширинкаломи мо Абдулло Қодирӣ мехонад, таронаи "Аввалин ишқам ту будӣ" мебошад. Таърихи ба дасти Аҳмад Зоҳир расидани ин матн ҷолиб аст. Абдулло Қодирӣ соли 1964 ҳангоми хизмат дар сафи нерӯҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳайси афсари тарҷумон дар пойтахти Туркманистон шаҳри Ашқобод бо ҳайати ҳунармандони афғонӣ бори дигар вомехӯрад. Хонум Рухшона ва Абдуҷалил Залонд, ки Абдулло Қодириро нағз мешинохтанд, аз ӯ боз дархости ягон шеъри хубе барои оҳанг бастан мекунанд. Абдулло Қодирӣ, мегӯяд, ки ман ҳамон вақт шеъри "Аввалин ишқам ту будӣ" - ро навишта будам ва онро ҳамон лаҳза ба оғои Залонд додам. Солҳо мегузаштанд. Вале аз тақдири шеърам дараке набуд. Боре як дӯсти даврони донишҷӯиям  Ашӯр Ғулом, ки дар Афғонистон кор мекард, билохира ба ман мужда овард, ки Аҳмад Зоҳир яке аз шеърҳоямро оҳанги хеле дилошӯбе бастааст.

Чӣ гуна ҳамон матн ба дасти Аҳмад Зоҳир расидааст, ба ман маълум нест. Шояд оғои Залонд матнро ба ӯ дода бошад. Ба қавли дӯстам вақте ин таронаро Аҳмад Зоҳир бори аввал дар Мазори Шариф мехонад, бисёриҳо аз таъсири он гиря кардаанд, - мегӯяд Абдулло Қодирӣ. Матни ин таронаи Аҳмад Зоҳир дар он ду китоби қаблан ёдшуда, яъне "Боз омадам" ва "Танҳо садост, ки мемонад" низ овар-да шудааст. Вале дар ҳарду ҳолат ҳам мураттибон номи муаллифи шеърро зикр накардаанд. Муқоисаи матнҳои китоб бо наворҳои суруд тағйироти на чандон ҷиддиеро дар байни матнҳо нишон медиҳанд. Ин таронаро Аҳмад Зоҳир дар ҳамин шакл мехонад:

**Аввалин ишқам ту будӣ,**
**Охирин ишқам ту будӣ.**
**Рафтӣ аз ман дил гирифтӣ,**
**Бо гапи мардум намудӣ.**
**Дарду андӯҳам фузудӣ,**
**Дар сукути нимашабҳо,**
**Бо худам танҳо нишастам.**
**Нағмаи маргам сурудам,**
**Кош ҳаргиз ман набудам.**
**Кош ҳаргиз ман набудам.**
**Худ бигӯ бо ман чӣ  ҳастӣ?**
**Саркашу мағруру мастӣ?**
**Ишқ, яъне нима мурдан**
**Риштаи ҳастӣ буридан**
**Кош ҳаргиз ман набудам,**
**Кош ҳаргиз ман набудам.**
**Оҳ ай ишқ, бош, куҷоӣ?**

**Як ҷаҳони ғуссаҳоӣ.**
**Бо дили афсурдаи ман**
**Солҳо шуд ошноӣ**
**Кош ҳаргиз ман набудам,**
**Кош ҳаргиз ман набудам.**

Вале бо ҳамин ду тарона мавзӯи робитаи Абдулло Қодирӣ бо Аҳмад Зоҳир қатъ намешавад. Шоири тоҷик, чи навъе, ки худаш мегӯяд, якчанд шеъри худро баъди шунидани ин ва ё он суруди Аҳмад Зоҳир эҷод кардааст. Аниқтараш илҳом аз таронаҳои мушахасси Аҳмад Зоҳир гирифтааст. Абдулло Қодирӣ ҳамчун намуна суруди Аҳмад Зоҳир бар матни устод Халиллулоҳи Халилӣ "Ба доғи номуродӣ сӯхтам, ай ашк, тӯфоне" - ро мисол меорад. Сурудро бори аввал мешунидам, - мегӯяд Абдулло Қодирӣ. Ҳамин, ки Аҳмад Зоҳир мисраи "Ба танг омад дилам з -ин зиндагӣ, ай марг ҷавлоне" - ро бо як сӯзе хонд, дигар худро дошта натавонистаму талх гиристам. Чунон дар зери таъсири ҳамин суруд мондам, ки худи ҳамон шаб назирае ба ҳамин ғазали устод Халиллулоҳи Халилӣ навиштам".

Мо барои намуна чор мисраеро аз ин ғазал пешкаши шумо, хонандагони гиромӣ мекунем:

**Шаби ҳиҷрон набошад ҳосилам ҷуз ашки сӯзоне,**
**"Ба танг омад дилам з-ин зиндагӣ, ай марг ҷавлоне!".**
**Гуноҳам чист, ай золим, чунин озурда медорӣ?**
**Магар дар ғафлатӣ аз мавҷхезӣ ашки туфонӣ?**

Абдулло Қодирӣ мутаассир аз марги Аҳмад Зоҳир шеъреро дар вазну услуби суруди овозхон "Ай ба дидаам

торик, моҳи осмон бе ту" эҷод мекунад, ки баъдан ҳофизи хеле боистеъдоди тоҷик Дона Баҳромов дар пайравӣ ба сабки таронаҳои Аҳмад Зоҳир ба он оҳанг баста, хеле таъсирбахш сароидааст. Инак чанд байти он сӯгворӣ:

**Навҳа мекашад чун дил абри дидагон бе ту,**
**Тира дар назар тобад шамъи шабравон бе ту.**
**Ашки сабза шуд Шабнам, лола дар даман дилхун,**
**Ғунчаҳои нашкуфта дар чаман хазон бе ту.**
**Базми мо басе дилгир ҳарфҳо пароканда,**
**Талх аз ҷудоиҳост айши ошиқон бе ту…**

Шоири маҳбуби тоҷик Абдулло Қодирӣ ба ҳунари Аҳмад Зоҳир чунон ҳам меҳр баста буд, ки вақте бо Масҳур Ҷамол, яке аз овозхонҳои маъруфи афғон шинос мешавад ва мефаҳмад, ки ӯ қаблан найнавози Аҳмад Зоҳир будааст, бадеҳатан барояш мегӯяд:

**Ай найнавози Аҳмад Зоҳир, чӣ гӯямат?**
**Сӯзи ҳазор нола ба ноят мукаррар аст.**

Баъдан шоир ин байтро ба ғазале дар васфи найнавози Аҳмад Зоҳир Масҳур Ҷамол табдил медиҳад.

## ОСМОН, ЧАШМАМ БА СӮЯТ, БАР САРАМ БОРОН БИБОР

Баъди нашри силсиланавиштаҳоям дар бораи Аҳмад Зоҳир дар ҳафтаномаи "Чархи гардун" журналисти тоҷик Ҳабиб Фаридун ба мо қисса кард, ки Аҳмад Зоҳир як шеъри шоири шодравон Султон Шоҳзодаро низ ба оҳанг даровардааст. Дар ин бора ба Ҳабиб Фаридун худи марҳум Султон Шоҳзода соли 1993 нақл кардааст.

Мувофиқи гуфтаи Султон Шоҳзода ҳангоми ба ҳайси тарҷумон дар Кобул ифои вазифа намуданаш охири солҳои 70-уми асри гузашта ӯ рӯзе ҳамроҳи боз ду рафиқаш мехоҳад консерти Аҳмад Зоҳирро дар яке аз толорҳои консертии Кобул тамошо кунад.

Вале билет пайдо карда наметавонанд. Он гоҳ ба худи Аҳмад Зоҳир рӯ меоранд ва ба ӯ мегӯянд, ки аз Тоҷикистон ҳастанд ва мухлисони сурудҳои ӯ. Мутаассифона, билет надоранд, ки консерти ӯро тамошо кунанд.

Аҳмад Зоҳир онҳоро ба як хурсандии бузург пазироӣ мекунад ва худаш онҳоро ба толори консертӣ мебарад, ҷой пайдо мекунад. Баъди консерт, ки се соат идома доштааст, боз ба наздашон омада аҳволпурсӣ мекунад.

Ҳини мулоқот Султон Шоҳзода шоир буданашро маълум менамояд. Аҳмад Зоҳир аз ӯ хоҳиш мекунад, ки як шеърашро бихонад. Султон Шоҳзода шеърero мехонад, ки мисраи аввалаш чунин аст: «Осмон, чашмам ба сӯят, бар

сарам борон бибор».

Шеър ба Аҳмад Зоҳир маъқул мешавад ва хоҳиш мекунад, ки Султон Шоҳзода онро барояш навишта диҳад. Султон Шоҳзода он шеърро навишта ба Аҳмад Зоҳир медиҳад. Баъд аз ин байни Аҳмад Зоҳир ва Султон Шоҳзода робитаи дӯстӣ барқарор мешавад. Аҳмад Зоҳир баъди чанд вақт суруди Султон Шоҳзодаро дар яке аз консертҳояш, ки дар ин ҷо муаллифи шеър низ ҳузур доштааст, бо як оҳанги хеле дилошӯб месарояд. Суруд ба ҳозирон писанд меояд.

Мутаассифона, дар байни он наворҳои сурудҳои Аҳмад Зоҳир, ки мо дар даст дорем, сурудеро, ки бо мисраи дар боло оварда шуда оғоз шуда бошад, пайдо накардем. Вале мо даъвои онро надорем, ки навори тамоми таронаҳои Аҳмад Зоҳирро шунидаем ва ё бо худ дорем. Шояд дар кадом як наворе, ки ба мо маълум нест, ин таронаи шоири дигари ширинсухани мо марҳум Султон Шоҳзода мавҷуд бошад.

Таронаҳои Аҳмад Зоҳир пурра мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ имрӯз бо қотеъият гуфта наметавонем, ки дар байни онҳо дигар сурудҳое, ки бар матни шоирони тоҷик бошанд, мавҷуд ҳастанд ё нестанд. Ба ин саволи ҷолиб гузашти айём ҷавоби дақиқ хоҳад дод.

Вале имрӯз ҳаминро аниқ гуфтан мумкин аст, ки Аҳмад Зоҳир матни суруду таронаҳои худро аз эҷодиёти бештар аз 100 шоири форсу тоҷик интихоб кардааст. Ин бори дигар нишон медиҳад, ки Аҳмад Зоҳир ҳамеша дар ҷӯстуҷуву такопӯи эҷодӣ буд. Ӯ бисёр заҳмат мекашид, хуни ҷигар мешуд, то он таронаеро, ки имрӯз мову шумо бо ҳаловат мешунавему нашъа мебарем, эҷод кунад.

Бузургиву нотакрории Аҳмад Зоҳир дар он буд, ки дар

санъати овозхонӣ ӯ на танҳо дар истифодабарӣ аз асбобҳои мусиқӣ, на танҳо дар эҷоди оҳангҳо навигариҳо ворид кардааст, балки дар интихоби матн ҳам қолабҳои анъанавиро шикастааст. Барои мисол агар ба матнҳои интихобкардаи ӯ таваҷҷӯҳ кунем мебинем, ки онҳо тақрибан ҳама матнҳое ҳастанд, ки дар репертуари дигар овозхонҳо қариб, ки дида намешаванд. Албатта ба истисноси он таронаҳои машҳуру ҷовиде ба мисли "Ай сорбон, оҳиста рон, к -ороми ҷонам меравад", сурудҳои иронии "Гули сангам", "Як дил мега буру, буру", сурудҳои фолклорӣ ва ғайраву ҳоказо. Қабл аз Аҳмад Зоҳир дар Афғонистон аксари овозхонҳо маъмулан матнҳоеро интихоб мекарданд, ки онҳоро бисёриҳо аллакай медонистанд, дар байни мардум маъруфият доштанд. Ва овозхонҳо ҳамон матнҳои маъруфро ҳар касе бо оҳанги худ, бо равиши худ ва бо шеваи худ месуруд. Аҳмад Зоҳир бо овардани матнҳои нав, шеърҳои нав як навъ хизмате дар ривоҷи назми муосири форсӣ ва умуман адабиёти тоҷику форс кардааст. Масалан, мегӯянд дар Афғонистон ба ашъори шоираи машҳури эронӣ Фурӯғи Фаррухзод, ки ӯ низ ба таври фоҷиавӣ дар синни 33 солагӣ аз дунё чашм пӯшидааст, аксаран баъди он рӯ оварданд, ки Аҳмад Зоҳир шеърҳои ӯро ба оҳанг даровардa, хеле самимона сурудааст.

Бояд гуфт, ки баъди Абулқосим Лоҳутӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ Аҳмад Зоҳир аз ҳама бештар шеърҳои Фурӯғи Фаррухзодро ҳамчун тарона хондааст. Феълан 9 шеъри Фурӯғи Фаррухзодро мо дар репертуари Аҳмад Зоҳир пайдо кардаем. Аҳмад Зоҳир на танҳо матнҳоеро, ки дар қолаби назми анъанавӣ, яъне дубайтиву рубоӣ, ғазалу мухаммас, маснавӣ гуфта шуда буданд, ба оҳанг медаро-

вард. Ӯ аз сарояндагон ва оҳангсозони аввалин буд, ки шеърҳои сафедро низ дар чаҳорчӯбаи оҳангҳои худ ҷой додааст. Таронаи "Аҷаб сабре Худо дорад", ки матнаш моли шоири маъруфи Эрон Раҳим Кирмоншоҳӣ мебошад, мисоли гуфтаҳои мо шуда метавонад.

# IY. АҲМАД ЗОҲИР ВА ҲАВОДОРОНАШ

## БИГЗОР БИГИРЯМ МАНУ БИГЗОР БИГИРЯМ

Вақте садои ӯ баланд мешавад, ҳама ба сӯяш менигаранду мешитобанд. Ана, омад Аҳмад Зоҳири мо, ана сар кард, - мегӯянд. Дар як лаҳза ба гирди ӯ мардуми зиёде ҷамъ мешавад. Яке хоҳиш мекунад, ки "Бевафо ёрам" -ро хонад, дигаре "Агар ту ёраки ман бошӣ" -ро, саввумӣ "Шабҳои зулмонӣ" - ро. Ва ӯ даст ба рӯи тугмаҳои аккордионаш мебараду оҳиста онҳоро зер мекунад. Садои форами ӯву аккордионаш торҳои нозуки эҳсосоти ҳозиринро ба ларзиш меоранд.

Чӣ гуна хуб мехонад! Чӣ гуна гуворо!, - гӯён ба ваҷд меоянд онҳо ва дирамҳову сомониҳоро болои рӯймоли пеши пои овозхон оҳиста мегузоранд…

Абдухолиқ нобинои модарзод аст. Панҷоҳу ҳафт сол муқаддам вақте чашм ба дунёи рӯшан кушод, чизеро надид. Дунё барояш яксон буд. Ҳама ҷо торик, пардаи сиёҳ. Бадин минвол рӯзҳо аз паси рӯзҳо, моҳҳо аз паси моҳҳо ва солҳо аз паси солҳо мегузаштанд…

Боре, 37 сол пеш садоеро мешунавад, ки он садо дар он лаҳза вуҷудашро такон медиҳад. Ӯ гумон мекунад, ки аз ин такон ё худ аз ин садо дар ботинаш эҳсосоти гуворое

обистан мешавад, ки онро баъдҳо худи ӯ пайки муҳаббат ба зиндагӣ меномад. Ин атои Худовандӣ буд дар қолаби садои Аҳмад Зоҳир. Аз он лаҳза ҳаёт барои Абдухолиқ маънии дигаре пайдо мекунад. Офтобу моҳ, ситораҳову сабзазорон, дарёҳо ва кӯҳсоронро дигар ӯ дар ҳамин садои ҷонфизову рӯҳбахш мебинаду мешунавад ва дарк мекунад. Ӯ аз он рӯзе, ки бори нахуст ин садоро шунидааст, аз он ҷудоӣ надорад. Онро ҳар рӯз мешунавад, ҳатто шаб дар хоб онро мешунавад.

- Ту Аҳмад Зоҳирро дар хобат ҳам дидаӣ? - аниқ карданӣ мешавам аз Абдулхолиқ.

- Бале, 15 - сол муқаддам боре ба хобам Аҳмад Зоҳир даромада буд, - посух медиҳад ӯ.

- Чӣ гуна ӯро дарёфтӣ? Қиёфааш чӣ гуна буд? Аз чӣ хусус сӯҳбат кардед?, - кунҷковӣ мекунам.

- Ман қиёфаи ӯро надидам. Охир, мо нобиноҳои модарзод, ҳатто дар хоб ҳам чизеро намебинем ва намедонем, ки одам чӣ гуна қиёфа дорад. Ман танҳо овозашро шунидам. Ӯ изҳори хурсандӣ мекард, ки таронаҳояшро мехонам. Тамом. Дигар гапи зиёд назад . Вале ман шод будам, ки он касе, ки таронаҳояш дили маро ба зиндагӣ гарм карда буд, худ аз ман низ хурсанд аст. Пас, зиндагиамро беҳуда сарф накардаам...

Ман аз Абдулхолиқ мепурсам, ки кадоме аз сурудҳои Аҳмад Зоҳирро дӯст медорад. Ӯ дар ҷавоб мегӯяд, ки ҳамаи сурудҳояшро. Ҳамаи таронаҳои Аҳмад Зоҳир бароям азизанд. Вале ба ҳар ҳол як суруде ҳаст, ки он "Бигзор бигирям ману бигзор бигирям" ном дорад. Намедонам онро Аҳмад Зоҳир барои кӣ гуфта бошад. Вале вақте, ки онро ман месароям, танҳо барои Аҳмад Зоҳир онро месароям, - мегӯяд ӯ.

Абдулхолиқ аккордионашро ба оғӯш мегирад. Он гӯё ҳолати соҳибашро барвақт фаҳмидааст, ки ба шӯру фиғон медарояд. Билохира садои ҳазину ғамангези худи Абдулхолиқ низ баланд мешавад:

**Бигзор бигирям ману бигзор бигирям,**
**Бигзор дар ин нимашаби тор бигирям.**
**Дар мотами пажмурдани гулҳои умедам,**
**Бигзор, ки чун абре ба гулзор бигирям.**
**Ӯ рафт, умеди дили ман, дур шуд аз ман,**
**Бигзор, ки дар дурии дилдор бигирям…**

## ВОЙ БОРОН, БОРОН,
## ВОЙ БОРОН, БОРОН

Абдуғаффори Шаҳзод рӯзноманигор аст ва мухлиси таронаҳои Аҳмад Зоҳир. Ӯ низ суруд мехонад дар ҳавои гитори мӯнису ҳамдами шабҳои танҳоияш. Ва албатта сурудҳои Аҳмад Зоҳирро.

Абдуғаффор ба ҷуз ин одати хуб боз як шуғли хеле ҳам муфиде дорад. Ӯ аз рӯзномаву маҷаллаҳо ва аз дигар васоити ахбори умум, аз нақли мусоҳибонаш хабару мақола ва ҳикояву қиссаҳоро, ки роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти ин овозхони бемисл ҳастанд, ҷамъоварӣ мекунад. Барои мисол қиссаҳои дар шифохона мухлиси сурудҳои Аҳмад Зоҳир шудани устод Мирзо Турсунзода, бо Аҳмад Зоҳир дар Кобул мулоқот кардани Ҷӯрабек Муродовро аввал ӯ ба мо ҳикоя кард.

Ва инак боз ба як қиссаи Абдуғаффор дар бораи Аҳмад Зоҳир таваҷҷӯҳ мекунем:

"Аҳмад Зоҳир дар варзишгоҳи марказии шаҳри Теҳ-

рон, пойтахти Эрон дар як ҷашни пуршукӯҳи миллӣ ширкат меварзид. Ҳини сурудхонии ӯ шохнами бороне аз болои варзишгоҳ мегузарад. Гӯё он лаҳза осмон ҳам ба нишонаи сипосу эҳтироми истеъдоди баланди Аҳмад Зоҳир пеши пои ӯ гавҳарфишонӣ кард. Аҳмад Зоҳир аз ин саховати ногаҳонии табиат илҳом гирифта, шукронаи он ба хондани суруди "Вой борон, борон, вой борон, борон", ки матнаш аз шоири маъруфи Эрон Ҳамидии Мсаддиқ мебошад, шурӯъ мекунад:

**Вой борон, борон, вой борон, борон, вой борон, борон,**
**Шишаи панҷараро борон шуст,**
**Аз дили ман, аммо,**
**Чӣ касе нақши туро хоҳад шуст, чӣ касе?**
**Вой борон, борон, вой борон, борон, вой борон, борон.**

Шӯру валвалае дар варзишгоҳ барпо мешавад. Ҳама аз ҷой бармехезанду дастафшонӣ мекунанд. Тасодуф буд ё лутфи Илоҳӣ, ки борону суруди "Вой борон" баробар поён ёфтанд.

Аз ин ҳунари волои Аҳмад Зоҳир шоҳи Эрон Ризошоҳи Паҳлавӣ, ки он замон дар варзишгоҳ, дар таҷлили он ҷашн ҳузур доштааст, ба ваҷд меояду мегӯяд:"Ин алмоси Машриқзамин аст!". Ва амр мекунад, ки рамзи подоши санъати асил ба Аҳмад Зоҳир калиди яке аз мошинҳои хидматиашро, ки сохти ширкати "Мерседес" - и Олмон буда бо он ба ин ҷашнвора омадааст , тақдим намоянд.

"Ин қиссаро ман аз забони онҳое шунидам, ки дар он солҳо дар Эрон, ба ҳайси тарҷимон хизмат мекарданд", - мегӯяд Абдуғаффори Шаҳзод.

Рӯзе мерасад, ки ин ва дигар қиссаҳои гирдовардаи Абдуғаффор дар бораи Аҳмад Зоҳир ҳамчун нишонаи арзу сипос ба ӯ ва таронаҳои ӯ рӯи чопро хоҳанд дид. Дунё ба умед аст, - гуфтаанд.

## ГУЛИ САНГАМ, ГУЛИ САНГАМ

Алиризо ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки чаро дар як гармхона гулҳо тезтар аз хок сар мекашанду нашъунамо меёбанд, ба воя мерасанд, вале дар гармхонаи дигараш бошад ҳамаи ин корҳо дертар анҷом мегиранд. Охир, дар ҳарду гармхона, ҳам муҳиту шароити баробарро фароҳам овардааст, ба рустаниҳо гармӣ, обу ғизои якхела медиҳад.

Мана имсол ҳам гулҳои гармхонаи боло понздаҳ рӯз пештар шукуфтанд ва онҳоро аз дигарон пештар ба бозор баровард. Аз фурӯши онҳо фоидаи калон гирифт. Агар гулҳои гармхонаи поёни ҳавлӣ низ ҳамин тавр тезтар мешукуфтанд, кори ӯ дучанд хубтар мешуд. Ва боз дар фикр фурӯ рафт…

Алиризо боре ин муамморо пеши ҳамсояе, ки гармхонаи боло дар наздикии хонаи ӯ ҷойгир шуда буд, Акбаралӣ матраҳ кард. Акбаралӣ нимшӯхиву нимҷиддӣ гуфт, ки сабаби инро ӯ медонад. Сабаби асосиаш ин аст, ки гулҳои ин гармхона ҳаррӯз овози пурэъҷози Аҳмад Зоҳирро гӯш мекунанд. Охир, худат нағз медонӣ, ки ман як рӯз ҳам бе садои Аҳмад Зоҳир истода наметавонам,- ба суханаш идома дод Алиакбар. Аз магнитафони ман шабу рӯз танҳо овози Аҳмад Зоҳир садо медиҳад. Овози ӯро гулҳои ту ҳам ҳаррӯз мешунаванд ва лаззат мебаранд. Табиист, ки онҳо аз гулҳои гармхонаи поёнӣ хубтар нашъунамо меёбанд.

Алиризо баробари шунидани ин гуфтаҳои Акбаралӣ ҳайратзада нашуд. Баръакс эҳсос намуд, ки муждаеро шунидааст. Ҳамсояаш гапи ростро мегуфт. Ба ёд овард, ки худи ӯро низ чизе ба ҳамин гармхона моил мекард, вале наметавонист дарк кунад, ки он чӣ ҳаст? Вале акнун фаҳмид, ки он овози дилангези Аҳмад Зоҳир будааст. Таҳти ин садои сеҳрнок ӯ дар ин гармхона нисбатан зиёдтар меҳнат мекард ва ҳамзамон хастагиро эҳсос наменамуд. Мана ҳоло ҳам садои Аҳмад Зоҳир танинандоз аст:

**Биёед, биёед, ки гулзор расидаст,**
**Биёед, биёед, ки дилдор расидаст.**

Дар ҳақиқат, шояд сабаби асосӣ ҳам дар ҳамин аст, ки гулҳои ин гармхона дар тафовут аз гармхонаи поён зери ҳавои мусиқӣ нашъунамо меёбанд.

Он рӯз Алиризо аз дӯкони кассетафурӯшӣ якчанд кассетаи Аҳмад Зоҳирро мехарад ва бар фазои гармхонаи поён низ аз ин ба баъд таронаҳои дилангези Аҳмад Зоҳир танинандоз мешаванд.

Чанд муддат пас натиҷаи мусбати ин таҷрибаашро дар амал мебинад. Дар ҳақиқат, гулҳои гармхонаи поён низ дигар дар нашъунамо аз гулҳои гармхонаи боло қафо намемонданд. Кори Алиризо минбаъд боз ҳам бештар равнақ гирифт. Дар бозор харидорон кӯшиш мекарданд, ки асосан гулҳои Алиризоро бихаранд, зеро дар зоҳир ва хушбӯиву тароват гулҳои ӯ аз гулҳои дигар гулфурӯшон фарқ мекарданд. Вақте ки аз ӯ сабаб мепурсиданд, мегуфтааст ба гӯши гулҳои ман худи Аҳмад Зоҳир тарона хондааст. Таронаҳои хушеву зебое ва ин чор мисраъро месурадааст:

**Гули сангам, гули сангам,**
**Чи бигам аз дили тангам.**
**Мисли офтоб агар бар ман,**
**Натобӣ, сардаму берангам.**

Аз Акбаралӣ феълан дар кучо будани ҳамсояаш Алиризоро ҷӯё шудам. "Вақте тӯпҳо садо медиҳанд, торҳо хомӯш мешаванд, мегӯянд дар урфият, - гуфт Акбаралӣ. Ҳангоме, ки фазои беғубори кишвари азизи моро оташу дуди ғализи ҷанги таҳмилӣ фаро гирифт, дигар ҷои гулпарастиву ҳунардӯстиро зӯриву қатлу ғорат ишғол кард. Алиризои озарӣ чун ҳазорҳо намояндагони қавму миллатҳои дигар ба хотири наҷоти ҷони худу фарзандонаш Тоҷикистони азизи моро ба қасди Ватани аҷдодиаш тарк гуфт.

Алиризо қабл аз сафар барои худоҳофизӣ ба ҳавлии ман даромад. Рамзи дӯстӣ хостам ба ӯ як кассетаи Аҳмад Зоҳирро барои ёдгорӣ тӯҳфа намоям. Ба нияти мутмаин шудан, ки кассета ҳақиқатан ҳам кассетаи Аҳмад Зоҳир аст, онро ба магнитафон гузоштам. Садои Аҳмад Зоҳир баланд шуд:

**Ало ёрҷон хатар дорад, ҷудоӣ,**
**Ниҳоли бесамар дорад, ҷудоӣ.**
**Биё, ки мову ту як ҷо нишинем,**
**Ки марги бехабар дорад, ҷудоӣ.**

Ашк дар чашмони Алиризо ҳалқ зад. Ӯ маро сахт ба оғӯш кашиду талх гирист...

Ду сол баъд хабари марги Алиризоро шунидам"...

# ҲАВОИ ИШҚИ ТУ АЗ САР БАДАР НАХОҲАД РАФТ

Дараи зебоманзари Ромит. Соҳили рӯди Кофарниҳон. Дар деҳаи Амоншайхӣ Ғаниҷон Мӯминов ном шахсе зиндагӣ мекунад, ки мисли аксари дигар ҳамдеҳагони худ дар пойтахти кишвар- шаҳри зебои Душанбе, ки аз маҳали зисти онҳо чандон дур нест, кор мекунад. Ӯ корманди Кумитаи Марказии Ташкилоти Ҷамъиятии Мададгори Мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Вале сокинони деҳа ва аксари дӯстонаш ӯро на ҳамчун корманди ин идора, балки ба ҳайси як мухлис, алоқаманди хеле ашадии садои гирои овозхони нотакрори Машриқзамин, шодравон Аҳмад Зоҳир мешиносанд. Ӯ дар баробари он ки зиндагиномаи Аҳмад Зоҳир ва эҷодиёти ӯро хеле хуб медонад боз бо дигар ҳаводорони таронаҳои ин хунёгари бузурги ҷаҳони асри 20, ки дар дохил ва ҳатто хориҷ аз Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, алоқаи наздик барқарор карда, дар ҳамдастӣ бо онҳо дар созмон додану гузаронидани рӯзҳои мавлуд ва маҳфилҳои шеъру суруди Аҳмад Зоҳир саҳми хуб мегузорад. Чунончи маҳфиле, ки соли 2010 ба муносибати солрӯзи таваллуд ва вафоти Аҳмад Зоҳир дар Душанбе баргузор гардид ва дар он овозхонҳои машҳури кишвар Ҷӯрабек Муродов, Ҷӯрабек Назрӣ, Қурбоналӣ Раҳмонов, Қурбоналӣ Абдуллоев, Сӯҳроби Маҳмуд ва дигарон ширкат доштанд, маҳз бо ибтикор ва талошҳои ӯ сурат гирифт.

Ногуфта намонад, ки бародари Ғаниҷон Сайдҷон, ки Донишкадаи ҳунарҳои зебои пойтахтро ҳанӯз дар даврони шӯравӣ хатм кардааст, яке аз тарғибгарони суруду таронаҳои Аҳмад Зоҳири ҷовидон дар Тоҷикистон мебошад. "Вақте, ки Сайҷон дар Донишкада сурудҳои Аҳмад Зоҳирро мехонд, мо бо як завқи беандоза баланд ӯро гӯш мекардем. Зеро ӯ ин сурудҳоро бо тамоми нозукиҳояш мехонд",- ба ёд меорад собиқ шарикдарсаш, муаллими фанни мусиқӣ Асадуллоҳ Шамсов, ки худ низ овозхонҳои пайрави мактаби Аҳмад Зоҳир мебошад.

Завҷаи Ғаниҷон Райҳон Шарифова, корманди Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон дар ин кори хайри шавҳараш ҳамеша ӯро дастгиру мададгор аст.

Дар яке аз рӯзҳои пойизи соли 2010 Ғаниҷон гурӯҳе аз дӯстонаш- ҳаводорони созу таронаҳои Аҳмад Зоҳирро ба хонааш, ба деҳаи Амоншайхӣ ба меҳмонӣ даъват кард. Дӯстон баъди тамошои манзараҳои фараҳафзо ва дилангези соҳили рӯдхонаи Кофарниҳон ба ҳуҷрае даъват шуданд, ки баробари ворид гардидан ба он ҳамаро эҳсосу ҳаяҷони носутуданӣ фаро гирифт. Дар як хонае, ки ҳаҷмаш се бар панҷ метр аст, аксу мусаввара ва дигар ашёе, ки ҳама бо ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмад Зоҳир дар иртибот мебошанд, ба манзари тамошо гузошта шудаанд. Бархе аз ҳозирин ин ҳуҷраро осорхона номиду иддаи дигар галереяи аксҳои Аҳмад Зоҳир ҳисобид. Вале худи Ғаниҷон мегӯяд, ки ин оғози кор аст. Ӯ агарчи то ин лаҳза корҳоеро анҷом дода бошад ҳам, аммо ният дорад, ки дар оянда, дар ҳақиқат ҳам, корҳои бештареро анҷом бидиҳаду онро дар чаҳорчӯбаи қонунҳои мавҷудаи кишвар ба як осорхонаи хусусӣ мубаддал бисозад. Феълан

дар ин макон бештар аксҳо, диску кассетаҳои солҳои мухталиф ба табъ расида, мақолаву китобҳои дар бораи Аҳмад Зоҳир чопшуда, филму видеоклипҳои дар иртибот бо Аҳмад Зоҳир таҳиягардида нигоҳ дошта мешаванд. Аксҳо дар чаҳорчӯбаҳои зебо ба чаҳор мавзӯъ ҷудо шудаанд: "Даврони туфулият ва хонавода", "Даврони наврасӣ", "Дар оғӯши ҳамкасбон", "Анҷом".

"Талош мекунам, ки бо наздикони Аҳмад Зоҳир алоқа барқарор карда ёдгориву осоре аз ӯ ба даст биёрам. Бисёр мехостам, ки яке аз созҳои мусиқии ӯро дошта бошам. Хулоса то он ҷое, ки тавонам мерасад, кӯшиш ба харҷ хоҳам дод, ки кулбаи фақиронаи мо ҳарчи бештар ёдеву накҳате аз Аҳмад Зоҳири нотакрор бидиҳад",- мегӯяд Ғаниҷон. Ва аммо меҳмонон-алоқамандони Аҳмад Зоҳир аз дидани ин хонаи барои як деҳаи кӯҳистонӣ ғайриоддӣ чӣ таассуроте бардоштанд?

Ҳотами Равшан, овозхони маъруф: "Агар касе ба ман суол кунад, ки оё ба ҳунари ҳунарманде ишқ варзидан мумкин аст, ба ӯ пешниҳод хоҳам кард, ки аз ҳамин осорхона дидан намояд ва ба чашми хеш ин тарзи ишқварзиро бубинад".

Исматуллоҳи Саид, файласуф, ходими давлатӣ: "Ман аз овони наврасиям мухлиси таронаҳои Аҳмад Зоҳирам. Алоқамандони зиёди таронаҳои Аҳмад Зоҳирро аз наздик мешиносам. Аммо бори аввал мебинам, ки як мухлиси сурудҳои Аҳмад Зоҳир ба ман албомҳоеро намоиш медиҳад, ки тақрибан чил сол муқаддам онро ҳангоми хонданаш дар синфи нӯҳум бо як меҳру муҳаббати беандоза тартиб додааст".

Назри Яздонӣ, шоир, файласуф, рӯзноманигор: "Чизи

аввале, ки ба хотири ҳар як меҳмони ин хонаи кӯчаки бузург мерасад, ин аст, ки ҳақиқатан дили инсон як сарои пурвусъат аст, ки бузургтарин ишқҳоро дар худ ҷой дода метавонад. Ишқе, ки бародари мо Абдуғаниҷон варзидаанд ба ҳунар ва зуҳури ҳунар дар симои Аҳмад Зоҳир, ҳақиқатан, аҳсант гуфтанист. Бубинед, ки мо дар албомҳо зерматнҳоеро мебинем, ки бо дасти хонандаи синфи нӯҳум навишта шудаанд. Маълум мешавад, ки воқеан барои касе, ки ҷӯянда аст ва ба монанди Аҳмад Зоҳир хона ба хона, кӯҳ ба кӯҳ, ҷӯ ба ҷӯ меҷӯяд, садде вуҷуд надорад. Ишқ худ ба худ раҳнамои ошиқ аст. Чароғе ҳаст, ки кӯчактарин, ториктарин зовияро барои одам равшан карда метавонад. Мисолашро мо дар хонаи бародари азизамон Абдулғаниҷон мебинем. Барои ман бисёр хушоянд ҳаст, ки ин ҳама дар канори рӯди барои мо азизи Кофарниҳон аст. Ҷои хуш обу ҳавое ҳаст. Ва ба назарам чунон мерасад, ки Аҳмад Зоҳир намурдаву ба ин ҷо меҳмон шудааст. Ва ин ҷо ба ӯ хуш омадаву дигар аз ин хона рафтан намехоҳад…".

# V. АДИБОНИ ТОҶИК ДАР СИТОИШИ АҲМАД ЗОҲИР

## САДОИ ТУ САФОИ ЧАШМАИ КӮҲӢ

Аҳмад Зоҳир баъди Борбади Марвазӣ дар таърихи мусиқии мардуми форснажод шояд нахустин ва ягона овозхоне бошад, ки аз ҳама бештар мавриди ситоишу тараннуми шоирону адибони замони худ қарор гирифтааст.

Оиди шеърҳои дар бораи Аҳмад Зоҳир гуфтаи шоирони Афғонистону Эрон дар ҳоли ҳозир чизе гуфта наметавонем. Зеро маводи мушаххасе дар ин бора дар даст надорем. Вале шоирони тоҷике, ки асосан баъди солҳои 70 - уми асри гузашта қалам ба даст гирифтаанд, аксаран бо хоҳишу амри дили худ Аҳмад Зоҳирро дар шеърҳои худ тараннум кардаанд. Мо дар ин боби рисолаи худ аз баъзеи онҳо ва шеъри дар васфи Аҳмад Зоҳир гуфтаи онҳо ёдовар мешавем. Зеро мӯътақидем, ки ба ин мавзӯи домандор дар оянда муҳаққиқин хоҳанд баргашт ва корҳоеро низ хоҳанд анҷом дод.

Мувофиқи иттилооти мавҷуда аз шоирони тоҷик аввалин шеърро дар бораи Аҳмад Зоҳир шоираи ширинкалом Меҳриннисо гуфтааст. Ва шояд ӯ ягона шоири тоҷик аст, ки ин шеъри навиштаи худро дар ҳузури Аҳмад Зоҳир ба худи ӯ хондааст. Дар ин бора ба нақли устод Ҷӯрабек Назриев гӯш медиҳем: "Дуввумин маҳфили базми шеъру

суруд бо иштироки Аҳмад Зоҳир боз ҳам дар хонаи устод Шаҳбоз Кабиров сурат гирифт. Дар ин маҳфил шоира Меҳриннисо шеъри барои Аҳмад Зоҳир навиштаи худро қироат кард, ки чор мисраи онро дар ёд дорам:

**Садои ту садои резиши борон,**
**Садои ту ғиреви обшорон аст.**
**Садои ту сафои чашмаи кӯҳӣ,**
**Ки дармони дили шӯридаҳолон аст.**

Дар сӯҳбат бо мо шоираи ширинсухан Меҳриниссо ин лаҳзаро ба ёд оварда гуфт, ки мутаассифона, матни пурраи ҳамон шеърро феълан дар даст надорад. Онро ҳамон вақт дар китоби дар боло зикршудаи "Мушоира" навишта китобро ба худи Аҳмад Зоҳир тӯҳфа кардааст. Баъдан шоира бо хоҳиши мо ин шеърро аз сари нав такмил мекунад ва онро ба пуррагӣ дар замимаи нашри дуввуми ҳамин китоб овардаем. Ёдовар мешавем, ки китоби "Мушоира" маҷмӯаи ашъори шуарои форсизабони Осиё буд, солҳои 70 - уми асри гузашта бо ҳуруфи арабӣ дар Маскав ба нашр расида буд. Аҳмад Зоҳир ба ғайр аз шеъри устод Мирзо Турсунзода "Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист" боз 4 ё 5 шеъри дигар шоирони муосири Эрону Афғонистонро аз ҳамин китоб гирифта ба оҳанг даровардааст.

Ба маврид аст бигӯем, ки аз шуарои насли навини тоҷик Меҳриннисо аз ҳама бештар бо Афғонистони имрӯза пайванду алоқаманд будааст. Ҳашт соли зиндагӣ дар Кобули замони ҳукумати баъди Муҳаммад Довуд нақши муассире дар ҳаёт ва осори ин шоираи ширинсухан гузоштааст.

Моҳи сентябри соли 2002 баъди чандин сол, вақте ӯ ба Кобул барои ширкат варзидан дар маросими бузургдошти солрӯзи ба шаҳодат расидани сипоҳсолори бемисл Аҳмадшоҳи Масъуд баргашт, ӯро ҳанӯз ҳам дар он ҷо хуб дар ёд доштанд ва хеле гарм пазироӣ карданд. Суханрониҳои Меҳриннисо ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи расонаҳои хабарии Кобул, махсусан телевизиони он қарор гирифта буд. Барномаи маъракаи бузургдошти Аҳмадшоҳи Масъуд хеле пурмуҳтаво тартиб ёфта буд. Вале бо вуҷуди ин шоира тавонист вақт пайдо кунаду бо ҳамроҳии гурӯҳе аз дӯстон марқади ин хунёгари бузурги Шарқро зиёрат кунад.

## ЧУ МАРҲАМ БО СУРУДАТ ДАРДҲОЯМРО ДАВО КАРДӢ

Дар яке аз бобҳои ин рисола, дар боло мо гуфтем, ки зуҳури Аҳмад Зоҳир ба арсаи санъати мусиқӣ дар Афғонистон ба мардуми Осиёи Марказӣ, махсусан Тоҷикистон, таъсири хеле амиқ гузошт. Шоираи маҳбуб Фарзона ин гуфтаҳои моро дар либоси шеър ҳанӯз 15 - 20 сол қабл аз мо хеле зебо гуфтааст. Дар шеъри "Фиғони халқе, ки Аҳмад Зоҳирро офарида" ӯ мегӯяд:

**Суруде ҳамчу пайғоми ҳаёт ояд ба гӯши ман,**
**Суруде, ки сукунатро кушад дар мулки хоболуд!**
**Ту дар ман зода гаштӣ ҳамчу пайғоми саодатҳо,**
**Чу марҳам бо сурудат дардҳоямро даво кардӣ.**
**Ту якто будӣ, аммо дар бузургӣ он чунон будӣ,**
**Ки нуқсамро расо кардӣ, сукутамро наво кардӣ!**

Дар шеъри дигараш, ки "Ҳамоҳанги борон" ном дорад

Фарзона ин матлабашро ба ин тарз баён кардааст:

**Чашмаи оби зиндагонӣ аст,**
**Нағмаҳои равону шевояш.**
**Балки бедор мекунад моро,**
**Дар муҳити ғунуда овояш.**

Ҷои зикр аст бигӯем, ки ин шеъри зеборо ҳунарманди маҳбуб Қурбоналӣ Абдуллоев ба оҳанги дилпазире даровардa онро аввалин бор дар консерти ба ифтихори 65-солагии рӯзи таваллуди Аҳмад Зоҳир дар толори Филармонияи давлатӣ рӯзи 7-уми июни соли 2011 бармегардида хеле ҷолиб сароид. Шоир Қуввати Давлат бошад дар шеъри "Туғёни суруди Аҳмади Зоҳир" таронаҳои ин хунёгари бемислро ҳодии роҳи адлу инсоф донистааст:

**Бар нолаи қавме биҷаҳад қудрати тундар,**
**Ояд чу суруде зи раҳи наъраву фарёд.**
**Бо зеру бамаш хашми халоиқ бихурӯшад,**
**Ҳампо бикунад пири ҷавонро ба раҳи дод.**

Шоири шодравон Амонбеки Шоҳзода низ дар шеъри "Баҳри тарона зист" таъкид мекунад, ки ӯ бо замона зистааст:

**Ӯ бо замона зист,**
**Ба чангу бо чағонаю розу фасона зист,**
**Аз баҳри хеш не,**
**Баҳри тарона зист.**
**Хуршеди дилпазир,**
**Саҳрои барфгир,**
**Як шоҳиди таронаи ормони ӯ буданд,**
**Бо ин бузургӣ порае аз ҷони ӯ буданд.**

Шоир Мӯҳтарами Ҳотам дар шеъри "Булбули шӯрангез" суруду таронаҳои Аҳмад Зоҳирро зудояндаи занги хотирҳо, рабояндаи сактаи дилҳо, намояндаи роҳи мумкинҳо ва кушояндаи банди мушкилҳо номидааст:

**Зудоӣ занги хотирҳо, рабоӣ сактаи дилҳо,**
**Намоӣ роҳи мумкинҳо, кушоӣ банди мушкилҳо.**

Шоири шодравон Нафасбеки Раҳмонӣ, ки худ низ дар натиҷаи фитнаву дасисаҳои ноҷавонмардона ҷавонмарг шудааст, яке аз аввалинҳо шуда бар марги нобаҳангоми ин овозхони беҳамто бо шеър вокуниш нишон додааст. Воқеан, чи навъе, ки аз худи шеъри "Барқ" маълум аст, Нафасбек онро дар рӯзи дуввуми баъди марги Аҳмад Зоҳир эҷод кардааст:

**Дишаб аз осмони шишанамо,**
**Ҳамчу тире ситорае афтод.**
**Гӯӣ бо нолаҳои синагудоз,**
**Тифл аз гаҳворае афтод.**

**Абрҳои сиёҳ ба рӯй кашид,**
**Осмон то канори беохир.**
**Шуд фурӯзанда барқи кӯтоҳе,**
**Ҳамчунон умри Аҳмади Зоҳир.**

Шоираи дигари ширинкаломи мо Шаҳрияи Аҳтамзод бошад, дар шеъри "Ромишгар" орзу кардааст, ки ҳатто баъди маргаш садои Аҳмади Зоҳир болои марқадаш танинандоз бошад:

**Рӯзе равам ба нам - нами борону сар ниҳам,**
**Бар хоки сард, то роҳам аз ранҷи хештан.**

**Хоҳам, вале садои ту, кошо, чу ояте,**
**Афшон шавад чу бодҳо рӯи мазори ман.**

Шоири таронасаро Олимхони Исматӣ низ ғазалу дубайтиҳое барои Аҳмад Зоҳир гуфтааст, ки имрӯз бахше аз онҳоро овозхонҳои тоҷик ба оҳанг даровардаанд:

**Чи сӯзе буда андар сози Аҳмад,**
**Ки дилро мекунад ҳамрози Аҳмад.**
**Фурӯ басту шикаст овозам, эй дил,**
**Ба гӯшам чун расид овози Аҳмад.**
**Хаёлам аз навоҳояш пареш аст,**
**Дилам аз нағмаҳояш реш - реш аст.**
**Гаҳе болида мехонад, ки нӯш аст,**
**Гаҳе нолида мехонад, ки неш аст.**

Шоираи хушсухан Рафоати Саидзода дар назираи ба ғазали шоири маъруфи афғон Зиё Қоризода "Мушки суда мерезад шаб ба домани Кобул" гуфтаи худ ҳолати ҳузнангези Кобулро ба риштаи тасвир дода, аз Аҳмад Зоҳир ёд мекунад:

**Охир ин чӣ ғавғое дар пиромани Кобул,**
**Бишнавам ба гӯши дил оҳу шевани Кобул.**
**Пажмурда чашмаҳояш, садбаргу суманҳояш,**
**Хира гашта хуршеди партавафгани Кобул.**
**Ҳар лаҳза кашам фарёд, сад дод, Худоё дод.**
**Ку Зоҳири зебои ғулғулафгани Кобул.**

Барои шоир Муҳаммадюсуфи Давронзод Аҳмад Зоҳир баъди Борбад ӯ Борбад аст:

**Агар ӯ соф Зоҳир буда бо зоҳирпарастоне,**
**Барои ман зи баъди Борбад ӯ Борбад буда.**
**Ҳама хунёгарони бодӣ андар пеши ӯ ҳечанд,**
**Бароям то абадҳои абад ӯ Борбад буда.**

Дар байни шоироне, ки барои Аҳмад Зоҳир шеър гуфтаанд, Ҷамшеди Раҳимзод аз бисёр ҷиҳат фарқ мекунад. Қабл аз ҳама ин ки ӯ ҷавонтарини онҳо ба шумор меравад. Ҳамагӣ сиву се сол дорад. Аз ин умри худ понздаҳ солашро ӯ дар бистари маризӣ гузаронидааст. Понздаҳ сол боз ӯ аз пой мондааст. Худованд ӯро агар аз неъмати пойи равон маҳрум кардааст, вале табъи равонаш додааст. Ҷамшед дар бораи Аҳмад Зоҳир чунон шеъри зиёде навишт, ки баъдан онҳоро гирд оварда дар як маҷмӯа таҳти унвони "Аҳмадзоҳирнома" ба нашр расонидааст. Ҷамшед, чи тавре, ки дар шеъраш мегӯяд, садои Аҳмади Зоҳирро дар гоҳвора баробар бо нӯшидани шири модар шунидааст:

**Зи ҳама нағмаи пурғулғули булбул шуда дилгир,**
**Волаи нози навои ту шудам, Аҳмади Зоҳир!**
**Лаззати меҳри садои ту ба гаҳвора шунидам,**
**Ман аз он чашмаи Зам-Зам, шарафи қул-қули шир.**

Шоирони зиёде дар вақти тавсифи овозхонҳо онҳоро ба булбул ташбеҳ додаанд. Ҷамшед ҳам дар вақти васф кардани Аҳмад Зоҳир аз вожаи булбул истифода кардааст, вале бо тафовут аз дигарон. Дар боло дидем, ки дар як байте аз овози булбул дилгир шуданашро гуфта, хоҳиши шунидани садои Аҳмад Зоҳирро карда аст. Дар ҷои дигар ба булбул руҷӯъ карда, ӯро ба хомӯшӣ даъват меку-

над ва мегӯяд:

**Ай булбули зи бедилӣ дар банди сад наво,**
**Даркаш забон, ки Аҳмади Зоҳир намешавӣ.**

Дар матлаъи як ғазали дигари ба Аҳмад Зоҳир бахшидааш ин матлабро Ҷамшед ба ин тарз овардааст:

**Сарояд Аҳмади Зоҳир даме бо чаҳ-чаҳи ширин,**
**Дилам аз ростӣ сӯзад ба ҳоли булбули мискин.**

Дар байти охири як рубоӣ Ҷамшед аз булбул хоҳиш мекунад, ки аз сахтгуфториҳояш наранҷад:

**Булбули вола, маранҷ аз сари ноз  аз суханам,**
**Хуш наво дориву чун ӯ ту куҷо мехонӣ?**

Барои чӣ Ҷамшед ин қадар дилбанди таронаҳои Аҳмад Зоҳир аст? Ба ин савол  худи ӯ дар як шеъраш чунин ҷавоб гуфтааст:
**Барои ман муқаддасанд:**
**Замин**
**Модар**
**Ватан**
**Сулҳ**
**Баҳор**
**Ва охир**
**Садои Аҳмад Зоҳир**
**Садое, ки таровати баҳорро дорост,**
**Садое, ки рашки баҳорон аст.**

**Садое, ки лол монӣ, ки ӯст дар нағма,**
**Ва ё тараннуми борон аст.**
**Садое, ки меҳру муҳаббати волидон доранд,**
**Садое, ки бӯи ҷовидон дорад.**
**Садое, ки ҷон дорад…**

Оишаи Бухороӣ агарчӣ эҳсосоти қалбиашро ба риштаи наср кашидааст, вале он на камтар аз шеъру қасидаву ғазал муассиртар будааст. Таронаи мансури "Бархез, Аҳмад", ки бо баҳонаи 55 - солагии Аҳмад Зоҳир суруда шудааст, моҳият ва қиммати на камтар аз як достонро дорад. Барои ҳамин ҳам бо овардани матни пурраи ин тарона ман ба рисолаи худ дар бораи Аҳмад Зоҳир ҳусни мақтаъ мебахшам:

"Бархез Аҳмад, ба чашмам Зоҳир шав! Бароят фасонаи ҷашни мавлуд бигӯям. Замоне буд - айёми тозаҷавониям. Сахт зебопараст будам. Чеҳраи зебо ва суруди фораму ғулғулаангезат ба дилҳо мавҷи тӯфони муҳаббат мезад. Мисли ҳар як ҷавони 35-соли қабл. Он рӯзгор аксҳоятро дар мағозаву дӯкон, дар кӯчаву бозор, дар пештоқи манзил, ҳамрадифи аксҳои арӯсии ҳар хонадон, баъзан дар паҳлӯи акси Гугуш медидам ва то дер гоҳ тамошояш мекардам...

Он замон ту оҳанги ниёзи ҳамзабониро бар гӯши мо - ташнагони дурри дарӣ бо ифтихори том тараннум мекардӣ.

Садои зиндагии орому зебоят аз он сӯйи дарё марзҳои сиёсиро убур мекард. Ва аз қаъри дарёи Омӯ гавҳари ҳунари волои Кобулҷонатро ҷорӣ мекард, сӯйи мо - ташнагони садойи ошно.

Аҳмади хушовоз!

Ҳунару истеъдоди нотакрори ту беҳтарин қосиди фарҳанги асил буд: Дар Балху Бухоро, Самангону Самарқанд, Хоразму Исфаҳон, Форобу Фарғона, Хуросону Бағдоду Эрон, Аврупову Амрико ва кулли ҷаҳон.

Аҳмади ҳунарманд! Оё медонӣ? Аз он рӯзе ки тири ҷаҳолат тӯи ҳунармандро аз мо рабуд, ба сари сарзамини ШОҲНОМАСОЗ - и ту бозии АШКБӮСОНИ ҷаҳон оғоз шуд. Кобулҷонатро мисли орзуҳои ҷавонмаргат ба хок яксон карданд.

Бархез Аҳмад! Синни 55- барои марде, ки зодгоҳаш ДИЛИ ОСИЁСТ - камоли шукуфойии ҳунар аст! Бори дигар садо кун! Сари кӯҳҳои баланди Осиё! Бо фарёди фарами ҳунарат садои пурдаҳшати тиру тӯфанги ҷоҳилони абарқудратро хомӯш кун! То оҳанги зебову осмонпечи мусиқиат авбошони сарзаминатро зебопарастӣ омӯзанд. То ба ватани хастаҳоли ту ба ҷои силоҳ - инсоф, ба ҷои захр шакар, ба ҷои ҷаҳл-муҳаббат арзонӣ кунанд. Гӯши ваҳдати Афғонистон имрӯз беш аз ҳама рӯз ниёз ба овози дилнавози ту дорад.

Бархез Аҳмад, бори дигар Зоҳир шав! Бо зеботарин фарёди ватандорӣ суруди меҳрубонӣ, ишқ, дӯстӣ, ҳамдилӣ бихон! То мардумони ҷаҳонпарешони кишвари мардпарварат - шефтаи овоз ба сӯят бишитобанд ва бигӯянд: паёми сулҳ ва ҷашни мавлуд бар ту ва бар ватандорон муборак!

# VI. ЗАМИМА

## 1. АШЪОРИ ШУАРОИ ТОҶИК ДАР ВАСФИ АҲМАД ЗОҲИР

**ФАРЗОНА**

### ФИҒОНИ ХАЛҚЕ, КИ АҲМАДИ ЗОҲИРРО ОФАРИДА

Суруде ҳамчу пайғоми ҳаёт ояд ба гӯши ман,
Суруде, ки сукунатро кушад дар мулки хоболуд.
Суруде, ки худовандаш сукути ҷовидон дорад,
Магар хезад наво аз гӯр в-аз лабҳои гиландуд?!

Аё мурғи шабовези Ватан, бо хуни поки ту
Кадомин теғ зангаш шусту то дунёст, хунин монд?
Суруди охиринат ашки борон буду чун бишнид,
Кадомин қотилеро дил даруни сина сангин монд?

Намедонам, вале гоҳе, ки овои ту мехезад,
Фурӯ хоҳад шуд он қотил зи авҷи нағмаҳои ту.
Ту якто будиву хуни ҳазорон қотилат акнун,
Баробар нест. эй доди Худо, бо хунбаҳои ту.

Ту дар ман зода гаштӣ ҳамчу пайғоми саодатҳо,
Чу марҳам бо сурудат дардҳоямро даво кардӣ.
Ту якто будӣ, аммо дар бузургӣ ончунон будӣ,
Ки нуқсамро расо кардӣ, сукутамро наво кардӣ!

Ало мурғи шабовези Ватан, Меҳан намемирад,
Сурудат дар вуҷудаш зиндагиро мекунад эҳё.
Ҳанӯз оҳанг хезад аз гулӯи хунчакони ту,
Ту дар ман ҳастӣ, то дунёст, то дунёст, то дунё!

## ҲАМОҲАНГИ БОРОН

Панҷаҳои булӯрини борон
Дар тани шиша лағзише дорад.
Шояд ин лаҳза дар сари гӯре
Чашми гардун сиришк меборад?

Оғӯши сабзи хонаам ин дам
Пур бувад аз таронаи Зоҳир.
Оҳ! Борон! Зи савти ту шевост
Шевани ҷовидонаи Зоҳир.

Мо, ки парвардаи як оҳангем,
На хомӯшему не хурӯшоне.
Савти Зоҳир бибояд андар дил,
То дамад хуни гарму ҷӯшоне.

Чашмаи оби зиндагонӣ аст
Нағмаҳои равону шевояш.
Балки бедор мекунад моро,
Дар муҳите ғунуда овояш.

Ҳамчу ӯ булбули хушилҳоне
Зодаи ҳар чаман нахоҳад шуд.
Дарди ӯ қудсӣ буди лафзаш низ
Буду ҳасту куҳан нахоҳад шуд.

Ӯ марову чу ман ҳазоронро
Ҳамдилу ҳамнавои дерин аст.
Бо ҳама талхиҳои фарҷомаш
Зиндагибахши ҷони ширин аст.

Ӯ маро мешиносад аз дурӣ,
Ончунон, ки ситора шабнамро.
Ё маро ӯ намешиносад ҳеҷ
Ончунон, ки гузашта ин дамро.

Медиҳад рӯи шишаро молиш
Панҷаҳои бурӯрии борон.
Баъди мо низ бо башар монад
Рӯҳи Зоҳир ҳабибу ҳамдаврон.

## МЕҲРИНИСО

### САДОИ ТУ САДОИ РЕЗИШИ БОРОН

Садои ту садои резиши борон,
Садои ту ғиреви обшорон аст.
Садои ту сафои чашмаи кӯҳӣ,
Тапишҳои дили гарми баҳорон аст.
Ҷаҳон аз шӯри оҳангат шарар дорад,
Забону лаҳни ширинат шаккар борад.
Миёни мавҷи оҳангат чӣ асрорест,
Ки дар оғӯши зебоят гуҳар борад.
Дами Исо ҳамеояд аз оҳанги садои ту,
Басе ушшоқро дидам саропо мубталои ту.
Ҳунармандони дунёи ҳунар бешубҳа бисёранд.
Шукӯҳи дигаре дорад валекин муддаъои ту
Зи овози ту овози ниё бар гӯш меояд,
Зи оҳанги ту оҳанги висолу нӯш меояд.
Суруди ту Хуросонро сурури ҷовидон бахшад,
Баҳори орзуҳоям зи ту гулпӯш меояд.
Ҷаҳони ту ҷаҳони шеъру оҳанг аст,
Ҷаҳон бе шеъру оҳанги ту беранг аст.
Набошад гар суруди дилфиреби ту,
Барои гиря кардан ҳам дилам танг аст.

## НИШАСТА ДАР ТАНАМ ЧУН ҶОН, САДОИ АҲМАДИ ЗОҲИР

Нишаста дар танам чун ҷон садои Аҳмади Зоҳир,
Хаёлам мӯъҷизи Қуръон садои Аҳмади Зоҳир.
Ба оҳанги дилангезаш, забони шаҳдомезаш,
Тасаллои дили инсон садои Аҳмади Зоҳир.
Ҳама панду ҳама қанду давобахшанда испанд аст,
Давою дорую дармон садои Аҳмади Зоҳир.
На ҳамтое навояшро мақому эътиборашро
Атои олами кайҳон садои Аҳмади Зоҳир.
Зуҳури Шамс дар оҳанг, ҳузури Мониву Аржанг,
Гуҳар андар гуҳарафшон садои Аҳмади Зоҳир.
Гулу булбул ба ҳам ояд, баҳоронро биорояд,
Пур аз файзу пур аз эҳсон садои Аҳмади Зоҳир.
Ба ҳам орад Хуросонро Бухорову Самангонро,
Паёми ваҳдату паймон садои Аҳмади Зоҳир



Мавлоно Ҷаллолуддин Балхии Румӣ



Фурӯғи Фаррухзод, шоираи эронӣ



Раҳии Муъайирӣ



Абулқосим Лоҳутӣ



Мирзо Турсунзода



Муҳаммадризои Тоҷиддини шоири эронии муқими Душанбе бо дӯсташ Ҳамидии Мусаддиқ, ки ду сурудашро Ахмад Зохир хондааст.



Абдулло Қодирӣ, шоири тоҷик



Гугуш, хонанди маъруфи эронӣ



Аҳмад Валӣ, овозхони афғон,
яке аз шогирдони
Аҳмад Зоҳир



Саидисмоили Саидҳабиб, устоди Ахмад Зохир
дар литсеи Ҳабибия



Фазлаҳмади Найнавоз, Аҳмад Бобоқулов,
Карим Қосимов ва дигарон



Аҳмад Зоҳир борҳо меҳмони Самади Дордор будааст.




Раззоқи Момун нависандаи афғон



Ҷавоншери Ҳайдарӣ коргардони филми “Алмоси Шарқ” ва муаллиф



Забеҳулло Амонёр
журналист ва овозхони афғон



Шоҳвалӣ Валии Таронасоз,
овозхон ва оҳангсози афғон.



Шермуҳаммади Ҳиротӣ



Забеҳуллоҳи Ҷавонмард ва муаллиф



Аъзами Навшод, писари Анвари Навшод
аккордеоннавози машҳур



профессор Худойназар Асозода,



Муҳиддин Олимпур



Назри Яздонӣ, шоир ва файласуфи тоҷик



Меҳриниссо, шоирае, ки шеъри дар васфи Аҳмад Зоҳир навиштаашро дар назди худи ӯ хондааст



Ҷӯрабек Назриев, Ҷӯрабек Муродов ва Қурбоналӣ Раҳмонов.




Ҷӯрабек Назриев, донишманд, ва ромишгари маъруф, дӯсти Аҳмад Зоҳир.



Баҳодур Неъматов - Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон



Дона Баҳромов - Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон




Мастона Эргашева, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон



Қурбоналӣ Абдуллоев ва Бунафша Шокирова,
овозхонҳои маъруфи тоҷик



Фурқати Саид ва Луҳираи Мӯъмин, овозхонҳои тоҷик



Ғафси Залмай, журналисти афғон ва муаллиф



Мӯҳтарами Ҳотам
шоир ва нависандаи
тоҷик



Раҷабалии Худоёр,
шоир ва мунақидди тоҷик



Шоири маълул Ҷамшеди Раҳимзод, муаллифи китоби “Аҳмадзоҳирнома”.



Ҷашни 65-солагии Аҳмад Зоҳир дар толори Филармонияи давлатии Тоҷикистон

## ШАҲРИЯ

### РОМИШГАРИ БИҲИШТӢ

Ромишгаре, ки ҷон диҳад бар набзи хомӯшам,
Пурармон Аҳмади Зоҳири хушнавост.
Бархе зи ҳофизон агар тақлиди ӯ кунанд,
Аз ин миён садои ӯ бар ҷони ман давост.

Бо савти дилгудози худ бас шӯрҳо фиганд,
К-аз он дили ҳазорҳо чун чашма ҷӯшида.
Ман марсия сароям гирям барои ӯ,
К-аз хуни гарми ӯ кадом қотил нӯшида?!

Дар айни навҷавонию парвозҳои дур,
Тири кадом ҷоҳиле бар синааш расид?
Аз он нафас дилам аз ин дунёи кӯзпушт,
Дар сина сард гаштаву умре аз ӯ рамид.

Аз он нафас ба қалби худ эҳсос кардаам,
Дунёст як фасонаи пурсӯзу нотамом.
Як зумра гар ҳамехӯрад нони ҳалоли ӯ,
Як тӯда мекунад, вале дунёи худ ҳаром,

… Бо он садои гарми худ, ай Аҳмади азиз,
Бар қалби сарди фузун афзудаӣ шарор.
З-он дам, вале, ки рафтаӣ исён ҳамекунам,
Бо ин замони саркашу пуршӯру бебарор.

Баъди аз ғуруби умри ту, эй хушсадо ҳанӯз,
Чашмони хандонрези ман бар гиря моиланд.
Бар фитаи садои ту ман гӯш медиҳам,
Дигар сурудҳо маро бас сарду ботиланд.

Рӯзе равам ба нам-нам борону сар ниҳам,
Бар хоки сард то раҳам аз ғусса тан ба тан.
Хоҳам, вале садои ту бар ҷои ояте,
Афшон шавад чу бодҳо рӯи мазори ман!

## МАРСИЯ БАРОИ АҲМАДИ ЗОҲИР

Сурудат боз мехоҳам шунидан,
Зи шеванҳои боду ашки борон.
Ман аз нӯшобаи лаҳни садоят,
Бинӯшам ҷои заҳри рӯзгорон.

Хуморӣ мешавам чун бар садоят,
Ҳамеҷӯям туро пайдову пинҳон.
Шабеҳи ту намеранҷам ба олам,
Шабеҳи ту манам баргаштаармон.

Зи Кобулҷони ту, дардо, наояд.
Садои хандаи мастонаи ту.
Маро завқи шунидан буду дидан,
Набишнидам дигар афсонаи ту.

Аё Аҳмад, дар ин дунёи золим,
Садои ту садои меҳрубон буд.
Дилам дар лобалои нағмаҳоят,
Лаболаб пур зи ишқу ормон буд.

Ба ҷурми тирақлони замон лек,
Фурӯғи умри ту рӯзе шудӣ тор.
Набитвонам ман ин розам нуҳуфтан,
Дилам бо ёди ширини ту афгор.

Вале чун мекунам, ай булбули Шарқ,
Фалак лутфе надорад бар ҳунарманд.
Ту ки дунёи дилҳо шод кардӣ,
Кунад обод он даҳрат Худованд.

Каломи ҳақ ба лаб тифлона гирям,
Чи дилгирам, чи дилгирам аз ин фанд.
Мане, ки бастаӣ фарёди ӯям,
Худоё, то абад монам бар он банд!

## НАФАСБЕК РАҲМОНӢ

### Б А Р Қ

Дишаб аз осмони шишанамо
Ҳамчу тире ситорае афтод.
Гӯӣ бо нолаҳои синагудоз
Тифл аз гоҳворае афтод.

Абрҳои сияҳ ба рӯй кашид
Осмон то канори беохир.
Шуд фурӯзанда барқи кӯтоҳе
Ҳамчунон умри Аҳмади Зоҳир.

Дафтари шеър пеши чашми тарам
Бистари сардро ба ёд орад.
Аз қалам ҷои мисраҳои қатор
Ашки ғам ҷӯя-ҷӯя мешорад.

Турфа расмест олами моро,
Ки касе ҷовидон намемонад,
Нек донам, суруди афғонро
Ҳамчу Зоҳир касе намехонад.

Ҷояш акнун миёни мо холист,
Бурда ӯ созҳо ба пардаи хок.
Аз паси қуллаҳо ба дидаи тар
Алвидоъ гӯямаш ба синаи чок.

## ҚУВВАТ ДАВЛАТ
## ТУҒЁНИ СУРУДИ АҲМАД ЗОҲИР

Туғёни суруде зи раҳи хандаву оҳ аст,
Лабрез кунад аз ғаму шодӣ дили моро.
Дар тан бидамад лаззати эҳсоси муҳаббат,
Бар мо бичашонад сари ангушти навосоз
Як бори дигар тамъи ғаму шодии рафта,
Ширинию талхии кафи хотираҳоро.

Бар нолаи қавме бичаҳад қудрати тундар,
Ояд чу суруде зи раҳи наъраву фарёд.
Бо зеру бамаш хашми халоиқ бихурӯшад,
Ҳампо бикунад пири ҷавонро ба раҳи дод.

Дар базм ба по ҷумла бихезонида бар ракс,
Нерӯи фусункори дафу савту тарона.
Бо қомати печон бикашад рақскунон сар
Ҳар тан зи шарархонаи дил ҳамчу забона.

Чун замзама хезад зи лабе аз паи бӯса
Андуда ба сӯзи дилу бо ҳасрату армон -
Ёди лаби ёре бимакад хуни диламро,
Бо ёди лабе ояду ларзад ба лабам ҷон.

Ӯ кист ба овози хушаш аз сари фарёд
Ифшо кунад оҳи дили ранҷидаи моро?
Ӯ кист, ки бо нағмаю оҳанг сарояд
Дилшодии дар ханда нағунҷидаи моро?

## НАЗРИ ЯЗДОНӢ

## ДУРУДИ ҶОНИ МО, БАР ҶОНИ ҶОНҲО, АҲМАДИ ЗОҲИР

Дуруди ҷони мо, бар ҷони ҷонҳо, Аҳмади Зоҳир,
Дуруди ҷонии ин ташанҷонҳо, Аҳмади Зоҳир.

Навоят мебарад дилро, фиғонат медарад дилро,
Равоне медамад дилро, ҳамоно Аҳмади Зоҳир.

Ҳама ширинихои савти Ҳинду шарқиву ғарбӣ,
Ба нои Мавлавӣ бинмудаӣ ҷо, Аҳмади Зоҳир.
Зи ишқи зиндагонӣ аз ҷавонӣ хонда, хуш хондӣ,
Илоҳо, хуш бихонӣ ҷовидоно, Аҳмади Зоҳир.

Шаҳиди ғарқаи хунро, Худоё, ғарқи раҳмат кун,
Насибат бод ҷоми антаҳуро, Аҳмади Зоҳир.
Зи ишқи осмонӣ ҷовидонӣ то садо кардӣ,
Ту ишқи осмонӣ дода моро, Аҳмади Зоҳир.

Дуруди ҷони мо, бар ҷони ҷонҳо, Аҳмади Зоҳир,
Дуруди ҷонии ин ташанҷонҳо, Аҳмади Зоҳир.

## МӮҲТАРАМИ ҲОТАМ

### БУЛБУЛИ ШӮРАНГЕЗ

Суруди ту зи дил хезад, нишинад боз бар дилҳо,
Чу амворҷи хурӯшон мекашад худро зи соҳилҳо.

Ту гарчи дар баҳори ошиқӣ дигар намерӯӣ,
Гули овозат умре сар барорад аз гили дилҳо.

Ба эъҷози навин бархез, шӯри булбулон ангез,
Бияфзо ишқи ошиқҳову бикшо ақли оқилҳо.

Ба ёди лаҳни ту рафт ашки чашми булбулон бар хок,
Ба умеди ҳавоят сар кашида лолаи дилҳо.

Суруди ту ки барҳақ сеҳри достони Масеҳо кард,
Ба нерӯи навои ту зи ҷо хезанд бисмилҳо.

Ба фарёди ту гулҳо аз канори санг мерӯянд,
Ба эъҷози навои ту малак гарданд азозилҳо.

Чу ҳарза буда қасди қотилони кӯру кар бо ту,
Садои ту ба ҳар рӯзе кушад сад бор қотилҳо.

Ба танҳоӣ ту бо моӣ, ба ҷамъе маҳфилоройӣ,
Физоӣ шӯри ошӯбе, дамӣ сури сирофилҳо.

Туро гар лаҳза бурд аз мо, валекин зиндаи Вақтӣ,
Ҳидоят менамоӣ сӯи манзил бори маҳмилҳо.

Ба пеши ту суҷуд орад ҳама имону мазҳабҳо,
Ба номи ту ба ҳам гашта ҳама қавму қабоилҳо.

Зудоӣ занги хотирҳо, рабоӣ сактаи дилҳо,
Намоӣ роҳи мумкинҳо, кушоӣ банди мушкилҳо.

Ту будӣ шӯри булбулҳо, ту будӣ ошиқи гулҳо,
Фурӯзӣ оташи дилҳо, ту сӯзи шамъи маҳфилҳо.

## АМОНБЕК ШОҲЗОДА

## БАҲРИ ТАРОНА ЗИСТ

Ӯ бо замона зист,
Ба чангу бо чағонаю розу фасона зист,
Аз баҳри хеш не,
Баҳри тарона зист.
Хуршеди дилпазир,
Саҳрои барфгир,
Як шоҳиди таронаи ормони ӯ буданд,
Бо ин бузургӣ порае аз ҷони ӯ буданд.
Дар лаҳни ӯ таронаи паймони ошиқон,
Дар рӯҳи ӯ  равонии дарёи бекарон.
Васфи нигори гулдаҳани чун парӣ намуд,
Ширинтаре ба лаҳни худ ҳарфи дарӣ намуд.
Мисли уқобе тез сурудаш парида буд,
То кӯҳи Тирбанд навояш расида буд.
Ними замину ними замона ба шавқу шӯр,
Сози варо чу сози дилогаҳ шунида буд.
Чун абри навбаҳор, ки худ навҳа менамуд,
Бар гӯши ҷумла сабзаю гул нола менамуд.
Дар рӯзи марги ӯ,
Ними замину ними замон гиря менамуд.

## НИЗОМ ҚОСИМ

### С У Р У Д

Барафрӯзат дили моро
Садои Аҳмади Зоҳир.
Бисӯзад ҳар диле ҷовид
Барои Аҳмади Зоҳир.
Бирафт ӯ аз миён, аммо
Садояш дар миён монда.
Аз ӯ дар олами фонӣ
Садои ҷовидон монда.
Ба овои хушаш мегуфт
Ҳама рози дили моро.
Ба ҳар ҷоне қарин мекард
Ғаму шодии дунёро.
Тасалло як ҳамин бошад
Барои ҳамдилони ӯ.
Ки ӯро зинда медорад
Садои ҷовидони ӯ.
Ба рӯди зиндагӣ ҷӯр аст
Суруди Аҳмади Зоҳир.
Зи сад роз аст гӯётар
Сукути Аҳмади Зоҳир.

## ОЛИМХОН ИСМАТӢ

## ЁДИ АҲМАД ЗОҲИР

***Ба ҳар маҷлис, ба ҳар зиндон, ба ҳар шодӣ,***
***ба ҳар мотам,***
***Ба ҳар ҳолат, ки будам, бо ту будам,***
***Меҳан эй Меҳан!***
**(Аз сурудаҳои овозхон)**

Сурудатро ба ҳар манзил шунидам, Зоҳир, эй Зоҳир!
Ба ҳар чое, ки будам, бо ту будам, Зоҳир, эй Зоҳир!
Навоят рехтан дорад, ба ҷон омехтан дорад,
К-аз овозат биларзад тору пудам, Зоҳир, эй Зоҳир!
Туро бишнида-бишнида, бирезад ашкам аз дида,
Ғаматро аз дили худ кай зудудам, Зоҳир, эй Зоҳир!
Дигар ман дил куҷо дорам, ки як дам бишнавам ово?
Ки овои ту, ё раб, дил рабудам, Зоҳир, эй Зоҳир!
Ту яктоӣ, ту танҳоӣ, ту то дунёст, бо моӣ,
Худоё, бишнавӣ боре дурудам, Зоҳир, эй Зоҳир!
Туро куштанд ҳамчун машъали дилҳои мо, эй вой,
Бурун омад чу шеър аз сина дудам, Зоҳир, эй Зоҳир!

## ТАРОНАҲО

Чӣ сӯзе буда андар сози Аҳмад,
Ки дилро мекунад ҳамрози Аҳмад.
Фурӯ басту шикаст овозам, эй дил,
Ба гӯшам чун расид овози Аҳмад.

Аҷал санге ба ҷоми умри ӯ шуд,
Вале боло мақоми умри ӯ шуд.
Агар умри суруде буд ҳофиз,
Суруди ӯ давоми умри ӯ шуд.

Хаёлам аз навоҳояш пареш аст
Дилам аз нағмаҳояш реш-реш аст.
Гаҳе болида мехонад, ки нӯш аст
Гаҳе нолида мехонад, ки неш аст.

Бупечад савти ӯ дар маҳфили мо
Бишӯрад лаҳзае обу гили мо.
Агар овози ӯ хомӯш гардад,
Садо бидҳад сурудаш дар дили мо.

## РАФОАТ САИДЗОДА

### КУ ЗОҲИР?

***Мушки суда мерезад шаб ба домани Кобул,***
***Сабзаву суман резад кӯю барзани Кобул.***
*(Зиё Қоризода)*

Охир ин чӣ ғавғое дар пиромани Кобул?
Бишнавам бар гӯши дил оҳу шевани Кобул.
Пажмурда чаманҳояш, садбаргу суманҳояш,
Хира гашта хуршеди партавафгани Кобул.
Аҳли ҳунараш нолон, бемайҳану саргардон,
Ҳайфи андалебони сӯхтахирмани Кобул.
Ҳар лаҳза кашам фарёд, сад дод, Худоё, дод
Ку Зоҳири зебои ғулғулафгани Кобул.
Ҳар хонаю як мотам, ҳар ҷое ғубори ғам
Ашки ғусса мерезад ҳар марду зани Кобул.
Ҳифзи майҳанат бархез, бар душмани худ овез
Тира то ба кай бошад рӯзи рӯшани Кобул?

## САЛИМИ ХАТЛОНӢ

### ТОРИ ГУСАСТА

Эй тори бенаво,
Эй тори бесадо,
Тарки ту кард нағмаи дилсӯзи зиндагӣ,
Афсӯси зиндагӣ…

Сӯҳони умр хурдаву афсурда гаштаӣ,
Аммо ба ҷони ту ғами ғампарварӣ назад.
Гарчи дари навои туро бо умеди нек
Дидам, ки шавқи панҷаи хунёгаре назад.

Донам чунон, ки дар дили дардошнои ту
Ёди баҳори рафтаи ёрони ҷонӣ буд.
Ҳар раҳза дар замири ту сӯзи ҷавонӣ буд,
Сози ту поси хотираи ҷовидонӣ буд.
Донам чунон, ки ҳар нафаси зиндагоният
Саршори нағмаҳои хуши зиндагонӣ буд.
Ҳоло хомӯшӣ ту,
Ҳоло хомӯш монда ба ҷонат хурӯшӣ ту.
Аммо бо шавқи замзамаи рӯзгори пеш
Сози ту захма мезанад бар ёдҳои ман.
Хомӯшиҳои қалби маро бо садои хеш
Аз сарнавишти пурғами ёрони роҳи ман
Саршор мекунад.
Ғамҳои кӯҳнаро

Дар олами садои ман бедор мекунад.
Овози сози мурдаат нахли ҳаётро
Аз ғураҳои зиндагӣ пурбор мекунад,
Пурбор мекунад…

## МУҲАММАДЮСУФИ ДАВРОНЗОД

### ХУНЁГАР

Худамро мебарам аз ёду ёде мекунам аз ӯ,
Ба шабҳое миёни нағмаҳои чанги хомӯшӣ.
Ба вақти ёди ӯ аз осмонҳо мешавад ҳамҷӯр
Навояш бо забони нағмаҳои чанги хомӯшӣ.

Мисоли обҳое, ки чаканд аз решаҳо бар хок,
Садояш мечакад аз решаи мӯ бар даруни ман.
Намояд тоза ин қанди садо хуни вуҷудамро,
Дарунам сабз мегардад ба монанди буруни ман.
Агар ӯ соф Зоҳир буда бо зоҳирпарастоне,
Барои ман зи баъди Борбад ӯ Борбад буда.
Ҳама хунёгарони бодӣ андар пеши ӯ ҳеҷанд,
Бароям то абадҳои абад ӯ Борбад буда.

Кашид ӯ бо кашиши нағмааш бо дилкашолиҳо
Ба Шарқаш ғарбзодеро, ки расми мо намедонист.
Ба дунё Шаркро чун тарҷумоне тарҷумонӣ кард,
Зибаски ӯ забони ҷумла дилҳоро ҳамедонист.

Агар аз чор сӯ халқе ба сӯяш рӯй гардонид,
Ба Кабул чанд берӯе зи рӯяш рӯй гардонид…
Намегардад забонам, то бигӯям рафта ӯ аз даст,
Зи бефанҳои давраш гарчи дар печи кафан хоб аст.

На, на… бар озмуни санъаташ ӯ бар фалак рафта,
Кунун бо Зӯҳраи хунёгар ӯ машқи ҳунар дорад.
Кунам ман ҷони худро бе таассуф ҳадяи оне,
Ки ӯ аз бозгашти Аҳмади Зоҳир хабар орад.

## ҶАМШЕДИ РАҲИМЗОД

# ОНАМ, КИ ҶАҲОН, БО ДАМИ ОВОЗ ГИРИФТАМ

***БА ЁДИ БУЛБУЛИ ШӮРИДАИ ШАРҚ, ОН САДОЕ МУҚТАДИРЕ, КИ ТАКОНБАХШИ ИЛҲОМИ ШОИРИИ МАН АСТ - АҲМАД ЗОҲИР (АЗ ЗАБОНИ ХУДИ ҲОФИЗ САДО ДОДААСТ)***

Аз рӯи маҳи вола сарандоз гирифтам,
Аз барги гули лола пайандоз гирифтам.
Овозаи овози маро Муштарӣ бишнид,
Аз сӯзи дили Зӯҳра даме соз гирифтам.
Бигзашта зи худ то  ба Худо рафта расидам,
Аз тори садо чун хати парвоз гирифтам.
З-асрори гулу булбули шӯридаи шайдо,
Бо дасти наво фарҷираки роз гирифтам.
Дилбохтагии ҳунари мусиқиро ман,
Аз Борбади раҳматӣ мерос гирифтам.
Хуштолеъӣ бин, бо ивази нағмаи хубе,
Аз умри азиз умри пасандоз гирифтам.
Куштан натавонад аҷалам, бахти кам аст ин?
Анҷом пазируфтаму оғоз гирифтам.
Бо лутфи сухан Ҳофиз агар гашта ҷаҳонгир,
Онам, ки ҷаҳон, бо дами овоз гирифтам.
Чун ман накунад нола диле вола, кунун як
Ман рози куҷо дод Худо, боз гирифтам.

***

Нола кун, нола кун, э нола кун, э нола кун, э,
Ки бар ин ҷони ба лаб омадаам ҷононӣ.
Булбули вола, маранҷ аз сари ноз аз суханам:
Хӯш наво дорӣ, чун ӯ лек куҷо мехонӣ?

***

Зи ҳама нағмаи пурғулғули булбул шуда дилгир,
Волаи нози навои ту шудам, Аҳмади Зоҳир!
Шиква аз ғам накунам ман пас аз ин, чунки Худованд
Дода ту, карда зи оҳат қадами ғам занҷир.
Ман чӣ сон шефтаи ҳусни навои ту нагардам,
Ки ту бо марҳами захма задӣ бар захми дилам тир.
Лаззати меҳри садои ту ба гаҳвора шунидам,
Ман аз он чашмаи Зам-зам, шарафи қул-қули шир.
Ба Худо, тоқати бишнидани сози ту надорам,
Ҳам на ёрои на бишнидани ӯ, гӯй, чӣ тадбир?!
Ҳамаанд ошиқи зори ту, наузамбиллоҳ
Ки Худоро набувад ин, ки бувад: муслиму кофир.
Шоирам шоираки сода, вале авҷи тари ту,
Дода илҳоми наве, карда маро шоири моҳир.
З-ин сабаб аз дилу ҷон васфи камоли туи ҳофиз,
То бувад умр кунад лутфи каломи мани шоир.

***

Сарояд Аҳмади Зоҳир даме бо чаҳ-чаҳи ширин,
Дилам аз ростӣ сӯзад ба ҳоли булбули мискин.

Чӣ андӯҳест, вақте як гуле не, чун дигар гулҳо,
Ниқоби хок бар рух мекашад айёми фарвардин.
Ҳазорон оҳ ҳар як лаҳза агар гӯям ба сад сӯзиш,
Дилам пас андаке меёбад аз туғёни ғам таскин.
Дилам кайҳо ба чанги оташи шайдоӣ афтода,

Ман инро аз дурахши чашми шаҳло кардаам тахмин.
Яқин дорам, зиёд аз ахтарони авҷи гардунанд,
Ҳама он гавҳари гардида дар қаъри дилам таҳшин.
Чи неку шоирӣ, дасти дуо бардорӣ ар аз сидқ,
Аё Ҷамшед, андар мавсими наврӯзи навоин.
Ва беҳ аз ин чӣ бошад, к-охири ҳар шеъри худ гӯӣ,
Илоҳо ҳар диле бар ҳар муроди худ расад, Омин!

## САДОИ ПО

### Ба зиндаёд Аҳмад Зоҳир

Барои ман муқаддасанд:
Замин
Модар
Ватан
Сулҳ
Баҳор…
ва охир,
Садои Аҳмади Зоҳир.
Садое, ки таровати баҳорро дорост,
Садое, ки рашки баҳорон аст.
Садое, ки лол монӣ, ки ӯст дар нағма,
Ва ё тараннуми борон аст.

Садое, ки меҳру муҳаббати волидон дорад,
Садое, ки бӯи ҷовидон дорад.
Садое, ки ҷон дорад.
Садое, ки сар то қадам ноз аст,
Садое, ки ифшогари роз аст.

Садое, ки тиловати Қуръон -
Садое, ки таҳорати овоз аст.
Ва хулоса
Садое, ки ман дар ҳошияи ҳусни ӯ,
ҷаҳонро сарфи назар кардам
Ва рӯзе дилам чунин сало сар дод:
Миёни овози Аҳмади Зоҳир ва баҳор тафовут чист?
Ақл гуфт: тафовут нест, ба ҳурмати рухи ёр
Ва ман чунин дарёфтам:
Садои пои Аҳмади Зоҳир бувад, садои гоми баҳор!

## САВТИ ОЛАМСӮЗ

**Ба ёди сарояндаи ҷодунаво Аҳмад Зоҳир**

Ба нисбат Борбад гар Рӯдакии санъати мо буд,
Туро, эй Аҳмади Зоҳир, бихонам Хоҷаи Шероз.
Чаро, ки шеъри оламгир килки ӯ бикард эҷод,
Чаро, ки савти оламсӯз, тори ту геронд оғоз.

Худованд он даме эҳдо бикардад бахри инсонҳо,
Аз он дам оламе дар олами ҳар қалб эҳё шуд.
Зи рангорангии чангат, зи марғӯбии оҳангат
Бишуд ҳар қатра дарёеву ҳар як зарра дунё шуд.

Туро ман боз нисбат медиҳам бо чашмаи ҳайвон,
Ва ё бо Хизри фаррухпай, ки яктоянду мемонанд.
Ту худ он Хизрию овози ту он чашмаи ҳайвон,
Ки то дунёст мемонанд, бетақлиду бемонанд.

Ба гӯш овози ту бо лутфи худ ҳамсони борон аст,
Ки мешӯяд ба як дилгармие зангори дилҳоро.
Ба он ҷаззобие, ки рашки ҳар оби равон бошад,
Шавад ёри ҳама дилҳо, кушад ағёри дилҳоро.

Туро ман боз нисбат медиҳам бо Шамси оламтоб,
Ки бе миннат равон бахшад ба ҳар ҷоневу ҳар барге.
Ҳунар воло зи ҳар чизе будаст, акнун бидонистам,
Ки онро не кушад фардею, не дардею, не марге!

***

То дарси ғам нахонӣ ту, шоир намешавӣ,
Ё гар шавӣ ҳам, шоири моҳир намешавӣ.
Ай булбули зи бедилӣ дар банди сад наво,
Даркаш забон, ки Аҳмади Зоҳир намешавӣ.

## РАҶАБАЛИИ ХУДОЁРЗОДА (ДИЛҶӮЙ)

### Барои Аҳмад Зоҳир

Ба гӯши ҷони ман ояд навои дилрабойи ту,
Гули шавқи таманноям шукуфт андар ҳавои ту.
Натанҳо дил бишуд шайдои ҳусни Довудовозат,
Саропои вуҷудам волаву масти садойи ту.
Шудам пазмони оҳангу суруди дилкашу нобат,
Ба ҳар ранге сароӣ, ошиқам бар ҳар навойи ту.
Вуҷуд аз истимои лаҳни зебои ту шуд ором,
Дили мадҳушу шайдогаштаам бодо фидойи ту.
Набошад баҳри ман хуштар зи савти ту дигар лаҳне,
Биё, эй андалебово, ки боғи дил саройи ту.
Мани Дилҷӯй доим масти овози ту мебошам,
Гаҳе хандам, гаҳе гирям барои оҳу войи ту.

***

Аз барои зиндагонӣ шокирӣ хоҳам намуд,
Андалебиро ба лафзи модарӣ хоҳам намуд.
Гар шавам муштоқи савту созу овози хуше,
Гӯш бар оҳанги Аҳмад Зоҳирӣ хоҳам намуд…

***

…Кабоби синаамро ҷуз намак аз сози Аҳмад нест,
Ҳама созу наворо сарфи ин овоз хоҳам кард…

**ЗИКРУЛЛО ВАЛИЕВ,**

## ШОИР ӮЗБЕКЗАБОНИ ТОҶИКИСТОН

## "АҲМАД ЗОҲИРНИНГ ХАЙРЛАШУВ ҚУШИҒИ"
**("Суруди хайрбоди Аҳмад Зоҳир"):**

Хайр, менинг муҳибларим- холис, хайрхоҳ,
Хайр, жӯшқин туғуларим поку безавол.
Руҳим букун саргаштадир кӯкда бепаноҳ,
Юксакларга парвоз этар бамисли хаёл.
Букун менинг жаранглаған қушиғими тинди,
Қушиқларки, олам бӯйлаб берарди садо.
Хайр, сизга азиз дӯстим-қушиқлар энди,
Хайр энди, хайр энди, хайр, алвидо…

Хуш қол, тенгсиз она юртим, чунгӯ беғӯбор,
Хайр эндӣ, ҳақиқатдай мағрур Ҳиндукуш.
Она замин юрагида беоҳ, беозор,
Мудраётган гӯдак янглиғ ётибман беҳуш.
Хайрбодо, эзгуликка ташна бӯлган жон,
Инқилобнинг йӯлларида бӯлганлар фидо.
Хайр энди, қалбни эзган муқаддас армон,
Хайр энди, хайр энди, хайр, алвидо…

Кӯзларимга жило берган рангин табиат,
Қонмас эдим боққан ила ташна эдим, зор…
Юрагимни жӯштирарди Илоҳий ҳайрат,

Хайр энди, мангу қушиқ - мафтункор баҳор!
Хайрбодо, вужудимга ҳамроҳ бӯлган ғам,
Орзуларим, қанот ёзмай бӯлдингиз адо.
Хайр, менинг душманларим, қотилларим ҳам,
Хайр энди, хайр энди, хайр, алвидо…

Тирикликнинг саҳросида зору саргардон,
Ҳақ йӯлида завол топган мардлар бегуноҳ.
Хайр энди, юрагимни титратган исён.
Мазлумларнинг ноласига ӯзинг бӯл паноҳ.
Мангуликнинг чӯнг қаъридан янграйди нидо:
"Хайр энди, хайр энди, хайр, алвидо…"

## ТӮРОБ ТӮЛА,
## ШОИРИ ХАЛҚИИ ӮЗБЕКИСТОН

### БА АҲМАД ЗОҲИР

Афғон билан туғилган Ватаним,
Гаму ғазабга тӯлган Ватаним,
Қайта дунёга келган Ватаним.

Куйлаб туриб, йиқилдин қулингда,
Куйлаб туриб, йиқилдин йӯлиннда.

Аҳмад Зоҳир номи мангу дур,
У учмайди, қуёш рангидур,
У инқилоб саври тонгидур…

Куйлаб туриб, йиқилдин қулингда,
Куйлаб туриб, йиқилдин йӯлиннда.

Шералӣ Ҷӯраев, овозхони машҳури ӯзбек ба ҳамин тарона оҳанг бастааст ва чанд муддат ин таронаро низ худ хондааст. Чун дар вақти хондани ин тарона ҳамеша ба эҳсосот медаромадааст ва гиря гулӯгираш мекардааст, аз шогирдаш овозхони хуб Нуриддин Ҳайдаров хоҳиш мекунад аз ин ба баъд ин таронаро ӯ бихонад.

Ба гуфтаи Самадбек Муродӣ, шоири ӯзбекзабони Тоҷикистон, Нуриддин Ҳайдаров соли 2005 дар синни 48-солагӣ ба таври фоҷиавӣ аз дунё чашм пӯшидааст.

# 2.АШЪОРИ ОҲАНГСОЗОН, ОВОЗХОНОНИ АФҒОНӢ ВА АЛОҚАМАНДОНАШ ДАР БОРАИ АҲМАД ЗОҲИР

Чи тавре, ки дар боло ишора кардем, дар бораи овозхони маҳбуб Аҳмад Зоҳир дар Афғонистон ва ё Эрон адибони ҳирфаӣ ва ё маъруф чизе гуфта бошанд ва ё не, ба мо маълум нест. Бояд гуфт, ки дар ин самт низ то он ҷое, ки имконият даст дода буд, аз сӯи мо ҷустуҷӯҳое сурат гирифтанд. Вале муттаасифона, чандон комёб нашудем. Ба мо муяссар шуд, ки танҳо чанд порчаи назмиеро, ки баъзе аз дӯстони Аҳмад Зоҳир аз ҷумлаи овозхонҳо ва оҳангсозон, инчунин мухлисонаш дар рӯзи вафот ва баъдан дар рӯзҳои таҷлили солгардҳои ба шаҳодат расиданаш гуфтаанд, гирдоварӣ намоем. Ин порчаҳои назмиро мо асосан аз барномаҳои радиоӣ ҷамъ овардаем. Дар манбаъҳои хаттӣ танҳо дар нашри сеюми китоби "Танҳо садост, ки мемонад" дар охир бидуни овардани номи муаллиф ва ишорае, ки ин шеър ба Аҳмад Зоҳир бахшида шудааст, шеъри оҳангсози маъруф Фазлаҳмади Найнавоз оварда шудааст, ки он ҳам нопурра ва дар шакли хато мебошад. Шояд бо айби чопхона бошад, ки аввали шеър дар охири китоб, дар саҳифаи 222 ва давоми он дар саҳифаи 202 чоп шудааст. Агар аз ҷиҳати бадеият ва талаботи шеърӣ дар ин порчаҳои назмии ҷамоварда нуқсонҳое вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале самимияти баланде дар онҳо эҳсос мешавад ва метавон гуфт, ки дар омӯзиши аҳвол ва осори Аҳмад Зоҳир аз аҳамияти вижае бархӯрдор ҳастанд.

## БА ҲАР СӮ МЕРАВАМ, АЙ ОШНО, МАН ДАР СУРОҒИ ТУ

Ба ҳар сӯ меравам, ай ошно, ман дар суроғи ту,
Вале аз ту суроғе нест,
На дар ин ҷо, на дар он ҷо.
Ба ёдам боз меояд, ки мегуфтӣ:
Ман аз ин остон азми сафар дорам.
Вале бовар намекардам,
Ба ёдам боз меояд, ки мегуфтӣ:
Барои нолаам танг аст ин дунё,
Ба қалбам хун ҳамеҷӯшад.
Ҷудо аз мо куҷо рафтӣ, чаро рафтӣ?
Чаро бе мо сафар кардӣ?
Чаро аз мо ҳазар кардӣ?
Ба қалби мо зи ҳаҷрат оташ афрӯхтӣ, рафтӣ,
Ва моро аз фурӯғи доғи ҳиҷрат сӯхтӣ, рафтӣ.
Сурудат бо ҳазорон нағмаи ҳастӣ,
Ҷаҳонро бурд дар мастӣ.
Шукӯҳат осмонӣ буд,
Вале ин дам зи ту ҷуз нағмаи овоз боқӣ нест.
Туро ай ошнои хуби ман,
Суруди ҳастии ҷовид мехондам.
Туро мағрур мехондам,
Вале аз дур садоят ошнои лаҳзаҳоям буд.
Маро чун қатраи ашке зи чашм андохтӣ, рафтӣ,
Вале, ай Зоҳири ҷон, инро барои хеш тӯҳмат сохтӣ, рафтӣ.
Зи ғам даври мазорат ашк мерезаму мегӯям,

Маро чун қатраи ашке зи чашм андохтӣ, рафтӣ.
Ту ҳам, ай нозанин қадре маро нашнохтӣ, рафтӣ,
Шабе дар хоб хоҳам дид, ки агар гӯи ҷавобамро.
Ки ман боз омадам, боз омадам,
Вале ҷои ту инҷо миёни мардумони холист.
Ва ёдат то абад боқист,
Ва боз меоӣ? Ҳаргиз намеоӣ, намеоӣ.

**Ин шеъри Фазлаҳмади Найнавоз, оҳангсози маъруфи афғон аст, ки дар 12-умин солгарди марги Аҳмад Зоҳир аз тариқи радиои Афғонистон садо додааст.**

## ЗОҲИР КУҶО РАФТӢ?

Зоҳир куҷо рафтӣ?
Бо мо чаро бастӣ?
Қалби азизонат,
Аз ғам ту бишкастӣ!

Ба марги бехабар дилҳо шикастӣ,
Ҳазорон марду зан дар ғам намудӣ.
Ҳамон вақте, ки тобути ту бурданд,
Замину осмон бар ту гиристанд.

Чи ғавғои бидидам бар мазорат,
Тамоми ҳамватанҳо дар канорат.
Ҳама гуфтанд, ки Зоҳирҷон намурдааст,
Вале афсӯс, сад афсӯс, сад афсӯс.

Мазорат меравам бо оҳу афғон,
Садоят мекунам Зоҳир ба гирён.
Ба сели ашк шӯям ман мазорат,
Амонёрат ҳамеша доғдорат.

**Марсияи овозхон ва журналист Забеҳуллои Амонёр, дар рӯзи солгарди аввали марги Аҳмад Зоҳир бо оҳанги "Худо бувад ёрат" гуфтааст.**

## ЗОҲИР БИМУРДУ ҲАНҶАРААШ ҶОВИДОНА МОНД

Зоҳир бимурду ҳанҷарааш ҷовидона монд,
Ин захми марги ӯ ба ҳама қалбҳо нишона монд.

**Ин байтро Рӯёҷони Доро, яке аз алоқамандони таронаҳои овозхон дар рӯзи таҷлили 6-солагии марги Аҳмад Зоҳир аз тариқи радиои Афғонистон гуфтааст.**

## ОН АҲМАД ЗОҲИРЕ, КИ НАЁБИЯШ ҶУЗ ДАР ОСМОН.

Рӯзе аз рӯзҳои фасли баҳорон,
Аҳмад Зоҳир гашт нопадид аз миёни ёрон.
Он Аҳмад Зоҳире, ки наёбияш ҷуз дар осмон,
Дар шишаи қалбҳо монд  хотирааш ҷовидон.

**Ин порчаи назмиро Нозияҷон, яке аз ҳаводорони таронаҳои Аҳмад Зоҳир дар рӯзи таҷлили 6-солагии марги овозхон аз тариқи радиои Афғонистон гуфтааст.**

## ОХИР ШИКАСТ БОДИ АҶАЛ ШОХИ АРҒУВОН

Афсӯс рафт аз сафи мо Зоҳири ҷавон,
Охир шикаст боди аҷал шохи арғувон.
Ай чархи кинасӯз, чаро кардаӣ чунин?
Бингар зи марги Зоҳири мо нолаву фиғон.
Ай хоки тира, ҳар чи дилат хост, кун, вале
Дигар чунин ҷавон ту макун дар дилат ниҳон.

**Ин марсияро Раҳими Меҳриёр, овозхони шинохтаи афғон дар солгарди аввали марги Аҳмад Зоҳир гуфтааст.**

## ДАР ҲАР КУҶО, КИ БУДЕМ, ЗОҲИР БА ЧАШМИ МО БУД

Ай осмони сангдил, тақдири дил мадоро,
Бурдӣ ба номуродӣ он нури чашми моро.

Дар ҳар куҷо, ки будем Зоҳир ба чашми мо буд,
Дар маҳфили азизон, дар ҷамъи шамъи дилҳо…

**Ин марсияро овозхонон Ҳабиб Шариф ва Аҳмад Ҷовид дар солгарди дуввуми марги Аҳмад Зоҳир аз тариқи барномаи "Даричаи зиндагӣ"-и радиои Кобул сурудаанд.**

**Мутаассифона, матни пурраи он дар даст нест.**

## ЗОҲИРИ ЗЕБО КУҶОСТ?

Қалби мо холист, холӣ,
Дилбари дилҳо куҷост?
Хоки тира аз ту пурсам,
Зоҳири зебо куҷост?

Ашки гарми ман чаро,
Дар дида маъво кардааст?
Хуни дил ман аз ту пурсам,
Он чакиданҳо куҷост?
Хоки тира аз ту пурсам,
Зоҳири зебо куҷост?

Қалби мо холист, холӣ,
Дилбари дилҳо куҷост?
Хоки тира аз ту пурсам,
Зоҳири зебо куҷост?

**Ин марсияро хонум Ҳангома,овозхони хушсадои афғон дар солгарди нахустини марги Аҳмад Зоҳир сурудааст.**

## АЙ ДАР САДОТ НАРМИИ БОРОН

Ай дар садот нармии борон,
В-ай дар гулӯт атри баҳорон.
Наҷвогари таронаи инсон,
Ай ҳиҷратат ба фасли гиёҳон.
Захме нишаста дар дили як ҷаҳон…

**Дар солгарди дуввуми марги Аҳмад Зоҳир наттоқи радиои Кобул гуфтааст. Муттаассифона, муаллифаш маълум нест.**

## АЙ ЗОҲИРИ АЗИЗ, КИ РАФТИВУ ЗОҲИРӢ

Ай булбули ягонаи фасли таронаҳо,
Ай хуштарин навогари асру замонаҳо.
Мотамсаро ба рафтани ту гашта базми ишқ,
Ногуфта монда бар лаби шодат фасонаҳо.
Шӯру суруру мастиву шавқу тараб ҳама,
Берун кашида по зи ғамат з-ошёнаҳо.
Ай Зоҳири азиз, ки рафтиву зоҳирӣ,
Ҳамчу хуҷаста ахтаре бар бекаронаҳо.

**Ин марсияро Абдуллоҳ Шодком, овозхони хушсалиқаи афғон дар солгарди 5-ум марги Аҳмад Зоҳир гуфтааст.**

**Воҳид Залонд, дӯсти Аҳмад Зоҳир, хонандаи маъруфи афғон низ ин шеърро ба истисноӣ байти саввумаш дар як солгарди марги овозхон сурудааст.**

## РАФТИВУ НАҚШИ ПОЙИ ТУ ДИДАМ ГИРИСТАМ

**Шаҳдрез:**
Хушк шуд з-оташи ғам ашк ба чашм,
***Гиря ҳам як дили хуш мехоҳад.***
Рафтиву нақши пойи ту дидам гиристам,
Номи туро зи ҳар кӣ шунидам гиристам.
Гардид сарфи гиря саропойи чашми ман чу шамъ,
Поёни кори хеш надидам гиристам.
Расвои гиря аз чи шавам шамъ нестам,
Аз базми ӯ канора гузидам, гиристам.

**Шаҳдрез:**
Ҳаргиз даме зи ёди ту ғофил набудаем,
***Ё бурдаем номи туро ё шунидаем.***

Воқиф гузашт умри гиромиву ман зи дард,
Доман ба фарқи хеш кашидам гиристам.

**Шаҳдрез:**
Ҳазор бор қасам хӯрдаам, ки номи туро,
***Ба лаб наёварем, аммо қасам ба номи ту буд.***

**Суруди овозхони маъруфи афғон Ношинос, ки дар рӯзи дуввуми марги Аҳмад Зоҳир сурудааст. Матни ғазал аз Воқифи Лоҳурӣ**

## ҲАНӮЗ АЗ ҲАФТ ШАҲРИ ОСМОН ОЯД САДОИ ТУ.

Зи шаҳри мо сафар кардӣ ту рафтӣ дури дур, аммо,
Танинандози  шаҳри мост овози расои ту.
Агарчӣ нестӣ андар замини хокиён, аммо,
Ҳанӯз аз ҳафт шаҳри осмон ояд садои ту.
На овоест он к-аз сина берун мекашӣ, ай ҷон,
Шарори сӯзи дил дорад навои ту, навои ту.
Туро дерест ҷоно, синаи хок аст, манзилгоҳ,
Ҳанӯз аз бӯи хок ояд садои ошнои ту.
Ба оҳангу ба мусиқори зебои ту менозам,
Ҳазорон шурӯ ғавғо мечакад аз чангу нои ту.
Намедонӣ чи оташ мезанад дар қалби хунинам,
Навои ту, самои ту, нидои ту, садои ту.
Ту рафтиву ҳанӯз аз чашми ёрон ашк мерезад,
Ба ёди талху ширин рӯзҳову лаҳзаҳои ту.

**Шеъри Мустафо Сиддиқӣ, наттоқи радиои "Армон"-и Кобул. Соли 2004 дар 25-умин солгарди  марги Аҳмад Зоҳир гуфтааст.**

## САДОИ Ӯ ТАНИНИ БУЛБУЛОН БУД

Бирафта Зоҳири мо аз бари мо,
Ҳунарманди ҷавону сарвари мо.
Садои ӯ танини булбулон буд,
Навои ӯ суруши осмон буд.
Чу булбул шӯр буд андар навояш,
Ба дилҳо ҷон мебахшид садояш.
Навояш гармии гироие дошт,
Ба лаҳни дилкашаш зебоие дошт.
Тараннумҳои шодаш ҷонфизо буд,
Сурудаҳои нобаш дилкушо буд.
На танҳо сӯз буд андар садояш,
Аҷаб шӯру шарар буд дар адояш.
Суруде гар ҳамехондӣ ба манзил,
Аз он будӣ ҳамаро шӯр дар дил.
Сурудҳои хуши мастона мехонд,
Ғазалро ӯ басе ҷонона мехонд.
Худаш шоду сурудаш шод будӣ,
Зи оҳангаш ҳама дилшод будӣ.
Агар дар маҷмаъи овоз мехонд,
Ба хости насли нав дамсоз мехонд.
Навояш ҷумла шӯрангез будӣ,
Ба халқ нек меҳрангез буд.
Ба ҳар ҷое, ки хондӣ садое,
Хиҷил мегашт булбул аз навое.
На танҳо дӯстдоронаш буд афғон,
Бирав қадраш нигар дар Тоҷикистон.

На ин ки тоҷикон хушдори ӯянд,
Ҳама ирониён дӯстдори ӯянд,
Ба ҳар ҷо ҳар ки медонад ҳунарро,
Ситоиш мекунад ӯ ин ҳунарро,
Вале чархи замон номард бошад,
Дилаш аз меҳр дилсард бошад.
Ҳама яксар ба коми золимон аст,
Ҳаводори хасону нокасон аст,
Шунидам ман, ки дар Соланги зебо,
Кашонидан пойи Зоҳири мо.
Ба дастури шайёдони замона,
Варо куштанд  ба шакли золимона.
Дасиса рехтандӣ моҳирона,
Дареғо, ҳасрато, нобихрадона.
Касе гуфтӣ дасисаро Талун рехт,
Бирехт аммо ба шакли вожгун рехт.
Талун гар омили ин кори дун шуд,
Бидидӣ ӯ худаш ғарқа ба хун шуд.
Дило ту ин суханро нек медон,
Бувад одил Худои оламиён,
Равонат шод бодо Зоҳири мо,
Тӯйи тоҷи ҳунар дар кишвари мо.

**Шеъри Саид Мақсуди Бурҳон, собиқ корманди Радиои Афғонистон**

## ЁДИ ТУ ЗИНДА АСТ ДАР АМВОҶИ СОЗҲО

Ман ба кадом забон бигӯям ту нестӣ,
Ҳастӣ миёни мову нагӯям, ки нестӣ.
Ёди ту зинда аст дар амвоҷи созҳо,
Истода гарчи рӯ ба рӯям ту нестӣ.
Ҳар сол то баҳор биёяд ту зиндаӣ,
То ман гули баҳор бибӯям, ту нестӣ.

**Шеъри Ҳашмат Умед, шоири муосири афғон**

**Ин шеърро соли 2007 дар солрӯзи таваллуди Аҳмад Зоҳир овозхони маъруфи афғон хонум Парасту дар Гамбурги Олмон аввал қироат кардааст ва баъдан бо оҳанг хондааст.**

## ЗОҲИР НАШУД ДИГАР, ВАЛЕ АЗ ХУД НИШОНА МОНД

Зоҳир агарчӣ рафт ҳунараш ҷовидона монд,
Дар қалби дӯстон зи ғами ӯ нишона монд.
Ин марди боҳунар ба ҳунар дар дили ҳама,
Рафт аз миёни мову садояш ба хона монд.
Ҳар ҷо ба бенавову ситамдида ёр буд,
Зоҳир нашуд дигар, вале аз худ нишона монд.
Ҳаргиз надидаем чу Зоҳир дар ин замон,
Овозу шеъри хуби ту ҳарҷо тарона монд,
Дар мушкилоти зиндагиву гирудори даҳр,
Настӯҳ шудиву рози дилат ошиқона монд.

**Карим Настӯҳ, шоири афғон, муқими шаҳри Ванкувери Канада**

# МАРСИЯҲО
# ДАР СӮГИ АҲМАД ЗОҲИР

Абри сиёҳу маст бо раъду барқу ғуриши тӯфон фаро расид,
Дар Осмони софи ҳунар ҳар тараф давид.
Оташ ба ошиёну муҳити ҳунарварон,
Бо шӯълаҳои тунду фалаксӯзи худ ҷаҳид.
Имшаб ситорагон бас бефурӯғу музтарибу зору хастаанд.
Парвин сиёҳ чодари ғам карда рӯи хеш,
Зӯҳра чунон гирист, ки хунаш ба ҷойи ашк,
Чун сели хунфишон равон шуд ба сӯи Моҳ.
Бечора Муштарӣ афсӯси оҳи хеш зад оташ ба ҷони дил,
Афсурда Ахтарон дар саҳни осмони ҳунар зору беқарор.
Ашки Ситорагон чун сели хун равон шуду оташ фурӯ нишаст.
Ин осмони пурғаму андӯҳи бекарон, ин осмони мост,
Ин осмони маҳфили мотамсарои мост.
Ин ҷумла ахтарон, яъне ҳунарварон,
Яъне ҳунарварони ғамини муҳити мо мотам гирифтаанд

***

Боғ имшаб сарду бешӯру наво,
Андалебон сар ба зери боли ғам,
Булбулон афсурдаву зору дижам.
Сарв ларзон қоматаш хам кардааст.
Қумриён барпо ба гулшан шурӯ мотам кардаанд.
Хун аз чашми ҳазорон меравад,
Ҳамчу рӯҳе к-аз тану ҷон меравад.
Хунҳои гармашон аз чашми дил,
Гаҳ ба доман, гаҳ ба рӯи барги ларзон медавад.

Имшаб аз мотам Гулоби лаълранг,
Сар ба дӯш афкандаву чун ғунчаҳо,
Бо дили пурдарду ранҷу изтироб,
Менамояд хонаи булбул хароб.
Баргҳои нозуку пажмурдааш,
Дарди дил ба рӯи шабнам бастаанд.
Қалби пурхуни ҳунармандони шаҳр,
Аз ғаму мотам кунун бишкастаанд.

***

Хонақаҳ ҷое, ки ушшоқи фано,
Ишқ меварзанд бе шайду риё.

Хонақаҳ ҷое, ки масти ваҳдатанд,
Аз худӣ берун маҳви фитратанд.

Хонақаҳ ҷое, ки дил дар сӯзу соз,
Сӯзҳо дорад  бо аҷзу ниёз.

Хонақаҳ ҷое, ки сӯзи созҳо,
Месарояд аз ду  олам розҳо.

Хонақаҳ ҷое, ки ҳукми мустаманд,
Мекунад дарро ба рӯи хоҷа банд,

Хонақаҳ ҷое, ки дил аз иртибот,
Медиҳад танро қарору ҳам субот.

Хонақаҳ мулки дили бечорагон,
Маъману маъвои ин уфтодагон.

Хонақаҳ аз кизб мебошад barӣ,
Хонақаҳ  меҳру вафову дилбарӣ.

Хонақаҳ аз дил ҳикоят мекунад,
Аз ғурури тан шикоят мекунад.

Хонақаҳ ҷои гул аст, аз хор нест,
Хонақаҳ ҷавлонгаҳи ағёр нест.

Хонақаҳ  меҳру вафо мепарварад,
Тифли дилро бо сафо мепарварад.

Ман намедонам чаро имшаб, чаро?
Хонақаҳ хомӯшу  бе шӯру садо.

Ҳам зи най сӯзе намеояд ба гӯш,
Не зи чаштиён касе дорад хурӯш.

Ман намедонам чаро соҳибдилон,
Менаноланд зор мисли булбулон.

Ман намедонам чаро сӯзу гудоз,
Аз ниҳон имшаб бурун н-ояд зи ноз.

Бас сарозераст   ашки чаштиён,
Ҳамчу сел аз чашми ин соҳибдилон.

Мутрибон зору хароб уфтодаанд.
Чаштиён дар изтироб уфтодаанд.

Ашк чун фаввора аз чашмонашон,
Мерасад бар арсаи домонашон.

Гуфт мутриб бо  дили ларзон чунин:
"Моҳи чаштиён ниҳон шуд дар замин".

Дар хароботи харобободи мо,
Ғам намуда рахна дар бунёди  мо.
Ҳар тараф овози сози пурғам аст
Ин навои Най суруди мотам аст.
Дилрабо фарёди ғам орад бурун,
Қисса мегӯяд зи вазъи Бесутун.
Навҳа меборад зи оҳанги Рубоб,
Мурғи дил дар сина месозад кабоб.
Табли мотам мезанад устоди мо,
Қиссаи Мансур орад ёди мо.
Нола дар печад ба оҳанги Ситор,
Чун навои синаҳои доғдор.
Най кунун оташфишонӣ мекунад,
Бармало рози ниҳонӣ мекунад.
Нолаи Танбӯру тори Арғанун,
Мекашад дилро ба саҳрои ҷунун.
Соқии мастона бо нозу ниёз
Ишвае карду бигуфто: "Соз,  соз".
Ман  намедонам чаро сози ғам аст.
Дар раги ҳар тор гӯӣ мотам аст.
Ин харобобод зиндон гаштааст,
Ҳам сарои ҷумла риндон гаштааст.
Сар бурун овард аз оғӯши ғам,
Пири ботадбир гуфто: "Ай санам

Як назар кун, бин сафои мо куҷост?
Партави меҳру вафои мо куҷост?
Нури чашми дӯстони мо, чӣ шуд?
Дилбари пири муғони мо чӣ шуд?
Нолаи мо, нағмаи мо, сози мо,
Дилбари мо, ишқи мо, дамсози мо,
Ҳасрато, акнун ки сур аз соз рафт,
Мастӣ ҳам аз най, ҳам аз овоз рафт.
Зоҳир, ай ёри вафодори ҳунар,
Бо ғурубат нағмаҳо шуд беасар.
Ай рафиқи сарзамини созу чанг,
Нолаҳоят созҳоро дод ранг.
Ай рафиқи сарву боғу бӯстон,
Ай ту нури дидаи пиру ҷавон.
Мо зи созат сӯзҳо андӯхтем,
Машъале дар анҷуман афрӯхтем.
Ай вафодори ҷаҳони ишқу роз,
Ай навопарварда булбул нағмасоз.
Ай навоят бозгӯи розҳо,
Ай ту ҷони мо навои созҳо.
Рафт дил аз синаам бо рафтанат,
Сар фидои ҷойгаҳи хуфтанат.

**Муаллифи марсия маълум нест. Онро аз барномаи ёдбуди Аҳмад Зоҳир, ки соле баъд аз вафоти ин хунёгар аз тариқи радиои Кобул садо додааст, сабт ва рӯи коғаз овардем.**

## МОҲИ ОСМОНИ ҲУНАР

Зоҳир, ай моҳи осмони ҳунар,
Марги ту мавсими хазони ҳунар.
Ҳамчун кавкабе дурахшидӣ,
Чанд гоҳе бар осмони ҳунар.
Хабари марги нобаҳангомат,
Кард мотамсаро ҷаҳони ҳунар.
Ҷисми хунёгарат ба хун ғалтид,
Пеши чашмони дуздони ҳунар.
Қалби ман гиря мекунад инак,
Бар мазорат, ай нишони ҳунар.

**Овозхони афғон Шаҳно Илёс ин ғазалро дар маҳфиле, ки аввалхои моҳи июни соли 2007 дар Ҳамбурги Олмон баргузор гардидааст, хондааст.**

## САДОЯТ ЧУН САДОИ ОБШОРОН

Садоят чун садои обшорон,
Равони хастаро ором созад.
Бибахшад мастиву шӯре, ки танро,
Раҳо аз бодаву аз ҷом созад.

Чу хунёгар ба дунё ном гирифтӣ,
Чи зуд дар зери хок ором гирифтӣ.
